Бо қарори директори Агентии
амнияти ядрой ва радиатсионии
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
аз «3 » декабри  соли 2020, № 88
тасдиқ гардидааст

# МЕЪЁР ВА ҚОИДАҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ СОЛИМГАРДОНИИ МИНТАҚАҲОЕ, КИ БО МАВОДИ РАДИОАКТИВӢ ОЛУДА ГАРДИДААНД

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Меъёр ва қоидаҳои гузаронидани солимгардонии минтақаҳое, ки бо маводи радиоактивӣ олуда гардидаанд (минбаъд - Қоидаҳо) қоидаҳои асосиро нисбати муҳофизати одамон аз таъсироти афканишоти ионофар айни замон ва дар оянда, ҷиҳати бехатарии муомилот бо маводи радиоактивии пайдоиши табиӣ ва бо партовҳои радиоактивӣ, муҳофизати муҳити зист, инчунин нисбати иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии давлат оид ба бехатарии радиатсионӣ муайян менамояд.

2. Ин Қоидаҳо барои озод кардани шахси ҳуқуқӣ аз масъулият оид ба истифода намудани ҳама гуна амалҳои иловагӣ, ки метавонанд барои ҳифзи саломатӣ ва бехатарии одамон мувофиқ ва зарур бошанд, пешбинӣ карда нашудааст.

3. Амалиёт оид ба солимгардонӣ бояд тамоми қадамҳои оқилонаро ҷиҳати минбаъд пасттар аз сатҳи муқарраршудаи референтӣ нигоҳ доштани шуоъхӯрӣ барои шахси репрензативӣ аз аҳолии маҳал пас аз анҷоми солимгардонӣ, дар бар гирад.

## 2. ИСТИНОДҲОИ МЕЪЁРӢ

4. Қоидаҳои мазкур мутобиқи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии радиатсионӣ", моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи истифодаи энергияи атом», моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» ва банди 6 Низомномаи  танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти радиатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2004, таҳти №482 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст. Ғайр аз ин, ҳангоми таҳияи Қоидаҳои мазкур меъёрҳои байналмилалии асосии бехатарии Агенти Байналмиллаии Неруи Атомӣ (АБНА) оид ба муҳофизати радиатсионӣ ва бехатарии манбаъҳои афканишот истифода гардидаанд.

5. Қоидаҳои мазкур бо мақсади татбиқи Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024 ва Барномаи татбиқи Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба барқарорсозии партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2016-2024 таҳия шудааст.

## 3. МАФҲУМИ АСОСӢ

6. Дар Қоидаҳои мазкур мафҳуми зерин истифода карда мешаванд:

- ҳолати шуоъхӯрии мавҷуда- ҳолате, ки дар он шуоъхӯрӣ аллакай вуҷуд дорад ва замоне ки қабули қарор оид ба ҷорӣ намудани назорати зарур мебошад;

- сатҳи референтӣ - ин сатҳи доза ё консентратсияи фаъолиятест, ки аз болои он ба нақша гирифтани таъсири қобили қабул ғайриимкон аст ва дар зери он бояд оптимизатсияи муҳофизат ва бехатарӣ идома ёбад;
- ҳолати ниҳоӣ – ин мақоми ниҳоии майдон (ё минтақа) дар анҷоми фаъолияти азистифодабарорӣ ва ё солимгардонӣ бо дар назар доштаи тасдиқи шароити радиологӣ ва физикии майдонҳо ва сохторҳои пасмонда мебошад;
- минтақаҳои олудашуда - минтақаи (замин ва обанборҳои дар минтақаҳои саноатӣ, минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ ва минтақаҳои мушоҳида) объектҳои истифодабарии энергияи атомӣ, ки дорои миқдори зиёди моддаҳои радиоактивии аз миқдори ҳадди ақали муқаррарнамудаи меъёрҳо ва қоидаҳои соҳаи истифодаи энергияи атом мебошанд ва метавонанд ба шуоъхӯрӣ расонанд;
- ҷониби масъул – ташкилоте, ки барои иҷрои кори муайян ё ягон чиз масъулиятро ба дӯш гирифтааст;
- назорати институтсионалӣ - ташкил ва татбиқи назорат ва мониторинг аз ҷониби оператор ё ҷониби масъул барои тасдиқи самаранокии корҳои солимгардонӣ дар вақти гузаронидани онҳо ва пас аз онҳо;
- ресептор – ин шахсоне, ки метавонад дозаи шуоъхӯриро аз манбаъ бо тарзҳои гуногун дар модели консептуалии майдон ё минтақа қабул намоянд;
- модели консептуалии мавзеъ ё минтақа – ин тавсифи манбаъҳои асосӣ, роҳҳои шуоъхӯрӣ ва робитаҳои онҳо бо ретсепторҳо ва модели мувофиқи миқдории майдон ё минтақа мебошад, ки омилҳо ва параметрҳои майдон ва минтақаи мушаххасро ба назар мегирад;
- оператор – ташкилоте, ки дар асоси иҷозатнома метавонад лоиҳаи солимгардрниро таҳия намояд ва корҳои солимгардониро дар майдон ё минтақаи мушаххас анҷом диҳад;
- сатҳи назоратӣ - арзиши миқдори дозаи назоратшаванда, тавоноии доза, олудагии радиоактивӣ ва ғайра, ки барои назорати амалии радиатсионӣ муқаррар карда шудааст, бо мақсади таҳкими сатҳи бадастовардашудаи амнияти радиатсионӣ, таъмини минбаъдаи шуоъхӯрии кормандон ва аҳолӣ, олудашавии радиоактивии муҳити зист;
- дозаи ҳудудӣ - ин арзиши дозаест, ки зимни оптимизатсияи муҳофизат ва бехатарӣ аз ҷониби шахс ё ташкилоти масъули иншоот ё фаъолият муқаррар карда мешавад;
- муҳофизати мустақилона - ин амалиётҳое мебошанд, ки онҳоро аҳолӣ бо маслиҳати ҷониби масъул, мақоми танзимгар ва дигар мақомоти ҳокимият метавонад мустақилона иҷро намояд;
- сатҳи мудохила - сатҳи омили радиатсионӣ ҳангоми баланд шудани он бояд тадбирҳои муайяни муҳофизатӣ андешида шаванд;
- истифодаи маҳдуд - маънои истифодаи минтақа ё маводро, ки ба шарти риояи маҳдудиятҳо бо мақсади таъмини муҳофизати радиатсионӣ ва бехатарӣ барои муайян кардани истифодаи минбаъда ҷорӣ карда шудааст.

## 4. СОҲАИ ТАТБИҚ

7. Қоидаҳои мазкур барои ба танзим даровардани тамоми самтҳои солимгардонии майдонҳо ва минтақаҳои бо маводи радиоактивӣ олудашуда ва партовҳои радиоактивии ба онҳо алоқаманд пешбинӣ карда шудааст. Қоидаҳои мазкур тамоми ҳолатҳои алоқаманд ба дастгоҳҳо ва фаъолияти мансуб ба майдонҳо ва минтақаҳои олудашударо фаро мегирад. Қоидаҳои мазкур пешниҳод намудани муқаррароти ба банақшагирӣ ва амалисозии солимгардонии майдонҳо ва минтақаҳое, ки дар натиҷаи фаъолият ва воқеаҳо дар гузашта зарар дидаанд, мебошад.

8. Қоидаҳои мазкур барои истифода аз ҷониби вазорату идораҳо, мақоми танзимгар, ташкилоти баистифодабаранда ва дигар ҷонибҳое, ки дар солимгардонии майдонҳо ва минтақаҳо иштирок мекунанд ва ба раванди барқарорсозӣ дар минтақаҳои дар натиҷаи фаъолият ё воқеаҳо дар гузашта зарардида мусоидат менамоянд, пешбинӣ гардидааст.

9. Қоидаҳои мазкур доираи васеи вазъият ва ҳолатҳоеро, ки онҳо солимгардонро талаб менамоянд, фаро мегирад. Зимни иҷрои қоидаҳои пешбинигардида хусусиятҳои хоси вазъи мушаххас ва ҳолатҳои баамаломада ба инобат гирифта шаванд. Масалан, ҳолатҳое, ки дар он солимгардонӣ пас аз садама ё воқеа (масалан, кори ғаразнок) банақшагирӣ ва амалӣ карда мешавад, аз ҳолатҳои солимгардонӣ барои минтақаҳои аз фаъолияти қаблӣ зарардида метавонад фарқ кунад.

10. Соҳаи татбиқи ин Қоидаҳо тамоми ҷанбаҳои солимгардонии майдон ва ё минтақаҳоеро, ки дар натиҷаи фаъолияти қаблӣ ё дар натиҷаи садама ё амалиётҳои бе рухсат, бадқасдона ва ноқасдона, ки метавонанд сабаби шуъохӯрии дурударози радиатсионӣ гарданд, зарар дидаанд, мебошанд. Дар матни ин Қоидаҳо истилоҳи «минтақа ва майдонҳо» маънои умумиро дар назар дорад, ки мавқеи ҷуғрофӣ ё минтақаро дар якҷоягӣ бо ҳама гуна биноҳо, иншоот, биота ва ё хусусиятҳои ба он хоси экологии онҳоро ифода мекунад. Онҳо метавонанд манзараҳои шаҳр ва деҳот; минтақаҳои саноатӣ, минтақаҳои кишоварзӣ, маҳалҳои истиқоматӣ; иншооти обӣ ва ё минтақаҳои табиии қаблан ташвишовар набуда ва метавонанд хусусиятҳои маҳаллиро дар боло ё дар сатҳи он дар бар гиранд. Онҳо метавонанд ландшафтҳои шаҳрӣ ва деҳавӣ, минтақаҳои саноатӣ, кишоварзӣ, истиқоматӣ; обанборҳо ва/ё минтақаҳои табиии қаблан дастнорас, ҳамчунин ашёи маҳаллиро дар сатҳ, боло ва зери онро дар бар гиранд. «Минтақа» одатан паҳноҳои ҷуғрофи фарох ва мухталифро дар бар гирифта, нисбат ба «майдонҳо» маҳдудтар мебошанд. «Майдон»-ро ҳамчун «минтақа»-и маҳдуд ҳисобидан мумкин аст. Истилоҳи «минтақа» дар марзҳои худ «майдонҳо»-ро фаро мегирад. Майдон ва минтақаҳо метавонанд дар гузашта ва айни замон зери назорати танзимӣ қарор дошта бошанд ва ё набошанд.

11. Барқарорсозии муҳити зист, ки он қисми ҷудонопазири барқарорсозӣ дар баробари солимгардонӣ мебошад, аз чаҳорчӯбаи Қоидаҳои мазкур берун аст.

12. Дар ин Қоидаҳо муқаррарот оид ба амалиётҳо нисбат ба солимгардонӣ ва дар мавридҳои зарурӣ, оид ба амалиётҳои дигари муҳофизатвӣ мутобиқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии радиатсионӣ", "Дар бораи муомулот бо партовҳои радиоактивӣ" ва Силсилаи меъёрҳои АБНА бехатарӣ № SF-1 пешниҳод шудаанд. Принсипҳои асосии бехатарӣ барои кам ё бартараф кардани шуоъхӯрии дарозмуддат (ва ё

эҳтимолияти ин  шуъохӯрӣ), ки боиси олудашавӣ гардида метавонад, пешбинӣ гардидаанд. Дар ин ҷо амалҳои барқарорсозӣ, аз қабили хориҷ кардани манбаи афканишот ва амалҳои муҳофизатӣ барои коҳиш додани саҳми роҳҳои мушаххаси шуоъхӯрӣ, аз қабили тавсияномаҳо  нисбат ба истеъмол ва маҳдудиятҳо ба тақсимот ва фурӯши маҳсулоти ғизоии олудашуда, ки дар ин минтақаҳо истеҳсол карда мешаванд ва маҳдудсозии дастрасӣ ба минтақаҳои зарардида ё истифодабарии замин дохил мешаванд.

13. Қоидаҳои мазкур нисбати безараргардонии минтақаҳо дар доираи корҳои аз истифода баровардани иншоот, ки мутобиқи шартҳои иҷозатномавии расмӣ мунтазам таҳти назорати танзимӣ қарор доранд, дахолат намекунад. Онҳо инчунин ба маҳкамкунии нақшавии иншооти гӯрониш, аз ҷумла иншооти мансуб ба корҳои иҷозатдодашудаи кӯҳӣ ва рӯйдодҳое, ки боиси олудашавии майдонҳои маҳдуди минтақаҳои иншооти иҷозатдодашуда дар ҳолате дахл доранд, ки чунин рӯйдодҳо қисми фаъолияти пешбинишуда ҳисобида шаванд. Ғайр аз ин, Қоидаҳои мазкур ба такмилдиҳии (модернизатсия)-и иншооти мавҷуда оид ба гӯронидан дахл надорад.

14. Ин Қоидаҳо аз истифода баровардани иншоот татбиқ карда намешавад. Аз истифода баровардани раванди иҷозатдодашуда мебошад, ки асосан ба дезактиватсия ва таҷзия (демонтаж) кардани конструксия, системаҳо ва ҷузъиёти иншоот ва ба дезактиватсия ва вайрон кардани биноҳо равона карда шудааст. Солимгардонӣ фаъолиятеро, ки ба аз истифода баровардан монанд аст, метавонад дар бар гирад. Ҳам солимгардонӣ ва ҳам аз истифода баровардан одатан дар асоси иҷозатнома амалӣ карда мешаванд, метавонанд дорои биноҳо ва иншооте бошанд, ки ҳангоми бекоркунӣ вайрон карда шудаанд (масалан, безарарсозӣ ва барҳамдиҳӣ). Майдонҳои саноатии партофтшуда ва айни замон ғайрирасмӣ, мисли собиқ иншооти истихроҷ ва ғанигардонии уран ва собиқ корхонаҳо оид ба коркарди радий, метавонанд дорои биноҳо ва иншооте бошанд, ки ҳангоми аз истиффода баровардан вайрон карда шудаанд (масалан, дезактиватсия ва демонтаж). Бо вуҷуди ин, чунин фаъолият ҳамчун як қисми солимгардонии майдонҳо ҳисобида мешаванд ва одатан ҳамчун як қисми махсуси нақшаи солимгардонӣ, ки барои майдони мушаххас таҳия гардидааст, амалӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, чунин фаъолиятҳо ба доираи амали Қоидаҳои мазкур дохил мешаванд.

15. Ҳамчунин майдонҳое метавонанд вуҷуд дошта бошанд, ки дар онҳо назорати танзимӣ то сатҳи мутобиқ ба меъёрҳои амалкунанда тағйир ёфтааст, вале аз сабаби фаъолиятҳои қаблӣ дар онҳо олудагиҳо боқӣ мандааст. Инчунин ин метавонад ба корҳо оид ба аз истифода баровардан, ки онҳо бояд дар як қисми майдон иҷро карда шаванд ва корҳо оид ба солимгардонӣ дар қисмати дигари ҳамон майдон амалӣ карда шаванд, мансуб бошад. Дар чунин мавридҳо баъзе объектҳоро дар қолаби вазъи шуоъхӯрии нақшавӣ метавон идора намуд ва барои онҳо минтақаҳои дозавӣ ва маҳдудиятҳои дозавӣ муқаррар ва амалӣ карда мешаванд, вале ҳамчунин заминҳои олудашудае метавонанд мавҷуд бошанд, ки онҳоро ба сифати ҳолати шуоъхӯрии мавҷуда баррасӣ барои онҳо сатҳҳои назоратӣ муқарррар ва татбиқ карда мешаванд.

16. Қоидаҳои мазкур дар ҳолатҳое, ки объект дучори таъсири ҳодисаҳо (рӯйдодҳо) гашта, вале таъмир карда шуда, ба ҳолати истифодабарӣ баргардонида шудааст, амалӣ карда намешавад.

17. Ин Қоидаҳо ба муҳофизат аз хатарҳои радиатсионӣ нигаронида шудааст. Зимни гузаронидани солимгардонӣ ҳамчунин ба инобат гирифтани хатарҳои ғайрирадиологӣ, аз қабили хатарҳои физикӣ ва химиявӣ ва дигар омилҳо (масалан, омилҳои иқтисодӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ ва рӯҳӣ барои ҷомеаҳои зарардида, таъсирот ба муҳити зист), ки онҳо бояд тибқи қоидаҳои алоҳида назорат карда шаванд, ба инобат гирифта шавад. Гарчанд хатарҳои ғайрирадиологӣ ва баъзе омилҳои дигар ба соҳаи татбиқи ин Қоидаҳо ворид намешаванд, баъзе аз тавсияномаҳо ҳамчунин ба хатарҳои ғайрирадиологӣ то дараҷае мансубанд, ки масъалаи ҳамбастагии чораҳои гуногуни назорат барои навъҳои гуногуни хатарҳо бояд баррасӣ карда шаванд.

18. Муқаррароти Қоидаҳои мазкур ба тарҳрезии умумӣ барои вокуниши садамавӣ ё барқарорсозии дарозмуддат пас аз ҳолати садамавии ядроӣ ва радиатсионӣ дахолат намекунанд. Аммо дар Қоидаҳои мазкур масъалаҳои тарҳрезии солимгардонӣ дар доираи амалиётҳои вокуниши садамавӣ ва барқарорсозии дарозмуддат нисбат ба ҳодисаҳое баррасӣ шудаанд, ки боиси олудашавии қитъаҳои маҳдуди иншоот мегарданд ва онҳоро дар доираи фаъолияти пешбинигардида метавонанд амалӣ карда нашаванд, ҳангоме ки объект зери назорати танзимӣ қарор дорад.

## 5. ТАТБИҚИ ПРИНСИП ВА КРИТЕРИЯҲОИ МУҲОФИЗАТИ РАДИАТСИОНӢ

19. Одамон ва муҳити зист айни замон ва дар оянда бояд аз хатарҳои радиатсионӣ муҳофизат карда шаванд. Хатарҳои радиатсионӣ метавонанд аз ҳадди марзҳои миллӣ бароянд ва метавонанд дар муддати давраи дурударози вақт боқи монанд. Ҳангоми арзёбии мутобиқатии чораҳо оид ба назорати хатарҳои радиатсионӣ бояд оқибатҳои имконпазири амалиётҳои ҷорӣ айни замон ва дар оянда баррасӣ карда шаванд. Чораҳои муҳофизатӣ оид ба коҳиш додани хатарҳои радиатсионии мавҷуда ё танзимнашаванда бояд асоснок ва муносиб гардонида шаванд.

20. Амалиётҳо оид ба солимгардонӣ метавонад аз ҷониби кормандони омӯзонидашуда ё дар баъзе мавридҳо, аз ҷониби шахсон аз қабили аҳолӣ (масалан, ризокорон яъне волонтёрҳо) амалӣ карда шаванд. Соҳибкорон бояд назорати шуоъхӯрии кормандонеро, ки корҳои солимгардониро амалӣ менамоянд, тибқи талаботи шуоъхӯрии касбӣ дар ҳолатҳои шуоъхӯрии нақшавӣ, таъмин намоянд. Муҳофизати кормандон бояд муносиб гардонида шавад ва шуоъхӯрии онҳо бояд бо ҳадҳои дозавӣ ва маҳдудиятҳои дозавӣ барои шуоъхӯрии касбӣ маҳдуд карда шавад. Нисбати шахсони аз ҳисоби аҳолӣ, ки дар амалиётҳо оид ба солимгардонӣ иштирок мекунанд (масалан ризокорон), мақоми танзимгар оид ба намудҳои фаъолият ва чораҳои музофизати радиатсионии онҳо бояд роҳнамо таҳия намояд.

### §1. Муносибати тафриқавӣ (фарққунанда)

21. Арзёбии мавҷудияти майдонҳои олудашуда ё амалиётҳои зарурӣ оид ба солимгардонӣ бо мақсадҳои истифодаи минтақаҳо (ва қисмҳои он), аз ҷумла атрофи онҳо асоснок карда мешавад.

22. Муносибати тафриқавӣ зимни банакшагирӣ ва амалисозии солимгардонӣ барои муайян кардани сатҳи мувофиқи таҳлил, ҳуҷҷатгузорӣ, амалиёт ва назорати танзимӣ бо

мутаносибии кӯшишҳо бо хатари алоқаманд ба майдон ё минтақаи зарардида истифодакарда мешавад. Бояд меъёрҳои мансуб ба ин ҳолат (масалан, меъёрҳои интихоб, сатҳи назорат, меъёрҳои нуқтаи ниҳоӣ, меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ) муқаррар карда шаванд.

23. Муносибати тафриқавӣ бояд микёси хатарнокӣ ва давомнокии он, хусусиятҳои майдон ва минтақаҳоеро, ки мавриди солимгардонӣ қарор доранд, намнокии нисбии таъсироти радиологӣ ва ғайрирадиологӣ (масалан вақте, ки шумораи начандон зиёди одамон дучори таъсироти дозаҳои нисбатан баланд нисбат ба он, ки миқдори зиёди одамон дучори таъсирот дар сатҳҳои пастар мегарданд) ва дигар омилҳои дахлдор, мисли дастрасӣ ба майдон ё минтақаро ба инобат гирад. Муносибати тафриқавӣ ошкор кардани минтақаҳои калидиеро, ки онҳоро арзёбӣ кардан зарур аст, осон мегардонад, масалан, ҷойе, ки дар он саҳми зиёдтарини доза ва хатарро интизор шудан мумкин аст ва кӯшишҳоро ба ин минтақаҳои мушаххас равона карда, хароҷоти умуми солимгардониро то ҳадди имкон кам гардонидан мумкин аст.

## §2. Сатҳҳои референтӣ

24. Майдон мувофиқи истилоҳ олудашуда ҳисоб карда намешавад, агар консентратсияи фаъолнокӣ барои ҳамаи радионуклидҳои қатори радиоактивии уран-238 ва торий-232 новобаста аз навъ, тӯл ва истифодаи замин аз 1 Бк/г зиёд набошад. Дар як қатор ҳолатҳои мушаххас, хосатан, агар маводи пасмонда метавонад ба захираҳои оби нӯшокӣ таъсир расонад, мақоми танзимгар метавонад меъёрҳои қатъитарро муқаррар намояд. Дар чунин ҳолатҳо сатҳи референтиро Мақоми танзимгар метавонад дар асоси расмиёт оид ба арзёбии бехатарӣ муқаррар намояд.

25. Сатҳҳои референтӣ бояд барои муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ дар ҳолатҳои шуоъхӯрии мавҷуда истифода шаванд. Онҳоро мақоми танзимгар ё дигар мақоми дахлдор муқаррар ва тасдиқ менамояд. Фосилаи тавсияшудаи сатҳҳо барои ҳолатҳои шуъохӯрии мавҷуда 1-20 мЗв мебошад.

26. Барои минтақаҳое, ки дар натиҷаи фаъолият ё ҳодисаҳо дар гузашта зарар дидаанд, сатҳи назоратӣ нуқтаи сарҳисоб барои муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ мебошад, ҳамчунин дар баробари меъёри ҳолати ниҳоӣ метавонад ба сифати нишондод (ориентир) барои арзёбии самаранокии иҷрои солимгардонӣ дар умум хизмат намояд.

27. Сатҳҳои референтӣ бояд ба сифати шароити сарҳадӣ барои муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ ҳангоми муайян кардани фосилаи вариантҳои солимгардонӣ истифода шавад. Стратегияи солимгардонии майдон ё минтақаи мушаххасро бояд тавре таҳия намуд, ки иҷрои он боиси болоравии сатҳи референтии муқарраршуда барои дозаҳо нагардад. Барои ҳолатҳои мушаххаси шуоъхӯрии мавҷуда сатҳҳои назоратӣ бояд тавре интихоб карда шаванд, ки бо гузашти давраи муайяни вақт (масалан, якчанд сол) дозаи бақияи шуоъхӯрӣ барои аҳолӣ дар ҳама минтақаҳои баррасишуда пасттар аз сатҳи назоратӣ бошад.

28. Қимате, ки барои сатҳи референтӣ интихоб шудааст, бояд аз ҳолатҳои бавуҷудомада барои шуоъхӯрии баррасишаванда, вобаста бошад. Стратегияҳои муносибгадонидашудаи муҳофизат ба нигаҳдории доза пасттар аз сатҳи назоратӣ равона карда шудааст. Ҳангоми ошкор шудани ҳолатҳои шуъохӯрии мавҷуда шуоъхӯрии воқеӣ метавонад болотар ё поёнтар аз сатҳи референтӣ қарор дошта бошад. Сатҳи референтиро

мебояд ба сифати нуқтаи сарҳисоб ҳангоми муйян кардани зарурати амалиётҳои минбаъдаи муҳофизатӣ ва афзалиятдиҳии татбиқи онҳо истифода кард.

29. Барои амалиянокӣ, ҳамчунин муқарррар кардани меъёрҳои ҳосилавӣ муфид буда метавонад, ки онҳо ба сатҳи референтӣ мутобиқ аст, вале ба осонӣ ченшаванда мебошанд (масалан, фаъолнокӣ дар воҳиди масоҳат, ба воҳиди вазн ё ба воҳиди ҳаҷм, тавоноии гамма-доза дар баландии 1 м аз сатҳи муайян).

30. Ҳангоми интихоби сатҳи референтӣ ҳам омилҳои сифатӣ ва ҳам омилҳои миқдорӣ ба эътибор гирифта мешаванд. Эҳтиёткорӣ зоҳир намуда, сатҳи референтиро баъди ба назар гирифтани ҳолатҳои бавуҷудомада ва омилҳои дахлдор, мисли сатҳи шуоъхӯрӣ ба сабаби маводи радиоактивии пасмонда дар муҳити зист, истифодаи замин ва тарзи ҳаёти ҷамоатҳое, ки дучори таъсирот гардидаанд, муайян кардан мебояд. Дар акси ҳол фосилаи вариантҳои баррасишавандаи солимгардониро беасос маҳдуд карда мешавнд.

### §3. Асосноккунии солимгардонӣ

31. Солимгардонӣ бояд асоснок карда шавад. Асосноккунӣ бояд афзалиятнокии солимгардонро, ки оё фоида аз (масалан, барои шахсони алоҳида ва ҷомеа) он камбудиҳои дар натиҷаи солимгардонӣ ба вуҷуд омада метавонанд, муайян намояд. Дар раванди асосноккунӣ ва муносибгардонӣ оператор бояд зарурияти амалиётҳоиислоҳкунӣ ва солимгардониро бояд муайян намояд. Ин арзёбӣ бояд дар ду марҳила гузаронида шавад:

1) дар марҳилаи якум бояд муайян намуд, ки имконияти солимгардониро умуман баррасӣ кардан аст, ё ҳолати воқеии иншоот (варианти «ҳеҷ кор кардан лозим нест») қобили қабул дониста шавад;

2) дар марҳилаи дуюм, агар ин аз рӯйи натиҷаҳои марҳилаи якум талаб карда шавад, мебояд, ки вариантҳо барои беҳтар кардани ҳолат муайян ва арзёбӣ карда шаванд.

32. Ба фоидаҳои имконпазири солимгардонӣ, паст кардани шуоъхӯрии аҳолӣ дар ояндаи дурнамо, имконияти шуғлнокӣ ва омӯзониш дар рафти банақшагирӣ ва иҷрои солимгардонӣ ва истифодаи минбаъдаи иқтисодии минтақаҳои солимгардонишуда дохил мешаванд. Ба камбудиҳои эҳтимолии рекултиватсия баланд шудани шуъохӯрии касбӣ ва ба дигар хатарҳо дучор гардидани кормандон ҳангоми солимгардонӣ, ба вуҷуд омадани ҳаҷми калони партовҳои радиоактивӣ ва таъсири онҳо ба муҳити зист ҳангоми муомилоти минбаъда мансуб мебошад. Ҳангоми асоснок кардани солимгардонӣ бояд ҷанбаҳои гуногун, аз ҷумла зарурати тағйирот дар тарзи ҳаёт ва истифодаи маъмулии захираҳо баррасӣ карда шаванд.

33. Ҳангоми асоснок кардани солимгардонӣ бояд сатҳи референтӣ ба инобат гирифта шавад. Дар рафти арзёбии қаблӣ бояд дозаҳои пешбинишуда то солимгардонӣ (дар мавриди қабул нагардидани чораҳои банақшагирии солимгардонӣ) бо сатҳи референтӣ, ки аз ҷониби мақоми танзимгар тасдиқ карда шудааст, муқоиса карда шаванд. Ин меъёрҳо барои муайян кардани имконияти асосноккунии гузаронидани солимгардонӣ истифода карда мешаванд.

34. Дар мавридҳое, ки дозаи пешгӯйишуда то солимгардонӣ аз меъёрҳои интихоб зиёд аст, эҳтимол солимгардонӣ асоснок карда шуда бошад, вале барои дақиқ муайян кардани он, арзёбии муфассал гузаронидан зарур аст. Дар чунин мавридҳо барои майдон

ё минтақаи зарардида, ки нисбати он масъалаи солимгардонӣ баррасӣ карда мешавад, сатҳи референтӣ муқаррар кардан зарур буда, аз он баландтар банақшагирии идомаи шуоъхӯрӣ қобили қабул нест ва пасттар аз он, бояд муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ гузаронида шавад. Сипас дозаи пешгӯйишавандаро то оғози солимгардонӣ бо ин сатҳи референтии муқарраршуда ё меъёрҳои ҳосилавии мувофиқ мебояд муқоиса намуд, то асоснокии солимгардонӣ муайян карда шавад. Агар дозаи то солимгардонӣ пешгӯйишуда аз сатҳи референтии муқарраргардида зиёд бошад, солимгардонӣ асоснок шуморида мешавад.

35. Асосноккунии фаъолият зимни банақшагирии чорабиниҳо оид ба солимгардонӣ нақши бузург мебозад. Азбаски ин чорабиниҳо метавонанд боиси шуоъхӯрии иловагии радиатсионӣ гарданд, пас фоидаи онҳо бояд аз зарар бештар бошад. На ҳар як варианти имконпазири солимгардонӣ (масалан, интиқоли миқдори зиёди маводи иффлосгардида) аз нуқтаи назари манфиятҳои радиологӣ асоснок мебошад.

36. Дар зарурат асосноккунии солимгардониро аз ҳисоби истифодаи усулҳо ва раванди қабули қарорҳо бо назардошти тамоми омилҳои дахлдор, ки бояд зимни банақшагирӣ ва амалисозии солимгардонӣ бо мақсади ниҳоии ноил гардидан ба натиҷаи мусбат, мебошад. Тавозуни омилҳои ба банақшагирӣ ва амалисозии солимгардонӣ мансубанд, дар раванди асосноккунӣ метавонад кори душвор ва заҳматталаб бошанд. Ба чунин омилҳо мансубанд:

1) қонунҳо, санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ ва дигар талаботе, ки онҳо бояд риоя карда шаванд;

2) зиёдшавии эҳтимолии кӯтоҳмуддати шуоъхӯрии аҳолӣ ҳангоми солимгардонӣ ва камшавии дарозмуддати шуоъхӯрии аҳолӣ дар натиҷаи солимгардонӣ;

3) шуъохӯрии касбӣ ва хатарҳои ғайрирадиологии кормандон ҳангоми иҷрои корҳои солимгардонӣ;

4) таъсири эҳтимолӣ ба муҳити зист, ки дар натиҷаи солимгардонӣ ноил гаштааст (мусбат ва манфӣ) ва камшавии таъсири дарозмуддат (баъд аз солимгардонӣ);

5) дарк намудани хатар аз ҷониби аҳолӣ, аз ҷумла интизорӣ ва андешаҳои ҷонибҳои манфиатдор;

6) таъсири эҳтимолии солимгардонӣ (мусбат ва манфӣ) бо назардошти ҷанбаъҳои минтақавӣ, ки сокинони маҳаллӣ онро истиқбол менамоянд (масалан, реҷаи ғизохӯрӣ, истифодаи маъмулии замин ва захираҳо, фаъолияти рекреатсионӣ), инчунин нигоҳ доштани муттаҳидии ҷомеа;

7) хароҷоти молиявӣ ба солимгардонӣ, аз ҷумла хароҷот ба муомилоти эҳтимолӣ бо партовҳо ва гӯронидани онҳо;

8) афзалияти иҷтимоӣ ва камбудиҳои солимгардонӣ (масалан, барои майдонҳои партофтшуда, ки солимгардонии онҳо аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ маблағгузорӣ карда мешаванд, кӯчонидани аҳолӣ пас аз ҳолатҳои садамавӣ, ичунин имконияти бозгашт ба хонаҳо пас аз солимгардонӣ);

9) имконоти муомилот бо партовҳои радиоактивии бавуҷудомада ва мавҷудияти иншооти коркард, нигоҳдорӣ ва гуронидани партовҳо;

10) истифодаи пешбинишудаи ниҳоии минтақаҳои солимгардонидашуда.

37. Раванди асосноккунӣ баҳисобгирии миқдори хеле зиёди омилҳоро, на танҳо муҳофизати радиатсионӣ, пешбинӣ менамояд. Дар ин ҷараён бояд тамоми муассисаҳои дахлдори давлатӣ, ичунин ҷонибҳои дигари манфиатдор иштирок намоянд. Дар доираи раванди асосноккунӣ, метавонанд машваратҳо бо экспертҳои зарурӣ талаб карда шаванд.

38. Дар аксари мавридҳо зарари вобаста ба солимгардонӣ ба аҳолии кунунӣ расонида мешавад. Бо вуҷуди ин, амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, ки барои муҳофизати насли кунунӣ қабул карда шудаанд, бояд таъсири онҳоро ба саломатии наслҳои оянда пешбинӣ намоянд, ки аз сатҳи айни замон қобили қабул аст, зиёд набошад.

## § 4. Муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ зимни гузаронидани солимгардонӣ

39. Мақоми танзимгар ё дигар ҷонибҳои дахлдор, ки нисбати амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ё амалиётҳои муҳофизатӣ масъул мебошанд, бояд муносибгардонии шакл, миқёс (масштаб) ва давомнокии чунин амалиётҳоро таъмин намоянд.

40. Пас аз умуман асосноккунии солимгардонӣ ва амалиётҳои дахлдор оид ба солимгардонӣ, бояд шакл, миқёс ва давомнокии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ё амалиётҳои муҳофизатӣ бо мақсади истифода мувофиқи захираҳо барои коҳиш додани хатарҳои радиатсионӣ муносиб гардонида шаванд. Раванди муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ, ки бояд бо назардошти ҳолатҳои бавуҷудомада (масалан, шароити муҳити зист, ҷойгиршавии минтақаҳо, аҳолии дар атроф зиндагикунанда, истифодаи захираҳои замин, мавҷудияти захираҳо барои гузаронидани солимгардонӣ) амалӣ карда шавад, раванди сохторӣ ва итератсионӣ (такрорӣ) мебошад, ки барои нақшагирӣ ва амалисозии солимгардонӣ истифода мешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ бояд сиёсати миллӣ ва стратегияи миллии солимгардонӣ ба инобат гирифта шавад. Ин ба солимгардонӣ ва муомилот бо партовҳои радиоактивӣ, аз ҷумла ба вариантҳои гӯрониши партовҳои радиоактивӣ, камтарин кардани пайдошавии партов ва омилҳои дигар мансуб аст. Раванди муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ бояд дар машварат бо ҷонибҳои манфиатдор амалӣ карда шавад.

41. Мақсади муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ ҳангоми солимгардонӣ ва амалиётҳои ба он вобаста дар он ифода меёбад, ки бояд бузургии дозаҳои инфиродӣ, шумораи шахсони воқеӣ (коргарон ва шахсони алоҳида аз аҳолӣ), ки дучори шуоъхӯрӣ мегарданд ва эҳтимолияти шуоъхӯрӣ бо назардошти омилҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар сатҳи пасти ҷоиз қарор дошта бошанд. Дар доираи ин раванд арзёбии дозаҳо бояд воқеӣ бошад. Дар ин маврид бояд сифат ва эътимоднокии иттилооти дастрасшуда ба инобат гирифта шавад. Бинобар ин, зарур аст, ки якчанд гурӯҳҳои гуногуни шуоъхӯранда, аз ҷумла миқдори насли имрӯза ва оянда бо назардошти истифодаи эҳтимолии минтақаҳо ва таҳлили роҳҳои шуоъхӯрӣ баррасӣ карда шавад. Таваҷҷуҳи асосӣ ба гурӯҳҳое, ки барои онҳо доза аз сатҳи референтӣ зиёд аст, равона карда мешавад. Таъмин кардан зарур аст, ки солимгардонӣ бо хатарҳои радиатсионии алоқаманд ба ҳолатҳои шуъохӯрии мавҷуда мутаносиб бошад ва амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ё амалиётҳои муҳофизатӣ фоидаи зиёд оваранд ва ин фоида аз зарари амалӣ намудани онҳо алоқаманд, аз ҷумла зарари хатарҳои радиатсионӣ, бештар бошад.

42. Дар марҳилаи дуюми муносибгардонӣ, афзалият ва камбудиҳои ба ҳар як варианти алтернативии солмгардонӣ вобаста, бояд муайян карда шаванд. Ҳангоми

таҳлили муқоисавии таъсироти ин вариантҳо бояд омилҳои зерини таъсиррасонӣ ба инобат гирифта шаванд: хатарҳои радиатсионӣ; хатари моддаҳои кансерогенӣ; эҳтимолияти бадшавии саломатӣ аз моддаҳои заҳрнок; зарар барои экосистема, хусусан кӯлҳо ва дарёҳо бо сабаби ба онҳо партофта шудани моддаҳои олудакунанда; зарар барои захираҳо, масалан, олудашавии обҳои зеризаминӣ; хатарҳои мустақими физикӣ; хатарҳои бевосита алоқаманд ба фаъолияти тозакунӣ (поксозӣ), хароҷот ба вариантҳои гуногуни алтернативӣ ва маблағҳо барои амалисозии ин алтернативаҳо; ва таъсироти иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла маъқулдонии ҷамъиятӣ.

43. Муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ интихоби амалиётҳои мувофиқро оид ба солимгардонӣ аз якчанд вариантҳои асоснокшудаи солимгардонӣ дар бар мегирад, то шакл, миқёс ва давомнокии алоқаманд ба амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, фоидаи тозаи зиёдтаринро таъмин намоянд. Муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ бояд дар марҳилаҳои дахлдори ҳамаи раванди солимгардонӣ амалӣ карда шавад.

44. Тамоми чораҳои оқилона барои бартарафсозии баландшавии дозаҳо нисбат ба сатҳҳои референтӣ дар лоиҳа оид ба солимгардонӣ муқарраршуда, бояд андешида шавад.

45. Дар мавриде, ки агар ба майдони арзёбишаванда майдони ҳамсояи олудашуда ҳамроҳ мешавад, ва ё таъсири радиологии он ба майдони арзёбишаванда зам мегардад, бояд консепсияи муносибгардонидашудаи солимгардонӣ ва стратегияи муштараки солимгардонӣ таҳия карда шавад.

46. Барои баъзе қарорҳо оид ба сатҳи муносиби муҳофизат, татбиқи равиши сифатӣ дар асоси баҳоҳои экспертӣ ва истифодаи технологияҳои беҳтарини мавҷуда метавонад кифоя бошад. Ҳар қадар масъала мураккабтар бошад, ҳамон қадар алоқамандӣ бо ҷанбаъҳои дигар дар майдон зиёдтар аст. Методологияҳои миқдории қабули қарорҳо, аз қабили таҳлили хароҷот ва фоида, ё таҳлили бисёрҷанбаи фоидаовар барои чунин имкондиҳандаҳои иловагӣ, ҳатто агар онҳо хусусияти сифатӣ дошта бошанд (масалан, қабули оммавии вариантҳои гуногун) татбиқ кардан мумкин аст, ҳатто агар онҳо моҳиятан сифатӣ бошанд (масалан, маъқулдонии ҷамъиятии вариантҳои гуногун).

§5. Меъёрҳои мувофиқ барои муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ

47. Сатҳи референтӣ меъёре намебошад, ки он анҷом ёфтан ва ё наёфтани солимгардониро муайян кунад (яъне, он меъёреро, ки одатан «ҳолати ниҳоӣ»-и солимгардонӣ мегӯянд, иваз намекунад). Онро чун ҳад намебояд баррасӣ намуд. Ин сатҳест, ки пастар аз он муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ мисли пештар бояд татбиқ гардад. Муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ ҳамчунин барои муайян кардани ҳолати муносиби ниҳоии солимгардонии майдон ва минтақа иҷро мешавад. Новобаста ба ин, амалиётҳо оид ба солимгардонӣ амалан дар мавриде иҷро карда мешаванд, ки агар меъёрҳо барои анҷомдиҳии ин амалиётҳо маълум бошанд. Ҳамин тариқ, дар раванди муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ бояд нуқтаи ниҳоии амалиёт оид ба солимгардонӣ муайян карда шаванд. Ин нуқтаи ниҳоӣ ба амали мушаххас оид ба солимгардонӣ ё гурӯҳи амалиётҳои алоқаманд оид ба солимгардонӣ мансуб аст ва ин одатан сатҳи олудашавӣ мебошад, ки пастар аз он дезактиватсияи минбаъда ё солимгардонӣ зарур дониста намешавад. Барои ҳар як амалиёт оид ба солимгардонӣ ё гурӯҳи амалиётҳои алоқаманд оид ба солимгардонӣ, бояд як ё якчанд меъёрҳои нуқтаи

ниҳоӣ муайян карда шавад, то ба иҷрои онҳо тибқи нақшаи солимгардонӣ боварӣ ҳосил карда шавад. Барои муқоиса, ҳолати ниҳоӣ ин мақоми ниҳоии майдон (ё минтақа) дар анҷоми фаъолият оид ба аз истифода баровардан ва ё солимгардонӣ бо назардошти тасдиқи шароити радиологӣ ва физикии майдонҳо ва сохторҳои пасмонда мебошад. Меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ бояд барои санҷиши он, ки нақшаи умумии солимгардонӣ ва амалиётҳои ба он алоқаманд оид ба солимгардонӣ ба дарёфти ҳолати ниҳоии муайян оварда мерасонад, муайян карда шавад.

48. Меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ ин маҷмуи шартҳое мебошанд, ки онҳо бояд барои тасдиқи анҷом ёфтани солимгардонӣ ва дарёфти ҳолати муайяни ниҳоӣ риоя карда шаванд. Меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ метавонад гурӯҳи меъёрҳои нуқтаи ниҳоии мансуб ба шароити радиологӣ ва ё ғайрирадиологиро, ки бояд барои боварӣ ҳосил кардан ба тасдиқи анҷом ёфтани солимгардонӣ ва дарёфти ҳолати муайяни ниҳоӣ риоя шаванд, дар бар гирад. Дарёфти ҳолати ниҳоӣ дар ниҳояти кор боиси озодшавии қисме ё тамоми майдон аз назорати танзимӣ ё аз маҳдудиятҳои дигар ва идоракунии минбаъда баъди солимгардонӣ мегардад.

49. Меъёрҳои ҳолати ниҳоиро ҳангоми муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ ва интихоби амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ва, дар зарурат, амалиётҳои муҳофизатӣ мебояд баррасӣ карда шаванд, то солимгардонӣ ба ин меъёрҳо муваффақ гардад. Меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ барои рекултивасия ва меъёрҳои мувофиқи нуқтаи ниҳоӣ бояд дар арзёбии таъсироти солимгардонӣ ба муҳити зист муайян карда шаванд. Арзёбии таъсирот ба муҳити зист бояд ҳамчунин арзёбии дозаи эҳтимолиро то солимгардонӣ ва дозаеро, ки пас аз анҷоми солимгардонӣ ё пас аз қабули қарор оид ба татбиқнопазир будани амалиётҳои муҳофизатӣ (яъне, дозаи пасмонда) чашмдошт шудан мумкин аст, фаро гирад. Коҳиши чашмдоштии доза дар натиҷаи солимгардонии ҳамаҷониба ва амалиётҳои алоҳида оид ба солимгардонӣ, ҳамчунин дар зарурат амалиётҳои муҳофизатвии дахлдори мансуб ба солимгардонӣ, бояд дар арзёбии таъсирот ба муҳити зист ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд.

50. Бояд меъёрҳои оперативие таҳия карда шаванд, ки онҳо ченшаванда бошанд, ва барномаи мониторинг таҳия карда шавад, ки он мониторинги манбаъ –минтақаи олудашуда, мониторинги муҳити зист ва, дар ҳолатҳои мувофиқ, назорати дозиметрии инфиродиро дар бар гирад то боварӣ ҳосил карда шавад, ки солимгардонӣ тибқи нақшаи тасдиқшуда амалӣ карда мешавад. Барои таъмини баланднашавии меъёрҳои оперативӣ дар рафти солимгардонӣ, бояд мониторинг ва арзёбии натиҷаҳои он гузаронида шавад. Дар мавридҳои баландшавии меъёрҳои оперативӣ нақшаи солимгардонӣ ва амалисозии он дар мавридҳои зарурӣ бояд бозбинӣ ва таҳрир карда шаванд ва бояд арзёбии иҷрои меъёрҳои дахлдори нуқтаи ниҳоӣ гузаронида шавад. Он бояд арзёбии дозаро барои санҷиши мутобиқатии дозаи пасмонда , ки дар арзёбии таъсирот ба муҳити зист ё шароити танзимии мансуб ба солимгардонӣ муқаррар карда шудааст, фаро гирад.

51. Бо анҷоми ҳар як амалиёт ё якчанд амалиёт дозаи пешбинишуда то солимгардониро бо дозаи пасмонда, ки пас аз анҷоми ин амалиёт ё якчанд амалиёт арзёбӣ шудааст, барои муайян кардани самаранокии солимгардонӣ ва барои санҷиши иҷрои солимгардонӣ тибқи нақша, мебояд муқоиса карда шавад. Чунин муқоисаҳои дозаҳои

пешбинишуда то солимгардонӣ ва дозаҳои пасмонда пас аз солимгардонӣ бояд ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд, .

52. Дар мавридҳое, ки солимгардонӣ мувофиқи нақша амалӣ карда намешавад, нақшаи солимгардонӣ бояд баррасӣ ва таҳрир карда шавад. Ҳамчунин бояд арзёбӣ барои санҷиши он гузаронида шавад, ки ҳар гуна таҳрири нақшаи солимгардонӣ ба ҳолати ниҳоии пешбинишудаи солимгардонӣ оварда мерасонад, аз ҷумла, аз ҳисоби кам кардани дозаи пасмонда, ки дар арзёбии таъсирот ба муҳити зист ё дар шароити танзимии мансуб ба солимгардонӣ, муқаррар карда шудааст.

53. Меъёрҳои таҳиягардидаи нуқтаи ниҳоӣ ва меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ набояд ҳатман дозаи пасмондаи пасттаринро таъмин кунанд, зеро пасткунии доза яке аз хусусиятҳое мебошад, ки онҳо дар доираи муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ баррасӣ карда мешаванд. Дар вақти муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ ҳамчунин бояд омилҳои дигари радиологӣ ва ғайрирадиологӣ бо мақсади муносибгардонии пастар аз сатҳи референтӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд. Варианти муносиб метавонад ба солимгардонии миқёсӣ оварда расонад, вале на ба барқарорсозии шароити ибтидоӣ, ки то мавриди таъсирот қарор гирифтани майдон ё минтақа, мавҷуд буд. Дар баъзе мавридҳо натиҷаи раванди муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ метавонад маҳдудсозӣ ба дастрасӣ ё истифодаи захираҳои муайян (масалан, замин, оби нӯшокӣ, маҳсулоти ғизомолҳои дигар) бошад.

## 6. СТРАТЕГИЯИ СОЛИМГАРДОНӢ ВА БАНАҚШАГИРӢ БАРОИ МАЙДОН Ё МИНТАҚАИ МУШАХХАС

54. Тибқи Консепсияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба солимгардонии маҳфузгоҳҳои партовҳои коркарди маъдани уран барои солҳои 2014-2024 (минбаъд Консепсия) ҷониби масъул бояд стратегияи солимгардониро барои майдон ё минтақаи муайян (минбаъд – стратегияи рекултивасия) таҳия намояд. Мутобиқи Консепсия стратегияи мазкур бояд ҳамаи омилҳои дахлдор, аз ҷумла мақсади бехатарӣ оид ба муҳофизати одамон ва муҳити зистро аз хатарҳои радиатсионӣ дар айни замон ва дар оянда ба инобат гирад. Ба чунин омилҳо ҳолатҳои дар минтақа бавуҷудомада ва шароите, ки онҳо бояд дар рафти нақшагирӣ ва амалисозии солимгардонӣ, ҳамчунин хоҳиши ҷомеа ва ҷонибҳои дигари манфиатдор, ки дар раванди қабули қарор гуфта шудаанд, мансуб мебошанд. Иштироки ҷомеа метавонад дар дуруст муайян кардани ҳолатҳои бавуҷудомада ва шароит, ки онҳо бояд зимни таҳияи стратегияи солимгардонӣ ва нақшаи солимгардонӣ баррасӣ карда шаванд, кӯмак намояд.

## 7. РАВАНДИ СОЛИМГАРДОНӢ

55. Раванди солимгардонӣ бояд ба равиши марҳила ба марҳила бо татбиқи принсипҳои муҳофизати радиатсионӣ, аз ҷумла асосноккунӣ, муносибгардонии муҳофизат ва маҳдудияти дозавӣ асос ёбад.

56. Раванди солимгардонӣ дар истилоҳҳои панҷ марҳила ба таври васеъ тасниф карда мешавад, яъне:

1) арзёбии қаблӣ;
2) арзёбии муфассал;

3) банақшагирии солимгардонӣ;
4) иҷро ва мониторинги санҷишӣ;
5) идоракунӣ пас аз солимгардонӣ.

57. Ин раванд бояд зимни банақшагирӣ ва амалисозии солимгардонии майдонҳо ва минтақаҳое, ки дар натиҷаи фаъолият ё воқеаҳо дар гузашта зарар дидаанд, татбиқ карда шавад.

58. Ҳангоми тайёрӣ ба солимгардонӣ (дар мавриде, ки агар ба солимгардонӣ зарурат бошад) ҷониби масъул бояд муайянкунии равандҳоро барои робита ва машваратҳо бо иштироки ҷонибҳои манфитдор таъмин намояд. Робитаи фаъол ва ҷалб бояд то арзёбии қаблии майдон ё минтақа оғоз гардида, бояд дар муддати тамоми раванди солимгардонӣ идома дода шавад. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор бояд дар марҳилаи баъд аз солимгардонӣ низ идома дода шавад.

59. Марҳилаи арзёбии қаблӣ бояд арзёбии иттилооти мавҷударо оид ба майдон ё минтақаи баррасишаванда фаро гирифта, то оид ба навъҳо, сатҳҳо ва тақсимоти моддаҳои олудакунандаи мувофиқ ба роҳҳои шуоъхӯрӣ, таърихи майдон ё минтақа, тарзи ҳаёти истиқоматкунандагон ва ҳолатҳои бавуҷудомада тасаввуроти умумӣ ба даст оварда шавад. Дар мавриди нокифоя будани иттилоот тавсифи минбаъдаи майдон ё минтақа лозим аст (масалан, ба воситаи ҷустуҷӯҳои саҳроӣ).

60. Иттилоот оид ба арзёбии қаблӣ бояд барои гузаронидани арзёбии қаблӣ дозаҳо истифода шавад. Дозаҳои пешбинишудаи қабл аз солимгардонӣ бояд бо меъёрҳои мувофиқи интихоб барои муайян кардани асоснокии солимгардонӣ мувофиқат карда шуда, аз ҷониби мақоми танзимгар тасдиқ карда шавад. Меъёри интихоб бояд консервативӣ бошад, ва инро ҷониби масъул ё мақоми танзимгар пешниҳод карда мешавад. Дар мавридҳое, ки меъёри интихобро ҷониби масъул пешниҳод менамояд, он бояд бо мақоми танзимгар тасдиқ карда шавад.

61. Агар муқоисаи дозаҳои то солимгардонӣ пешбинишуда ва меъёри интихоб асоснок будани солимгардониро нишон диҳад (яъне, дозаҳои пешбинишуда аз меъёри интихоб зиёдтар бошад), пас бояд марҳилаи арзёбии муфассал шурӯъ карда шавад. Барои ин бояд муоинаи муфассал бо мақсади тавсифи минбаъдаи майдон ё минтақаи зарардида гузаронида мешавад. Марҳилаи арзёбии муфассал ҳамчнин муқарррар намудани сатҳи референтӣ ва меъёрҳои ҳосилавии мувофиқро барои амалиётҳои алоҳида оид ба солимгардонӣ пешбинӣ мекунад. Сатҳи референтӣ бояд бо назардошти ҳолатҳои кунунӣ (масалан, имконият барои паст кардани доза, хароҷот, иҷроиши техникӣ ва омилҳои иҷтимоӣ) ва таҷрибаи ҳолатҳои монанд муқаррар карда мешавад. Дар поёни марҳилаи арзёбии муфассал бояд қарор оид ба асоснокии солимгардонӣ қабул карда шавад.

62. Агар солимгардонӣ асосноккардашуда бошад, марҳилаи ояндаи раванди солимгардонӣ накқшагирии он мебошад. Марҳилаи банақшагирии солимгардонӣ муайян ва арзёбӣ кардани вариантҳои гуногуни солимгардониро дар бар мегирад, ки ҳар кадоми он бояд асосноккардшуда бошанд. Сипас бояд раванди муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ иҷро карда шавад. Иҷроиш, дастрасӣ ва амалнокии вариантҳои алоҳидаи солимгардонӣ бояд ҳамчун қисми ин раванд баррасӣ карда шаванд. Бояд варианти муносиби солимгардонӣ муайян карда шавад. Дар баъзе мавридҳо, масалан, вақте, ки номуайяниҳои зиёд мавҷуданд, муайян кардани варинти алтернатавии солимгардонӣ низ

зарур мешавад. Ин вариант дар мавриде иҷро карда мешавад, ки оқибат иҷроиши варианти муносиби солимгардонӣ ва ё самарабахш иҷро кардани он ғайриимкон бошад. Агар номуайянӣ хеле зиёд бошад ё иттилоот оид ба минтақаҳои зарардида нокифоя бошад, пас барои ба даст овардани иттилооти иловагӣ, мумкин аст муайян кардани якчанд вариантҳои имконпазири солимгардонӣ, ки иҷрошаванда мебошанд, зарур ояд. Ин метавонад комбинатсияи чораҳои фаъол ва нофаъол бошад. Дар чунин ҳолатҳо бояд ҷадвали муайян кардани лаҳзаҳои қабули қарорҳои калидӣ таҳия карда шавад, ки дар он бояд иттилооти мавҷуднабуда ҷамъ карда шавад ва бо ин васила бояд иттилооти кофӣ барои интихоби амалиёти ниҳоӣ оид ба солимгардонӣ ба даст оварда шавад. Масъалаҳое, ки барои амалисозии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ баррасӣ мешаванд, бояд дар нақшаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас ворид карда шаванд.

63. Пас аз таҳияи нақшаи солимгардонӣ барои майдон ва минтақаи мушаххас, бояд ҷониби масъул онро барои тасдиқ ба мақоми танзимгар пешниҳод намояд.

64. Консентратсия ва тақсимоти радионуклидҳо дар муҳити зист бо мурури замон метавонанд тағйир ёбанд, масалан дар натиҷаи коҳиши радиоактивӣ, зиёдшавии миқдори маводи фаръӣ, равандҳои табиӣ (масалан, худтозашавии табиӣ ва ҷойивазкунии олудакунандаҳо) ё амалҳои инсон. Аз сабаби ин тағйирот бо мурури замон нақшаи солимгардонӣ барои майдон ва минтақаҳои мушаххас, низ баррасии пайдарпайӣ ва ҷадвали амалиётҳоро оид ба солимгардонӣ бо назардошти маълумоти мониторинг ва тавсиф талаб менамояд. Ин вобастагии муваққатӣ буда, хусусан имконияти ҷойивазкунии радионуклидҳо низ бояд дар марҳилаи арзёбии муфассал мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад. Қолабҳои муваққатӣ барои арзёбии муфассал ва таъсиси системаи назорат (масалан, назорати институтсионалӣ) пас аз солимгардонӣ бояд дар доираи раванди солимгардонӣ ва тасдиқи мақоми танзимгар муайян карда шаванд.

65. Марҳилаи минбаъдаи раванди солимгардонӣ иҷрои солимгардонӣ ва тасдиқи он тавассути мониторинг мебошад. Дар марҳилаи иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ бояд мутобиқи нақшаи тасдиқшуда амлӣ карда шаванд. Равиши самарабахш ба санҷиши тадриҷан иҷро намудани солимгардонӣ аз рӯи нақша, зина ба зина тасдиқ намудани амалиётҳои солимгардонӣ аз ҷониби мақоми танзимгар, ичунин арзёбӣ ва таҳлили ҳамкорӣ, инчунин сабақи марҳилаҳои қаблии солимгардонӣ мебошад. Солимгардонӣ раванди такроршавӣ буда, натиҷаҳои ҳар як марҳила нисбат ба меъёрҳои нуқтаи ниҳоӣ арзёбӣ гардида ва қарорҳо нисбат ба амалиётҳои минбаъда барои муваффақ гардидан ба меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ қабул карда мешаванд. Баъдан гузаронидани арзёбии натиҷаҳо ва самаранокии солимгардонӣ ва дар мавридҳои зарурӣ, озодкунии тамоми майдон ё минтақа ва ё қисми он аз назорати танзимӣ, талаб карда мешавад.

66. Марҳилаи хотимавии раванди солимгардонӣ, пас аз анҷоми корҳои солимгардонӣ идоракунӣ мебошад. Зарурати ягон чораҳои назоратӣ баъди анҷоми корҳо оид ба солимгардонӣ, бояд аллакай дар доираи нақшаи солимгардонӣ муайян карда шавад. Самарабахшии иҷрои ин нақша омили муайян кардани коршоямии майдон ё минтақа барои истифодаи номаҳдуд ё маҳдуд мебошад. Дар зарурат ҳамчунин мебояд, ки мониторинг ва назорат идома дода шавад, (масалан, дар мавриде, ки агар дар чаҳорчӯби солимгардонӣ сохторҳо ё системаҳои муҳандисӣ мавриди истифодабарӣ карор дода шуда бошанд).

67. Дар мавридҳои мавҷудияти хатарҳои, ҳам радиологӣ ва ҳам ғайрирадиологӣ (масалан, дар собиқ майдонҳо оид ба истихроҷ ва коркарди уран), ҳангоми арзёбии қаблӣ ва муфассали таъсироти имконпазири хатарҳо, тадбирҳои комплексӣ андешидда мешаванд. Дар ин раванд бояд мақоми танзимгар, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва дигар ҷонибҳои марбут иштирок намоянд.

68. Нақшаи солимгардонӣ бояд дар заминаи системаи идоракунӣ, ки дар ҷузъиёти худ, аз ҷумла бехатарӣ, солимӣ, ҳифзи муҳити зист, бехатарии ҷисмӣ, сифат, омили инсонӣ ва ташкилӣ, ҷузъиёти ҷамъиятӣ ва иқтисодиро дарбар мегирад, таҳия ва татбиқ карда шавад. Дар ҳолати зарурӣ системаи доракунӣ бояд баррасӣ ва таҳлили доимии нақшаи солимгардониро барои майдон ё минтақаи мушаххас пешбинӣ намуда, бо воридсозии ҳар гуна тағйироти заруриро дар давоми ҳама муҳлати иҷрои раванди солимгардонӣ мусоидат намояд. Агар зарур бошад, он метавонад аз нав дида баромадани меъёрҳои нуқтаи ниҳоӣ, меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ ё дигар меъёрҳо ё тағирот дар талабот ва шароити сокинони ин минтақаро дар бар гирад.

69. Дар тамоми муддати раванди солимгардонӣ бояд тавсифи майдон ё минтақа гузаронида шавад. Он таҳия ва татбиқи барномаи мувофиқи мониторинг ва истифодаи таҷҳизоти мувофиқро барои назорат дар бар мегирад. Барномаи мониторинг бояд ҳамчун унсури асосии системаи идоракунӣ баррасӣ карда шавад. Барномаи мониторингро бояд, ки ба сифати ҷузъи асосии системаи идоракунӣ баррасӣ намуд. Он дастур оид ба интихоб ва калибровкаи асбобҳои мувофиқро барои мониторинг бо истифодаи усулҳои мувофиқи гириффтани намунаҳо, ченкунӣ ва сабти маълумот, дар бар мегирад.

70. Тавсиф ва таҳқиқи майдонҳо ё минтақаҳо (аз ҷумла ченгирии тавоноии гамма-дозаи амбиентӣ ва гирифтани намуна, таҳлили ҳаво, хоки сатҳӣ ва зерисатҳӣ, об, наботот ва ҳайвонот) бояд бо усулҳои зарурии ҷамъкунии маълумот, аз ҷумла таъмини сифат ва назорати сифати равандҳо ҳамчун қисми системаи идоракунии инегратсионӣ таъмин карда шаванд.

## 8. АРЗЁБИИ ҚАБЛӢ

71. Майдон ё минтақаҳо бо маводи радиоактивӣ, ки дар натиҷаи фаъолият ё воқеаҳо дар гузашта боқӣ мондаанд, бояд ошкор карда шаванд. Сипас бояд афзалиятҳои солимгардонии онҳо тибқи Консепсия муайян карда шавад. Дар раванди муайян намудани афзалиятнокии майдон ва минтақаҳо барои солимгардонӣ мебояд, ки тамоми иттилооти мавҷуда оид ба натиҷаҳои арзёбии гузаштаи майдон ё минтақаҳо баррасӣ карда шаванд.

72. Тавсифи майдон барои пешниҳоди намудани маълумоти кофӣ оид ба қабули қарорҳои стратегӣ дар марҳилаи қаблӣ зарур аст. Тавсифи майдон дар коркарди стратегияи минтақавӣ нисбат ба барномаи мониторинг барои майдони мушаххас, ҳамчунин арзёбии бехатарӣ, лоиҳаҳои солимгардонӣ, нақшаҳои муҳофизати радиатсионӣ, нақшаҳои муомилот бо партовҳо ва дигар аснод оид ба солимгардонӣ саҳми худро мегузорад.

73. Барои муайян кардани он, ки майдони олудашуда мавҷуд аст ё не, дар барномаи тавсиф дар навбати аввал бояд табиат ва дараҷаи олудашавӣ барои муайян кардани

мавҷудияти майдони мерос (истеҳсолоти уран) ва ба иҷозатномадиҳӣ эҳтиёҷ доштан ва ё надоштани он тавсиф карда шавад.

74. Ҳангоми ошкор кардани майдони олудашуда барои муайян кардани иҷро шудан ё нашудани меъёрҳои ҳолати ниҳоии солимгардонӣ, ки дар Қоидаҳои мазкур муайян карда шудаанд, бояд тавсифи пурраи он гузаронида шавад. Агар меъёрҳо иҷро шуда бошанд ва ин бо таҳқиқи тасдиқшуда исбот карда шуда бошад ва агар иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ зарур набошад, минтақа бояд бе маҳдудият озод карда шавад.

75. Фаъолият оид ба тавсифи майдон барои арзёбии хатарҳои ба олудашавии майдон алоқаманд ва донистани параметрҳои зарур барои интихоби технологияҳои лозимии солимгардонӣ амалӣ карда мешавад. Тибқи Қоидаҳо бояд мақсади ҷамъоварии маълумоти мансуб ба номуайяниҳои алоқаманд интихоб карда шавад.

76. Намудҳои гуногуни майдонҳо ва иншооти олудашуда (нақбҳо, партовгоҳ, дастгоҳҳо барои ҷудокунӣ, тӯдаи партовҳо ва ғайра), ки дар гузашта дар истеҳсолоти уран истифода шудаанд, барномаҳои гуногуни тавсифи майдонро талаб менамоянд. Муфассалияти барномаҳо ҳамчунин аз вазифаҳои мушаххас дар марҳилаҳои гуногуни нақшагирии солимгардонӣ вобаста аст. Дар аксари мавридҳо равиши марҳила ба марҳила ба Тавсифи майдон имкон медиҳад, ки муносибгардонии миқёс, сатҳи кӯшишҳо ва дақиққунии таҳқиқоти майдон гузаронида шавад.

77. Дар мавриди умумӣ таҳқиқот оид ба тавсифнома дар се марҳила иҷро карда мешаванд, вале дар зарурат ин марҳилаҳоро муттаҳид кардан мумкин аст:

1) Марҳилаи 1 - Арзёбии иттилоот оид ба майдон амалиётҳои ибтидоиро оид ба муайян кардани олуда будан ё набудани майдон, дар куҷои майдон ҷойгир будани олудашавӣ, ва оид ба арзёбии тақрибии миқёси масъала дар бар мегирад;

2) Марҳилаи 2 - Барномаи қаблии тавсифи гамма-наворбардорӣ, интихоби намунаи хок, об ва ҳаво, ва рӯйхатгирии ҳар гуна таркибаҳои сохтмониро дар майдон барои муайян кардани мушахассаҳо ва таснифи фаъолнокӣ ё консентратсия ва миқдори олудакунандаҳои радиоактивӣ ва дигар олудакунандаҳо ва муқоисаи ин сатҳҳо бо тасдиқи меъёрҳои солимгардонӣ дарбар мегирад;

3) Марҳилаи 3 -Тавсифи муфассал бояд ба таҳқиқи манбаъҳои асосии шуоъхӯрӣ ва роҳҳои афзалиятноки шуоъхӯрӣ равона карда шавад. Он метавонад интихоби иловагии намуна ва арзёбии минбаъдаи тақсимоти олудакунандаҳоро дар муҳити зист; тавсифи гидрогеология ва гидрологияи майдон; арзёбии ҷойгиршавӣ ва таҳлили инсонӣ ва экологиро дарбар гирад.

§1. Марҳилаи 1

78. Дар марҳилаи 1 чунин корҳо пешбинӣ карда мешаванд:

1) гузаронидани арзёбии таърихӣ бо истифодаи иттилооти дилхоҳи мавҷуда (ҳисобот, таҳқиқот) оид ба миқдор ё хосияти маводи коркардшуда, маводи озод, маълумоти мониторинг ё сӯҳбатҳо бо кормандоне, ки дар бораи гузаронидани корҳо дар майдон маълумот доранд;

2) ҷамъоварии иттилооти дастрас аз барномаҳои ҷории мониторинги минтақа ё оид ба ченгириҳои ба қарибӣ гузаронидашуда дар майдон;

3) арзёбии муҳити физикӣ;

4) муайян кардани ретсепторҳои наздиктарин, одамоне, ки майдонро истифода мекунанд ё фаъолияти дигарро дар майдон пеш мебаранд.

79. Ҳангоми марҳилаи 1 фаъолият оид ба ҷамъоварии иттилоот ҳамчунин бояд ба дастраскунии иттилоотии кофӣ барои коркарди модели консептуалии майдон равона карда шавад. Модели консептуалии майдон ба назариявигардонии ҳамбастагии байни манбаъҳои олудашавӣ ва ретсепторҳо дар асоси баррасии ҷойивазкунии имконпазир ё воқеӣ ва роҳҳои шуоъхӯрӣ кӯмак менамояд.

## §2. Марҳилаи 2

80. Дар ин марҳила бояд ҳамаи хатарҳои асосӣ (радиологӣ ва ғайрирадиологӣ) ва «нуқтаҳои гарм» дар майдон ошкор карда шаванд. Дар асоси маълумоти мавҷудаи мониторинг ва натиҷиҳои таҳқиқоти майдон бояд роҳҳои асосии шуоъхӯрӣ ошкор ва арзёбӣ карда шаванд. Ин санҷиши арзони қаблӣ барои муайян кардани давомнокии умумӣ ва хусусияти олудашавӣ дар майдон мебошад.

81. Барномаи тавсифи қаблии майдон (Марҳилаи 2) бояд бо мақсади ҷамъоварии иттилооти ҷорӣ оид ба ҳолати майдон ва барои санҷиши иттилооте, ки дар арзёбии таърихии майдон мавҷуд аст, иҷро карда шавад.

## §3. Марҳилаи 3

82. Ҳангоми тавсифи шароити муҳити зист дар ин марҳилаи раванди солимгардонӣ, ҳамчунин тавсифҳои фонӣ барои мониторинги минбаъда (бефосила)-и муҳити зист, ки он дар вақти иҷрои барномаи солимгардонӣ, ё баъд аз анҷоми он гузаронида мешавад, муайян карда мешаванд. Ҷониби масъул бояд арзёбии қаблиро бо назардошти мақсадҳои зерин гузаронад:

1) муайян кардани олуда будан ё набудани майдон ё минтақа, агар ҳа, пас то кадом дараҷа;

2) ошкор ва ҳуҷҷатгузорӣ кардани сабабҳои имкондори олудашавӣ дар майдон ё минтақа;

3) ошкор ва ҳуҷҷатгузорӣ кардани манбаи олудашавӣ ва миқёсҳои имконпазир ва тавсифҳои олудашавии радиологӣ ва ғайрирадиологӣ ва дигар хатарнокиҳо бо роҳи тавсифа;

4) ошкор кардани роҳҳои мувофиқи шуоъхӯрӣ ва ретсепторҳои шуоъхӯрӣ;

5) коркарди модели консептуалии майдон барои таснифи манбаъҳои калидӣ ва роҳҳои шуоъхӯрӣ;

6) дар асоси иттилооти дастрас гузаронидани арзёбии дараҷаҳои хатарҳои аз майдонҳо ё минтақаҳо рӯзананда барои саломатии инсон ё муҳити зист, ва дар мавридҳои мувофиқ, муайян кардани афзалияти иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ва ё амалиётҳои муҳофизатӣ;

7) таъмини маълумоти вурудӣ барои коркарди арзёбии муфассали майдон, хусусан, барои муайян кардани навъҳои маълумот ва номуайяниҳои ба он алоқаманди ченгириҳо, ки онҳо барои қабули қарор нисбат ба манбаъ ва давомнокии олудашавӣ зарур мешаванд;

8) арзёбии ҷойивазкунии эҳтимолии моддаҳои олудакунанда ба минтақаҳои атроф;

9) муайян кардани ҷонибҳо ё ҷонибе, ки ба олудашавӣ масъул;

10) муайян кардани имконияти асосноккунии солимгардонӣ ва зарурати гузаронидани арзёбии муфассал.

83. Марҳилаи якуми арзёбии қаблӣ гузаронидани арзёбии кабинетиро бо истифодаи иттилооти дастрас оид ба майдон ё минтақаи баррасишаванда дар бар мегирад. Бояд ҳама иттилооти мувофиқ, аз ҷумла ҷорӣ ва таърихӣ ҷамоварӣ карда шавад. Ба ин иттилооти зерин ворид шуда метавонад:

1) макон ва сарҳадҳои майдон ё минтақа;

2) хусусият ва миқёсҳои фаъолияти гузаронидашуда (аз ҷумла иттилоот оид ба соҳибон ва иҷорагирандагони гузашта ва ҳоизира);

3) биноҳо, констркуксияҳо ва маводи гӯронидашуда (бо назардошти ҳамаи партовҳо) ва монеаҳои физикӣ;

4) иттилооти ҷорӣ, аз ҷумла рӯйхати муфассали объектҳо ва олудагиҳо, ки аз фаъолияти гузашта боқӣ мондаанд, ҳамчунин санҷиши иттилооте, ки дар арзёбии таърихии майдон мавҷуд аст;

5) шароити умумии метеорологӣ барои майдон ё минтақа;

6) тавсифҳои геологӣ ва гидрогеогӣ, аз ҷумла навъи хокҳо;

7) захираҳои обии дар наздикӣ мавҷуда ва истифодаи онҳо аз ҷониби аҳолӣ;

8) фаъолияти инсон дар майдон ё минтақа ва атрофи онҳо;

9) шароити муҳити зист дар майдон ё минтақа ва дар атроф, аз ҷумла мавҷудияти намудҳои ҳифзшаванда ва зери нобудшавӣ қарордошта;

10) иншоотҳои мероси фарҳангӣ;

11) маълумот ва иттилоот дар бораи фаъолият оид ба тавсифнома ва мониторинге, ки дар майдонҳо ва минтақаҳои зарардида гузаронида шудааст (масалан, муайянкунии миқдории манбаъ(ҳо), ченгирии консентратсияи фаъолнокӣ дар муҳити зист, Тавсифи роҳҳои шуоъхӯрӣ).

84. Дар майдонҳои мероси уранӣ бояд омилҳои зерин баррасӣ карда шаванд:

1) тавсифи минтақаҳои саноатӣ дар канорҳои майдони мавҷуда, ки он ба гузаронидани солимгардонӣ номзад мебошад ё майдони мероси уранӣ.

2) тавсифи объектҳо ва минтақаҳои зарардида, ки берун аз минтақаҳои канорҳои расмии майдон ҷойгир шудаанд;

3) тавсифи партовгоҳҳо (аз ҷумла, шароити монеаҳои бехатарӣ, натиҷаи кандани чоҳҳо, гузаронидани муоинаи махсус, геология ва сарбандҳои муҳофизатӣ, заҳбурҳо ва монанди ин)

4) арзёбии ҳар гуна хосиятҳои махсуси майдонҳо ва объектҳо, ки барои истеҳсоли уран ва дигар навъи маҳсулот дар майдон истифода шудаанд;

5) тавсифи объектҳои собиқи ғанигардонӣ дар майдон ва инфрасохтори ҳамҷавор (биноҳо, қалъаҳои маъданҳо, анборҳо барои маъданҳо в маҳсулоти уранӣ, дастгоҳҳо барои қисм-қисмкунӣ ва резакунӣ, контурҳо, дастгоҳҳо барои ҷудокунии уран, сеххои радиохимиявӣ ва гидрометаллургӣ, объектҳои нақлиётӣ – роҳҳо, қубурҳо, тӯдаҳои чинсҳои урандор, дастгоҳхо ва дигар объектҳои алоқаманд ба муомилот бо партовҳо дар майдон)

85. Муоина (таҳқиқ) оид ба муайянкунии миқдори ҷиҳозӣ (инвентарӣ) бояд иттилооти зеринро пешниҳод намояд:

1) номгӯй ва ҳолати ҳамаи объектҳои мавҷуда, аз ҷумла операторҳо, шароит дар майдон ва навъи истеҳсолоти саноатӣ дар майдон;

2) шароити физикӣ ва ҳолати бехатарӣ, хусусият ва давомнокии олудашавии радиологӣ ва навъҳои дигари хатарнокиҳо;

3) ретсепторҳои наздиктарин, ки бояд зимни таҳлили роҳҳо ва арзёбии дозаҳо ё дар моделҳои арзёбии хатар;

4) партовҳо ва пасмондаҳо, ки онҳоро метавон пурра коркард кард ва барои истифодаи такрорӣ озод намуд.

86. Иттилоот бояд аз манбаъҳои гуногун, аз ҷумла сабтҳои кӯҳнаи оперативӣ (масалан, аз рӯйи амалиётҳо дар объектҳои собиқи истихроҷ ва коркарди уран), таҳқиқотҳои радиологӣ ва ғайрирадиологӣ дар гузашта, бойгонии мақомоти маҳаллии давлатӣ ҷамъ карда шаванд. Иттилоотро ҳамчунин дар асоси диданҳо аз майдон (аз ҷумла ҷамъоварии маълумоти мавқеъсозии ҷаҳонӣ (GPS) ва суратҳо), ҳамчунин ба воситаи машваратҳо бо ҳамватанони гузашта ва имрӯза, коргузорон ва коргарон, намояндагони саноати маҳаллӣ, сокинони маҳаллӣ ва мансабдорони ҳукуматӣ ба даст овардан мумкин аст.

87. Дар мавридҳое, ки иттилооти дахлдор барои гузаронидани арзёбии қаблӣ кифоя намебошад, мумкин аст гузаронидани таҳқиқоти мақсадноки саҳроӣ ё муоинаҳо барои ҷамъоварии иттилоот ё маълумоти иловагӣ талаб карда шавад. Таърихи истифодабарии майдон ва моводи дар майдон истифодашуда ва истеҳсолшуда зимни нақшагирӣ ва муайян кардани навъи намуна ва таҳлилҳо, ки дар рафти арзёбии қаблӣ зарур меоянд, кӯмак менамоянд. Дар баъзе мавридҳо мумкин аст муқаррар карда шавад, ки амалиётҳои фаъол оид ба солимгардонӣ, аз ҷумла дур кардани манбаъ, зарурӣ намебошанд, ва ба ҷойи ин амалиётҳои ғайрифаъол бо маҳдудсозии дастрасӣ татбиқ карда мешаванд.

88. Агар танҳо иттилооти хеле маҳдуд оид ба майдон ё минтақа, ки барои онҳо масъалаи солимгардонӣ баррасӣ карда мешавад, дастрас бошад, пас имкон дорад, ки ба майдон рафта, тавсифи минбаъда ва ё муоинаи он барои ҷамъоварии иттилооти иловагӣ гузаронида шавад.

89. Тавсифӣ бояд арзёбии сатҳҳои эҳтимолии шуоъхӯрӣ ва дозаҳои мувофиқи пешгӯийшударо то солимгардонӣ дар бар гирад. Тавсифа ҳамчунин бояд арзёбии таъсирот ба муҳити зист, аз ҷумла таъсироти имконпазирро ба давлатҳои ҳамсоя фаро гирад. Ҳамчунин бояд омилҳои дигар, чун шароити иҷтимоию иқтисодӣ, мавҷудияти маблағ, мавҷудияти усулҳо ва таҷҳизот барои солимгардонӣ, инчунин мавҷудияти маълумоти дахлдори илмӣ ба эътибор гирифта шаванд.

90. Муоина ба мақсади тавсиф бояд интихоби дуруст ва калибровкаи асбобҳо, интихоби дурусти намунаҳо ва ченгирии онҳо ва маълумоти дурустро дар бар гирад. Дар рафти чунин муоина истифодаи усулҳо барои ҷамъоварии маълумоти лозимӣ (яъне, интихоби намунаҳои хокҳои сатҳӣ ва зерисатҳӣ, гамма-ченгирии амбиентӣ, интихоби намунаҳои моводи радиоактивӣ дар ҳаво, интихоби намунаҳои об ва биотҳо) зарур аст.

91. Номгӯйи муоинаҳо оид ба тавсифа бояд аз рӯйи шароит дар минтақа, навъ ва миқёси моддаҳои олудакунанда ва захираҳои мавҷуда муайян карда шавад. Маълумот барои додани имконияти қабули қарор бояд ҷамъоварӣ ва арзёбӣ карда шавад. Маълумоте, ки дар натиҷаи муоина оид ба тавсифа ба даст омадаанд, бояд ба сифати

маълумоти вурудӣ барои моделҳои арзёбии дозаҳои инфиродӣ, ки аз муҳити зисти олудашуда пайдо шуда метавонанд, истифода шаванд.

92. Пеш аз дидан кардани майдон ё минтақаи зарардида (масалан, майдоне, ки дар натиҷаи фаъолият дар гузашта зарар дидааст, моликияте, ки дар натиҷаи садама зарар дидааст), мақсади дидан бояд бо ҷонибҳои манфиатдор муҳокима карда шавад. Дастрасӣ ба донишҳои маҳаллӣ, дар ҷойе, ки онҳо ҳастанд, аҳамияти калон дорад, хусусан, агар гурӯҳи диданкунанда оид ба майдон ва атрофи он чизе надонад. Муайян кардани шахсоне, ки донишҳоро оид ба минтақа соҳибанд ва бо онҳо машварат кардан ва ё онҳоро ба сифати сафарбар (гид) дар рафти сафар ба маҳал ва муоинаҳои саҳроӣ ҳамроҳ гирифтан муҳим аст, хусусан ба он ҷойҳое, ки харитаи маҳал, сабт ё маълумоти маҳал мавҷуд нест.

93. Тавсифи аввала дар чаҳорчӯби арзёбии қаблӣ бояд миқдори маҳдуди ченгириҳо (масалан, тавоноии дозаи амбиентӣ) ва интихоби намунаҳои маводеро барои таҳлил фаро гирад. Ҳар гуна барномаи интихоби қаблии намуна бояд қаблӣ нақшагирӣ шуда бошад ва бояд ба интихоби намунаҳо аз минтақаҳои ба сифати зарардида муайянкардашуда, хусусан онҳое, ки бештар истифода мешаванд ва ё дар он ҷо одамон вақти худро мегузаронанд, равона карда шавад. Барои ҷамъоварии намунаҳо аз минтақаҳои олудашуда мумкин аст арзёбии бехатарӣ ва арзёбии таъсирот ба муҳити зист талаб карда шавад. Ба чунин фаъолият бояд иҷозатномаи танзимӣ гирифта шавад.

94. Ҳаҷми барномаи ҷамъоварии маълумот оид ба мушахассаҳои фонӣ бояд параметрҳои зарурии мушахассаҳои фониро ба таври аниқ муайян намояд. Муайян кардани сатҳҳои фонии шуоъхӯрӣ ва олудашавӣ бо дигар маводи хатарнок (баъзе металлҳои вазнин, пасмондаи равған ва монанди ин) хеле муҳим мебошад. Барои ин зарур аст, ки:

1) миқдори кофии намунаҳо ё таҳлилҳои мувофиқ барои муайян кардани маълумоти омории боэътимод интихоб карда шавад;

2) иттилооти нашршуда оид ба консентратсияи фонӣ истифода карда шавад;

3) минтақаҳои ошкорсозӣ ва дақиқии таҳлилии омори усулҳои истифодашаванда ба назар гирифта шавад;

4) қиматҳои миёна ва тамоюлдоштаи намунаҳо ва фосилаҳои миёнаи бовариноки дахлдори популятсия муайян карда шавад;

5) ҳисоботҳо оид ба муайянкунии фон бо шарҳи пурраи оморӣ ва хусусиятҳое, ки ба ин омор паҳн мешаванд, омода карда шавад.

95. Иттилоот оид ба ҳолати аввала барои тавсифи ҳам муҳити физикӣ ва ҳам муҳити иҷтимоӣ то оғози таҳияи лоиҳа талаб карда мешавад. Иттилоот оид ба ҳолати аввала ҳамчунин барои пешгӯйии таъсирот ва барои арзёбии вариантҳои алтернативии лоиҳа ва чорабиниҳо оид ба сабук кардани оқибатҳо истифода мешавад. Он инчунин дар дигар барномаҳо, мисли нақшаҳои солимгардонӣ ва мониторинг, барои муқоиса бо тағйиротҳои оянда истифода шуда метавонад. Одатан, таҳқиқи ҳолати аввала барои иҷрои амалиётҳои зерин гузаронида мешавад:

1) ҷамъоварии ҳар гуна маълумот оид ба сатҳҳои фонии олудашавӣ то коркард, ҳамчунин шароит дар вақти корҳо ва пас аз анҷоми корҳо дар майдон;

2) ҳамгиро кардани иттилоот дар асноди иловагӣ оид ба лоиҳа (масалан, дар нақшаҳои мониторинг ва солимгардонӣ).

96. Таҳқиқоти аввала бояд арзёбии дуркунии эҳтимолии маводи радиоактивӣ ва заҳрнокро аз майдон ва истифодаи онҳоро аз ҷониби аҳолӣ дар бар гирад.

97. Ҳангоми арзёби кардани ягон хел олудашавии муҳити зист ҳама маълумоти мавҷуда бояд барои арзёбии миқёси масъалаҳо ва муайян кардани навъи он, сифат ва миқдори ченгириҳои зарурӣ барои қабули қарор оид ба миқёси солимгардонӣ зарурӣ истифода шавад.

98. Иттилооте, ки дар рафти арзёбии қаблӣ ҷамъоварӣ шудааст, бояд дар рафти таҳлили қаблии скринингӣ, ки аз муқоисаи дозаҳои ҳисобии пешгӯйишаванда то солимгардонӣ бо меъёри интихоб иборат аст, истифода шавад. Агар таҳлили скринингӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки таъсироти назаррас ба одамон ва муҳити зист имконпазир аст, пас дар доираи арзёбии муфассал бояд тавсифа ва арзёбии минбаъда иҷро карда шавад, ҳаҷми солимгардонӣ, одамон ва намояндагони наботот ва ҳайвоноте, ки дучори хатар гардида метавонанд, муайян карда шавад. Иттилоотеро, ки дар марҳилаи арзёбии қаблӣ ҷамъоварӣ шудааст, ҳамчунин барои муайян кардани навъ, сифат ва миқдори ченгириҳое истифода кардан мебояд, ки онҳо барои қабули қарор оид ба хусусияти комил ва ҳаҷми солимгардонии зарурӣ талаб карда мешаванд.

99. Агар дар рафти арзёбии қаблӣ мавҷудияти олудашавиҳо дар майдонҳо ё минтақаҳо тасдиқ шавад, ҳамчунин баррасӣ кардани минтақае, ки ҳамҷавори майдон аст, ё минтақае, ки дар он олудашавӣ паҳн гардида метавонад, муҳим аст.

100. Тибқи иттилооти беҳтарини айни замон мавҷуда бояд арзёбии қаблии навъҳои имконпазир ва ҳаҷмҳои маводи пасмонда, аз ҷумла партовҳо, ки метавонанд дар вақти солимгардонӣ пайдо шаванд, кӯчонидан ва ҳифз кардани онҳо, ҳамчунин истифодаи ниҳоӣ ва гӯрониши онҳо гузаронида шавад. Ба чунин арзёбӣ дар марҳилаҳои гуногуни солимгардонӣ, масалан, дар вақти интихоби варианти солимгардонӣ ва дар рафти гузаронидани солимгардонӣ, барои санҷиши арзёбии навъҳо ва ҳаҷмҳои маводҳо, пасмондаҳо ва партовҳои пайдошуда баргаштан мебояд.

101. Дар ин марҳила мумкин аст қабули қарор дар ҳошияи иттилооти нопурра зарур ояд. Дар асоси чунин иттилоот бояд нақшаҳои мибаъда, амалиётҳо ва робита дар шакли арзёбӣ, қиматҳо ё фосилаҳои тақрибӣ пешниҳод карда шаванд, вале худи амлиётҳо на бояд то ба даст овардани иттилооти иловагӣ ба таъхир гузошта шаванд.

102. Маълумотеро, ки дар марҳилаи арзёбии қаблӣ ҷамъоварӣ шудаанд, барои қабули қарорҳои ба иттилоот асосёфта оид ба асосноккунии солимгардонӣ истифода кардан мебояд. Ҳамчунин тавсифи иловагӣ ва ё мониторингро низ истифода кардан мебояд, ки онҳо лозим меоянд. Ба он таваҷҷуҳ кардан мебояд, ки сифати маълумот ва миқдори онҳо кофӣ бошанд ва ба мақсадҳо оид ба сифати маълумоте, ки дар ситемаи идоракунӣ пешбинӣ гардиданд, мувофиқ бошанд. Ҷамъоварии маълумот бояд аз ҷониби шахсони омӯзонидашуда ва ихтисосманд бо истифодаи асбобҳои калибровкакардашудаи дахлдор гузаронида шавад.

103. Тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд системаи ҷамъоварӣ ва ҷорӣ кардани қайдгирӣ оид ба амалиётҳое, ки дар рафти арзёбии аввалаи майдонҳо ё минтақаҳо гузаронида шудаанд, таҳия ва ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд.

104. Ин иттилоот, ки дар рафти арзёбии қаблӣ ҷамъоварӣ шудааст, бояд ба феҳристи минтақаҳои зарардида ворид карда шавад ва сипас асоси нақшаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас гардад. Нақшаи солимгардониро барои майдон ва минтақаи

мушаххас, ки дар чаҳорчӯби сиёсати миллӣ ва стратегияи миллӣ тибқи талаботҳои қонунгузорӣ ва меъёрӣ тартиб дода шудааст, бояд ҷонибе таҳия намояд, ки ба нақшагирӣ ва амалисозии солимгардонӣ, бо назардошти стратегияи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас ва арзёбии маълумоти тавсифи майдон ё минтақа масъул мебошад.

105. Бояд модели назариявӣ (консептуалӣ)-и майдон сохта шавад, ки он системаи муҳити зистро дар мутобиқатӣ бо таҳлили хатарҳо, барои асосноккунӣ ва маънидодкунии оқилонаи муоинаи майдон ва ба даст овардани хулосаҳоро оид ба шароити экологӣ дар майдон инъикос мекунад.

106. Модели назариявӣ (консептуалӣ)-и майдон воситаи муфид барои фаҳмиши қаблии равндҳои асосӣ ва таъсироте мебошад, ки барои муайян кардани вариантҳои солимгардонӣ ва сенарияҳои мувофиқ барои арзёбии бехатарӣ ва арзёбии таъсирот ба муҳити зист зарур аст. Модели назариявӣ (консептуалӣ)-и майдон иттилоот оид ба хатарнокиҳои шуоъхӯрӣ ва партофти химикатҳо, тақдири онҳо, ва ҳар гуна ретсепторҳои имконпазирро дар бар мегирад. Робитаи самаранок дар чаҳорчӯби модели назариявӣ (консептуалӣ)-и майдон аз ҳисоби ҳуҷҷатгузории зарурӣ аҳамияти муҳим дорад ва асос барои муайян кардани назаррас будан ё набудани фосилаҳо (пробелҳо) дар маълумот мебошад.

107. Дар асоси арзёбии қаблӣ имконияти асосноккунии солимгардониро муайян кардан мебояд. Мавридҳое буда метавонанд, ки иттилоот оид ба таърихи майдон ё минтақа, маълумоти тавсифӣ ва муоинаҳо ва модели назариявӣ (консептуалӣ)-и майдон ба зарурати солимгардонӣ бе ягон хел асосноккунии иловагӣ ишора мекунанд. Ғайр аз ин, сабабҳое вуҷуд дошта метавонанд, ки ба олудашавии радиоактивӣ алоқаманд набуда, амалисозии амалиётҳоро оид ба солимгардонӣ шарҳ дода метавонанд.

108. Минтақаҳоеро, ки дар онҳо дозаи чашмдошти шуоъхӯрӣ барои шахсони алоҳида аз ҳисоби аҳолӣ аз меъёрҳои интихоби тасдиқкардаи мақоми танзимгар пасттар аст, барои истифодаи бемаҳдуд озод кардан мумкин аст. Дар минтақаҳое, ки дар онҳо дозаи чашмдошти шуоъхӯрӣ барои шахсони алоҳида аз ҳисоби аҳолӣ аз меъёрҳои интихобӣ баландтар аст, солимгардонӣ асосноккардашуда буда метавонад. Баъд аз ин барои муайянкунии асосноккардашуда будани солимгардонӣ гузаронидани арзёбии муфассал талаб карда мешавад.

109. Натиҷаҳои тавсифи майдон ва арзёбии вариантҳои имкондори солимгардонӣ бояд ба мақоми танзимгар барои баррасӣ ва арзёбии расмӣ пешниҳод карда шаванд. Ҷонибҳои манфиатдор бояд дар ин раванд аз марҳилаи ибтидоӣ то анҷоми тайёр кардани қарорҳо иштирок кунанд.

## 9. АРЗЁБИИ МУФАССАЛ

110. Агар арзёбии пешакӣ дар хусуси асоснок будани солимгардонӣ шаҳодат диҳад, ҷониби масъул бояд арзёбии муфассали майдон ё минтақаро барои муайян кардани воқеан зарурат доштан ё надоштани солимгардонӣ гузаронад, агар зарурат дошта бошад, пас иттилооти заруриро барои банақшагирии солимгардонӣ пешниҳод намояд. Арзёбии муфассал бояд инҳоро дарбар гирад:

1) тавсифи шароити маҳалли муҳити зист, аз ҷумла дар зарурат ҷамъоварӣ кардани маълумоти метеорологӣ дар ин минтақа, таҳқиқот оид ба ченкунии сатҳи афканишоти

амбиентӣ, намунагирӣ ва таҳлили хок, обҳои зеризаминию сатҳизаминӣ ва таҳшинҳои қаърӣ;

2) муайян кардани хусусият ва микёсҳои олудашавӣ;

3) ошкор сохтани роҳҳои шуоъхӯрӣ ва ретсепторҳои шуоъхӯрӣ (шуоъхӯрандагон) ва пешниҳоди маълумоти воридотӣ барои модели миқдории майдон ё минтақа барои таснифи математикии модели назариявӣ бо истифодаи маълумот барои майдон ё минтақаи мушаххас дар дастгирии моделҳои арзёбии доза ё арзёбии хатар;

4) таъмини ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, аз ҷумла ҳимоя ҳангоми шуоъхӯрии касбӣ;

5) арзёбии шуоъхӯрии аҳолӣ, ки ба майдонҳо ё минтақаҳои олудашуда алоқаманд аст;

6) арзёбии пешакии масъалаҳои муҳити зист, ки дар рафти солимгардонии майдон ё минтақа пайдо шуда метавонанд;

7) қарор дар бораи асоснок будан ё набудани солимгардонӣ.

111. Таркиби таҳқиқот бояд аз рӯи шароит дар майдон ё минтақа, навъ, хусусият ва давомнокии моддаҳои олудакунанда бо захираҳои дастрас муайян карда шавад. Бо назардошти мақсадҳои арзёбии пешакӣ таваҷҷуҳи махсус бояд ба тавсиф ва таҳқиқоти минбаъда барои ба даст овардани иттилооти муфассалтар оид ба масъалаҳои зерин равона карда шавад:

1) механизмҳои идоракунии майдон ё минтақа, аз ҷумла назорати даромаду баромад ба майдон ё минтақа барои бартарафсозии даромаду баромади пешбининашуда ё вайронкунандагони иҷозатнома надошта ва камтарин кардани шуъохӯрӣ;

2) шахсони дар минтақаҳои олудашуда зиндагикунанда ё коркунанда, ва дигар ҷонибҳои манфиатдор;

3) истифодаи обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ, аз рӯйи ҷоришавӣ ба поён аз минтақаи олудашуда;

4) истифодаи кунунӣ ва эҳтимолии минбаъдаи замин;

5) навъи экосистема ва набототу ҳайвонот дар минтақаҳои олудашуда ва атрофи онҳо;

6) истифодаи маводҳои олудашуда аз минтақа, масалан, дар манзилҳои маҳаллӣ;

7) шароити муҳити зист барои майдон ё минтақаи мушаххас, мисли иқлими маҳал, шароити физикию химиявӣ, гидрогеология ва роҳҳои мушаххаси шуоъхӯрӣ;

8) фаъолияти кишоварзӣ, ки дар минтақаҳои олудашуда ё атрофи онҳо амалӣ карда мешавад (масалан, парвариши зироатҳои кишоварзӣ; обёрии зироатҳо бо оби олудашуда; истифодаи таҳшинҳои обҳои равон барои кишт; паспартофти ҳайвонот);

9) имконияти мигратсияи олудашавӣ аз майдон ё минтақа.

112. Маълумотҳое (аз ҷумла бо номуайянӣ алоқаманд), ки дар рафти арзёбии муфассал ҷамоварӣ карда шудаанд, бояд ба ҳисобот ворид карда шаванд. Маълумотҳои дар рафти арзёбии пешакӣ ва арзёбии муфассал ҷамъоваришуда шароитҳои ибтидоӣ пеш аз солимгардонӣ мебошанд. Бо онҳо шароит баъди солимгардониро муқоиса карда, самаранокии амалиётҳо оид ба солимгардониро арзёбӣ кардан мумкин аст. Тавсифи шароити ибтидоӣ пеш аз солимгардонӣ бояд майдонҳо ё минтақаҳоеро, ки онҳо дар натиҷаи фаъолият ё воқеаи арзёбишуда дар гузашта зарардида ҳисобида шудаанд, ҳамчунин минтақаҳоеро, ки ҳоло таҳқиқ нашудаанд, дар бар гирад. Ин маълумотҳо бояд

барои арзёбии дозаҳои пешгӯйишуда то солимгардонӣ истифода шаванд ва асос барои муайян кардани сатҳи назоратӣ ва меъёрҳои дахлдори ҳосилавӣ гарданд.

113.Барномаи умумии тавсифии майдон бояд ҳама ҷанбаъҳои банақшагирӣ ва иҷрои барномаи тавсифӣ, ҳамчунин таҳлил, валидатсия, маънидодкунии маълумоти ҷамъкардашуда ва хулосабарориро дар бар гирад.

114.Барномаи умумии тавсифи майдон бояд ҳам тавсифи партовҳо ва ҳам тавсифи объект ё майдонро фаро гирад ва бояд арзёбии эътимодноки бузургиҳои партофт ва паҳншавии таркибаҳои радиоактивиро таъмин намояд.

115.Зимни тавсифи майдонҳои олудашуда номуайяниҳои хос дучор омада метавонанд. Бисёре аз ин номуайяниҳо ба сабаби ноякҷинсагии шароити муҳити зист ва шароит дар майдон, ҳамчунин ба сабаби маҳдудиятҳо ба миқдори нуқтаҳои интихоби намунаҳо пайдо мешаванд. Мақсади тасифдиҳии муфассали майдон ҳарчи зиётдар кам кардани номуайяниҳо мебошад. Барои ноҳияҳои деҳот ҳамчунин чен кардан ё арзёбӣ кардани интиқоли элементҳои таркибӣ аз хок ба наботот зарур аст.

116.Тавсифи майдон ва барӯйхатгирӣ (инвентаризатсия) дар доираи арзёбии комплексӣ ба воситаи барномаҳои мониторинг ва назорат барои майдони мушаххас гузаронида мешаванд.

117.Натиҷаҳои тавсифи майдон ва арзёбии вариантҳои имкондори солимгардонӣ бояд ба нақшаи солимгардонӣ ворид карда шуда, ба мақоми танзимгар пешниҳод гарданд ва ба маълумоти ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор расонида шаванд.

118.Ҷонибҳои манфиатдор бояд дар ин раванд аз марҳилаи ибтидоӣ то анҷоми омодакунии қарор иштирок намоянд. Шарҳи арзёбӣ бояд қадами калидӣ дар раванди қабули қарор бошад.

119. Ҳисоботҳо ва дигар манбаъҳои иттилоот барои арзёбии майдон муфид мебошанд. Онҳо муфассалияти тавсифии майдон ва умумигардонии маълумотро оид ба фаъолият дар ин майдон фаро мегиранд.

120. Нақшаҳои майдон, расмҳо, тарҳҳо, аэросуратҳо, харитаҳо ва ангораҳои конструксияҳо барои намоиш додани ҷойгиршавӣ ва қисматбандии биноҳо дар майдон махсусан муфид мебошанд. Дар ин расмҳо ва харитаҳо бояд ҷойгиршавии объектҳо оид ба коркард, ҷоришавии партовҳо ба майдон ва аз майдон, ҳамчунин анборҳои хомашё ва маҳсулоти тайёр қайд карда шаванд.

121. Бино ё қитъаи коркард берун аз манзил бояд тавре тағйир дода шаванд ё ҷойивазкунӣ карда шаванд, ки қитъаҳои пештарае, ки он ҷо коркард гузаронида мешуд, имкони ба дигар мақсадҳо ё конфигуратсияҳо табдилдиҳӣ дошта бошанд. Ҳамчунин бояд ҷойгиршавии қубурҳои канализатсионӣ, қубурҳои обрасонӣ, хатҳои интиқоли барқ ва монанди инҳо муайян карда шавад. Ин иттилоот нақшагирии корҳои иктишофӣ ва таҳқиқоти минбаъдаро дар майдон, коркарди модели назариявии майдон, ҳамчунин баланд бардоштани самаранокии барномаи таҳқиқот (муоина)-ро осон мегардонад.

## §1. Муайян кардани сатҳҳои референтӣ

122. Сатҳҳои референтӣ бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас вобаста ба ҳолатҳои бавуҷудомада ва шароит муқаррар карда шаванд. Ҳангоми интихоби сатҳи референтӣ ва меъёрҳои дахлдори ҳосилавӣ як қатор омилҳо баррасӣ шуда метавонанд, аз ҷумла:

1) тавсифҳои радиологӣ (масалан, таркиби радионуклидӣ, хосиятҳои физикӣ ва химиявӣ, зичии тахшинии радионуклидҳо, андозаи минтақаи олудашуда);

2) тавсифҳои экологӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас (масалан, навъи хокҳо, релйеф, иқлим, мавҷудияти ҷангалҳо ва обанборҳо; истифодаи захираҳои замин ва намуду усулҳои фаъолияти кишоварзӣ; мушаххасаҳои иҷтимоӣ ва демографӣ, мисли навъи сокиншавӣ, одатҳо ва монанди ин);

3) андешаи ҷонибҳои манфиатдор.

123. Интихоби сатҳи рефентӣ бояд қароре бошад, ки ба тавсифи мутобиқи майдон ё минтақа асос ёфтааст.

124. Агар дозаҳо барои аҳолӣ дар шаҳрак ё дар минтақа бо тақсимоти такроршаванда пешниҳод шуда бошанд, афзалиятҳои солимгардонӣ бояд аз он иборат бошанд, ки ҳиссаи аҳолие, ки дозаи баландтар аз сатҳи референтиро мегирад, кам карда шавад. Барои намояндагони аҳолӣ, ки барои онҳо доза то солимгардонӣ аз сатҳи референтӣ баландтар аст, мақоми танзимгар ё дигар мақомоти дахлдор метавонанд қарорро дар бораи чораҳои махсус оид ба коҳиш додани шуоъхӯрӣ қабул намоянд (масалан, тавсияномаҳо нисбат ба хӯроквориҳо, маҳдудиятҳо). Дар Замимаи 1 роҳнамо оид ба чӣ тавр гузаронидани арзёбии дозаҳо бо мақсади солимгардонӣ оварда шудааст.

125. Ҳангоми муқаррар кардани сатҳҳои референтӣ бояд ҳам принсипҳои асосноккунӣ ва ҳам принсипҳои муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ баррасӣ карда шаванд. Ҳангоми муайян кардани сатҳи референтӣ мақомоти давлатӣ ҳолатҳои бавуҷудомада, аз ҷумла таҷрибаи солимгардонӣ дар гузашта ва мавҷудияти захираҳоро баррасӣ менамоянд. Муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ дар вақти солимгардонӣ боиси коҳиши мунтазами шуоъхӯрӣ пастар аз сатҳи референтӣ мегардад. Тақсимоти дозаҳои инфиродиро марҳила ба марҳила паст кардан мумкин аст, ки боиси мунтазам беҳтаршавии ҳолат мегардад. Сатҳҳои референтӣ бояд давра ба давра аз ҷониби мақоми танзимгар аз нав баррасӣ карда шаванд.

126. Ҳангоми интихоби сатҳи референтии мувофиқ бояд бо ҷонибҳои манфиатдор машваратҳо гузаронида шавад. Расонидани иттилооти дақиқ ба ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор, мисли ҷамоатҳои маҳаллӣ оид ба асосноккунии мантиқии интихоби сатҳи референтӣ барои гузаронидани солимгардонӣ, барои таҳкими боварӣ аҳамияти муҳим дорад ва эҳтимоли розигии ҷонибҳои манфиатдорро зиёд мегардонад.

127. Интихоби сатҳи референтӣ метавонад ба миқдори партовҳои дар раванди солимгардонӣ пайдошуда таъсир расонад. Дар умум, ҳар қадар сатҳи референтӣ пасттар бошад, ҳамон қадар ҳаҷми партовҳои пайдошаванда (масалан, бо сабаби гузаронидани солимгардонӣ дар майдони калон) зиёдтар аст. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» қайд карда шудааст, ки яке аз принсипҳои асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ин таъмини дар сатҳи минималӣ ҳосил шудани партовҳои радоактивӣ мебошад. Ин масъаларо ҳамчунин зимни интихоби сатҳи мувофиқи референтӣ бояд ба инобат гирифт.

128.Дар амалия дар мавридҳои зарурӣ сатҳҳои референтӣ бояд ба меъёрҳои мувофиқи ҳосилавӣ табдил дода шаванд (масалан, ба беккерелҳо дар як грамм), то татбиқи онҳо содда гардонида шавад ва онҳо зимни банақшагирӣ, амалисозӣ ва санҷиши амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ба дастур гирифта шаванд.

129. Барои мақсадҳои оперативии солимгардонӣ меъёрҳои ҳосилавӣ бояд ба воситаи моделҳои воқеии дозиметрӣ барои шахси репрезентивӣ (намояндагӣ), ки дар ҳолати шуоъхӯри мавҷуда зиндагӣ мекунад, ҳисоб карда шаванд. Ин меъёрҳои ҳосилавӣ, мисли тавоноии дозаи амбиентӣ, консентратсияи фаъолнокӣ ва маҳсулоти ғизоӣ ё дигар таркибаҳои муҳити зист, бузургиҳои ченшаванда мебошанд.

130 Ҳангоми интихоби сатҳҳои референтӣ ва меъёрҳои ҳосилавӣ ба назар гирифтани номуайяниҳо муҳим аст, масалан, номуайяниҳои алоқаманд ба интихоб ва ченкунии намунаҳо, моделсозии муҳити зист, арзёбӣ (тақсимот)-и дозаҳо барои аҳолӣ, ҳамчунин самаранокии амалиётҳои пешниҳодшаванда оид ба солимгардонӣ.

131. Интихоби сатҳи референтӣ баҳисобгирии омилҳои сифатӣ ва миқдориро дар бар мегирад ва робитаи васеъ ва машваратҳоро талаб мекунад; онро ба воситаи чунин усулҳо, мисли таҳлили чандмеъёраи қарорҳо гузаронидан мумкин аст. Ба муқаррарсозии сатҳи референтӣ дар қиматҳои ниҳоят паст роҳ додан мумкин нест (зеро дар оянда баланд кардани онҳо душвор аст) ва аз муқаррарсозии он дар марҳилаи хеле пештари раванди арзёбии муфассал (яъне, вақте ки иттилооти дастрас номутобиқ аст) даст кашидан мебояд.

132. Дар мавридҳои олудашавиҳои ҷиддӣ ё норасоии захираҳое, ки барои иҷрои таъхирнопазири солимгардонии пурра заруранд, интихоби сатҳи референтии мобайнӣ ё кӯтоҳмуддат муфид аст, сипас дар асоси таҷрибаи андӯхташуда ва ба даст овардани захираҳои минбаъда, онҳоро ба ҷониби пастшавӣ бо мақсади мунтазам беҳтар кардани ҳолат то вақте, ки сатҳи референтии дарозмуддат ба даст оварда нашавад, аз нав баррасӣ кардан мебояд.

133. Хатарҳои радиологӣ ва хатарҳои ғайрирадиологӣ дар майдон ё минтақае, ки барои гузаронидани солимгардонӣ баррасӣ карда мешавад, бояд дар арзёбии бехатарӣ, асосноккунии бехатарӣ ва дар арзёбии таъсирот ба муҳити зист муайян карда шаванд. Ин арзёбиҳо бояд ба мақоми танзимгар пешниҳод карда шаванд ва бояд ҳамаи амалиётҳои пешбинишударо оид ба солимгардонӣ фаро гиранд ва масъалаҳо оид ба шуъохӯрии имконпазири коргарон, аҳолӣ ва муҳити зист аз худи солимгардонӣ, ҳамчунин оид ба шуоъхӯрӣ то солимгардонӣ ва баъди он баррасӣ карда шаванд. Дар арзёбиҳо бояд воқеаҳои имконпазир, аз ҷумла садамаҳо, ки дар вақти солимгардонӣ рух дода метавонанд, баррасӣ карда шаванд. Дар асоси ин арзёбиҳо нақшаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас бояд чораҳоеро ба таври муфассал тасниф кунад, ки барои таъмини ҳифзи саломатӣ ва бехатарии коргарон, ҳимояи аҳолӣ ва муҳити зист қабул карда мешаванд.

## 2. Арзёбии бехатарӣ ва арзёбии таъсирот ба муҳити зист

134. Барои майдонҳои мероси уранӣ арзёбии бехатарӣ ҷузъи муҳими банақшагирии солимгардонӣ мебошад. Арзёбии бехатарӣ таркиби асосии асосноккунии бехатарӣ мебошад ва арзёбии як қатор ҷанбаъҳо, аз ҷумла баррасии таъсироти радиологӣ ба одамон ва муҳити зист, ҳамчунин ҷанбаъҳои муҳандисӣ, бехатарии истифодабарӣ, арзёбии ғайрирадиологии таъсирот ба муҳити зист ва системаи идоракуниро дар бар мегирад.

135. Оператори майдон бояд арзёбии бехатариро пешниҳод намояд, ки дар он таҳлили дозаҳо ва хатарҳои алоқаманд ба марҳилаҳои мухталифи раванди солимгардонӣ оварда мешавад, аз ҷумла: муайян кардани ҳаҷми арзёбии бехатарӣ (навъҳои шуоъхӯрӣ,

роҳҳои шуоъхӯрӣ, қиматҳои ҳаддӣ ва монанди ин); микёси вақт; муносибгардонӣ ва методология; ва таъсироти ғайрирадиологӣ.

136. Ҳангоми арзёбии бехатарӣ татбиқ кардани усули системавӣ барои таснифи роҳҳои имконпазири табаддулоти майдони олудашуда ва муҳити зисти он, аз ҷумла таҳлили миқдории кӯчиши моддаҳои радиоактивӣ аз майдони олудашуда ва миграцияи имконпазири онҳо ба муҳити зист зарур аст.

137. Ба ҷузъҳои асосии методологияи арзёбии бехатарӣ инҳо мансубанд:

1) махсусияти мазмуни арзёбӣ;
2) таснифи объекти мерос ва гӯронидани партовҳо;
3) идентификатсияи (муайянкунии) хатарнокиҳо;
4) таҳия ва асосноккунии сенарияҳо;
5) таҳия ва коркарди моделҳо;
6) иҷрои моделсозӣ ва таҳлили натиҷаҳо, аз ҷумла таҳлили ҳассосӣ ва номуайянӣ;
7) муқоиса бо меъёрҳо;
8) дар мавриди зарурӣ арзёбии такрорӣ ва модификатсия (такмил)-и арзёбӣ (итератсия).

138. Арзёбии бехатарии майдон бояд бо истифодаи интихоби равишҳои мувофиқ иҷро карда шавад, ки онҳо метавонанд бовариро ба бехатарии майдон дар вақти раванди солимгардонӣ ва баъди он зиёд гардонанд. Равишҳои гуногун инҳоро дар бар гирифта метавонанд: равишҳои эҳтимолӣ ва муайянкунанда; истифодаи моделҳои оддӣ ё консервативӣ; ё моделҳои мураккаб ё воқеитар.

139. Равиш нисбат ба арзёбии бехатарӣ бояд хусусият ва мақсади арзёбӣ, мавҷудияти маълумотҳо ва захираҳои дастрасро муайян кунад.

140. Агар барои гӯрониши партовҳо, ки дар вақти солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд, объекти мавҷуда пешниҳод шавад, пас бояд навъ ва сатҳи миқдори инвентарии моддаҳои хатарнок, ва параметрҳои химиявию физикие, ки партофти имконпазири моддаҳои хатарнокро ба маҳити зист муайян мекунанд, арзёбӣ карда шаванд. Агар тағйироти назаррасро истисно кардан имкон надошта бошад, пас ҳангоми арзёбии бехатарӣ бояд арзёбии муфассали таъсироти онҳо гузаронида шавад.

141. Арзёбии бехатарии вариантҳои солимгардонӣ бояд дар асоси васеъ амалӣ карда шавад. Дар ҷараёни қабули қарорҳо бояд ҳама ҷанбаъҳои дахлдори ҳимояи радиатсионӣ ва хатарнокии ғайрирадиологӣ ба эътибор гирифта шаванд, ва бояд мутобиқатии вариантҳои солимгардонӣ ба талаботи меъёрӣ таъмин карда шавад.

142. Ҳамаи вариантҳои қобили қабули солимгардониро муайян кардан зарур аст, муқоисаи онҳоро гузаронида, варианти муносибро муайян кардан мебояд. Дар умум ин пас аз омода кардани итератсияи якуми арзёбии бехатарӣ имкон дорад, ки дар он таҳлили хатарҳои мавҷуда ва ояндаи алоқаманд ба объекти мерос гузаронида мешавад. Дар асоси чунин таҳлил имконияти муайян кардани иҷрошаванда будани кадом вариантҳои солимгардонӣ ва аслан қобили қабул будани онҳо барои коҳиш додани хатарнокиҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат то сатҳҳои зарурӣ пайдо мешавад.

143. Дар арзёбии бехатарӣ бояд самаранокии ҷузъҳои системавӣ дар шароити ҳозира ва оянда, ки рух дода метавонанд (аз ҷумла, амалиётҳои минбаъдаи инсон, тағйироти иқлим ва дигар тағйиротҳо дар муҳити зист), ва маҷмуи васеи сенарияҳо тибқи талаботи пешниҳоднамудаи мақомотҳои танзимӣ мавриди арзёбӣ қарор дода шаванд.

144. Дар ин замина таҳияи сенария асос барои таҳлили миқдорӣ мебошад. Сенария – ин таснифи табаддулотҳои имконпазири алтернативии система мебошад. Сенарияҳо барои шинохт ва муайян кардани аснод оид ба арзёбӣ, ки ба мазмуни арзёбӣ мувофиқ аст, истифода мешаванд. Интихоб ва асосноккунии мантиқии як қатор сенарияҳо ва асноди алоқаманд оид ба арзёбӣ ҳаётан муҳим мебошанд, ва сенарияҳои интихобшуда ба арзёбии минбаъдаи мушаххасаҳои система таъсири назаррас мерасонанд.

145. Таҳлил бояд тасниф ва асоснок кунад, ки кадом сенарияҳо чун табаддулоти оддӣ ё чашмдоши системаро муаррификунанда баррасӣ карда мешаванд ва кадом сенарияҳо эҳтимоли кам ё амалан номуайяни пайдоиш доранд.

146. Арзёбии бехатарӣ бояд равишеро тасниф кунад, ки барои муайян кардани хатар қабул шудааст ва аниқ муайян намояд, ки эҳтимоли хосиятҳо, воқеаҳо ва равандҳо ва ё сенарияҳо баҳодод шудаанд ё не, номуайянии алоқаманд ба пайдоиши сенария чӣ гуна ба назар гирифта шудааст ва кадом сенарияҳо дар арзёбии хатар ворид карда шудаанд.

147. Ҳар гуна сенарияҳо, ки ба воситаи моделҳои арзёбӣ арзёбӣ карда шудаанд, бояд тавре ҳамгиро карда шаванд, ки арзёбии мушаххасаҳои умумии кории система мумкин бошад. Чунин раванди ҳамгироӣ (интегратсионӣ) метавонад соддагардониро талаб намояд, ки он бояд ба таври зарурӣ асоснок ва татбиқ карда шавад.

148. Ҳар гуна моделҳои арзёбӣ, ки дар арзёбии бехатарӣ истифода мешаванд, бояд раванди калибровкаи онҳо ва валидатсияро тасниф кунанд ва бояд бо кадом тарз иҷро шудани талаботи воқеии раванди қабули қарорро нишон диҳанд.

149. Зимни таҳияи моделҳо, таҳиягар то ҷойе, ки имкон дорад, бояд таъмин намояд, то:

1) сатҳи тафсилот ва тавозун байни реализм ва консерватизм ҳангоми моделсозӣ барои мақсади муайян бо назардошти мазмуни мушаххаси арзёбӣ, донишҳои мавҷуда оид ба майдони олудашуда ва вариантҳои дастраси солимгардонӣ комилан мувофиқ ояд;

2) модели консептуалӣ ба таври оқилона системаро ва модели математикӣ модели консептуалиро муаррифӣ намояд;

3) ҳар гуна моделҳои консептуалӣ ва математикии баррасишуда ё арзёбишуда бо мақсади пешниҳоди далелҳо нисбат ба мутобиқатии моделҳои интихобшуда ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд;

4) верификатсияҳои мувофиқ ва арзёбии модел барои таъмини боварӣ ба татбиқпазирии модел барои мақсадҳои пешбинишуда, иҷро ва ҳуҷҷатгузорӣ карда шуда бошанд.

5) Зимни таҳияи таъминоти барномавӣ тадбирҳои мувофиқи кафолати сифат ва назорати сифат истифода карда шуданд.

150. Азбаски натиҷаҳои модел метавонанд барои раванди арзёбии умумӣ муҳим бошанд, интихоби моделҳои мувофиқ ҳаётан муҳим аст. Ғайр аз он, маълумоти воридшуда барои моделҳо бояд бодиққат ҷамъоварӣ ва арзёбӣ карда шавад. Муҳимтар аз ҳама тасдиқи моделҳои бо муқоисаи натиҷаҳои онҳо бо ченакҳои воқеӣ истифодашаванда мебошад.

151. Боввариро ба натиҷаҳои моделсозии арзёбии бехатарӣ аз ҳисоби пешниҳод намудани ҳисобҳои соддатар (тахминии) паҳншави (миграция)-и радионуклидҳо ё таъсири радиологӣ баланд бардоштан мумкин аст.

152. Арзёбии бехатарӣ бояд дар сатҳи мувофиқ ба фаҳмиши майдони мерос ва рафтори имконпазири он асос ёбад ва ҳамаи масъалаҳои мансуб ба бехатариро ба инобат гирад. Ҳангоми истифодаи равиши тафриқавӣ талаб карда мешавад, ки ҳаҷми захираҳои ба таъминоти бехатарӣ ҷудогардида бо хавфҳо ҳамчен бошад, ва арзёбӣ дар сатҳи тафсилоти миқёси хатарҳо, ки ба майдони олудашуда то солимгардонӣ ва баъди он алоқаманданд, иҷро карда шавад.

153. Аҳамиятнокӣ барои бехатарӣ одатан меъёри муҳимтар мебошад. Истифодаи ин меъёр баррасии мушаххасаҳои системаро дар истилоҳоти партофтҳо дар вақти истифодабарии оддӣ, оқибатҳои имконпазири воқеаҳои баистифодадиҳии решгӯйишаванда ва садамаҳои оқилона пешгӯйишуда, ҳамчунин аҳамияти бузурги воқеаҳои камэҳтимол бо оқибатҳои ҷиддӣ талаб мекунад. Меъёрҳои маънидориро барои бехатарӣ бевосита нисбат ба фаъолият оид ба солимгардонӣ татбиқ намудан мумкин аст.

154. Ҳангоми гузаронидани арзёбии бехатарӣ дахолати ҳам мақсаднок ва ҳам бемақсади инсон, ҳамчунин чораҳое баррасӣ кардан мебояд, ки онҳо барои кам кардани эҳтимол ва сабук кардани оқибатҳои дахолати инсон ба объектҳои гӯронидани партовҳои радиоактивӣ истифода шуда метавонанд ва назорати фаъоли ниҳодӣ (институтсионалӣ) ва/ё системаи монеаҳои физикии дарозмуддатро дар бар мегиранд.

155. Таҳияи сенарияҳои оқилонаи дахолати инсон барои ба даст овардани натиҷаи арзёбии бехатарӣ муҳим аст. Барои кам кардани эҳтимоли талафи донишҳо оид ба майдон мебояд аз назорати нофаъол (масалан, қайдҳо, маркерҳои объект) истифода кард. Чунин чорабиниҳо бояд қисме аз муносибгардонии ҳимоя бошанд. Назорати ниҳодӣ (институтсионалӣ) бояд ба сифати ҷузъи системаи умумии ҳимоя аз хатарҳои алоқаманд ба партовҳои радиоактивӣ баррасӣ карда шавад. Ин бо консепсияи умумии ҳимояи чандқабата мувофиқ карда мешавад, зеро он қабати ҳимояро ба монеаҳои муҳандисӣ ва табиии объект илова менамояд. Вале мавҷудияти назорати ниҳодӣ набояд барои асосноккунии пастшавии сатҳи тавсифии лоиҳавии системаи герметизатсия ва изолятсия истифода шавад.

156. Дар мавриде, ки агар арзёбии хатарнокиҳо ва хавфҳо дар доираи ваколатҳои гуногун иҷро мешавад, муайян кардани чорабиниҳои аз нуқтаи назари хароҷот самарабахш оид ба тозакунӣ (поксозӣ), гузаронидани арзёби хароҷот ё фоидаро бо назардошти ҳамаи беҳтаршавиҳое, ки онҳоро дар доираи ҳуқуқҳои гуногун муваффақ шудан мумкин аст, талаб карда мешавад.

157. Дар чунин мавридҳо арзёбии миқдории хатар танҳо дар сурате иҷро кардан мумкин аст, ки агар асоси умумӣ барои арзёбии ҷузъҳои гуногуни хатар мавҷуд бошад. Дар оқибат ин метавонад барои муайянкунии (идентификатсияи) ҳимояи мувофиқ ва чорабиниҳо оид ба тозакунӣ дар объект ва майдонҳои дахлдор хизмат намояд. Ин зарурати коркарди равишро ба арзёбие ба миён меоварад, ки дар он ҳамаи ҷузъҳои мувофиқи хатар ва зиён бо усули интегралӣ миқдоран арзёбӣ шуда метавонанд. Қарорҳои мансуб ба истифодаи аз ҷиҳати иқтисодӣ самараноки захираҳои молиявӣ ба таҳлили миқдорӣ асос ёфта метавонанд.

158. Иттилооте, ки дар арзёбии бехатарии солимгардонӣ ба даст оварда шудааст, арзёбии таъсирот ба муҳити зист ва асосноккунии бехатарӣ, бояд барои муайян кардани амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, ҳамчунин асоснокӣ ва муносибии онҳо (масалан, нисбат ба шакл, миқёс ва давомнокӣ) асос гардад.

159. Арзёбии дозаҳои ҳозира ва оянда барои шахсони алоҳида, миқдори шахсони шуоъхӯрда ва эҳтимоли шуоъхӯрӣ ҷузъиёти калидӣ дар раванди асосноккунӣ ва муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ мебошанд. Таъсироти радиологӣ ба флора (наботот) ва фауна (ҳайвонот) омили иловагие мебошад, ки онро дар раванди асосноккунӣ ва муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ баррасӣ кардан мебояд. Бояд арзёбии дозаҳо, аз ҷумла ҳисоби дозаҳо барои шахси репрезентивӣ (намояндагӣ) иҷро карда шавад. Сипас дар мавридҳои зарурӣ дар раванди солимгардонӣ он бояд нав карда шавад. Ҳамчунин бояд амалиётҳо оид ба солимгардонӣ барои таъмини он, ки ҳимоя ва бехатарӣ мисли пештара муносибгардонида боқӣ монданд, тағйир дода шаванд. Ҳангоми гузаронидани арзёбии бехатарӣ ва арзёбии таъсирот ба муҳити зист ҳамчунин таъсироти ғайрирадиологӣ низ барраасӣ карда шавад.

160. Дар баробари доза барои шахси репрезентивӣ дигар параметри муҳим метавонад тақсимоти дозаҳо дар байни ҳамаи аҳолии зарардида бошад. Шуоъхӯрии шахси репрезентивӣ ва тақсимоти дозаҳо дар байни ҳамаи аҳолии зарардида бояд зимни муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ баррасӣ карда шавад. Дар Замимаи 1 таснифи муфассали арзёбии дозаҳо ба сифати иттилооти аввалия барои раванди солимгардонӣ оварда шудааст.

161. Бояд арзёбии ҳам шуъохӯрии даруна (масалан аз ҳисоби хӯрдани маҳсулоти ғизоии олудашуда, хӯрдани оби нӯшокии олудашуда, нафаскашии чанги олудашуда) ва ҳам шуъохӯрии беруна гузаронида шавад. Дозаҳо барои коргарон ва аҳолӣ (яъне, дозаҳои пешгӯйишаванда то солимгардонӣ барои шароити пеш аз солимгардонӣ мавҷуда ва дозаҳои пасмонда дар вақти солимгардонӣ ва баъди он) бояд дар асоси пешбиниҳои модел дар фарзияҳои сенарияҳои воқеии шуъохӯрӣ арзёбӣ карда шаванд. Пешбиниҳои модел бояд арзёбии комили ҳолати шуоъхӯриро дар истилоҳоти миқдори одамони зарардида, қолабҳои муваққатӣ ва ҷойгиршавӣ таъмин намоянд. Дар ҷойе, ки ин имкон дорад, пас аз иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ва дигар амалиётҳои ҳимоявӣ чунин пешбинии дозаҳои пасмонда бояд бо маълумотҳо оид ба тавсиф барои майдонҳо ва минтақаҳои мушаххас ва натиҷаҳои барномаи мониторинги радиатсионӣ ҷонибдорӣ карда шаванд. Дар баъзе мавридҳо тақсимоти дозаҳо метавонад номунтазам бошад, ва дар ин ҳолат шахси вакилшуда (репрезентшуда) бояд бо эҳтиёткорӣ интихоб карда шавад.

162. Аз рӯйи имконият дозаи шуоъхӯриро дар асоси натиҷаҳои ченкуниҳо ва истифодаи моделҳое, ки онҳо шароитро барои майдон ё минтақаи мушаххас (ҳамчунин ҳар гуна норасоиҳоро зимни моделсозӣ) ба назар мегиранд, мебояд арзёбӣ кард. Ҳисоби дозаҳои пешгӯйишуда то солимгардонӣ моделсозиро дар ҳошияи модели назариявии майдон ё минтақа, ки он манбаъҳои асосӣ, роҳҳои шуоъхӯрӣ ва пайвасти онҳоро бо қабулкунандагони шуоъхӯрӣ тасниф мекунад, ва модели мувофиқи миқдории майдон ё минтақа, ки он омилҳо ва параметрҳоро барои майдон ё минтақаи мушаххас ба инобат мегирад, талаб мекунад. Дар умум моделҳои истифодашуда бояд воқеитар бошанд ва бояд ба талаботи мушаххаси ҳар як марҳилаи раванди солимгардонӣ мутобиқ гардонида шаванд. Татбиқи консерватизми аз ҳад зиёд метавонад боиси аз ҳад зиёд нишон додани арзёбии таъсироти радиологӣ гардида, ба амалисозии он вариантҳои солимгардонӣ оварда расонад, ки онҳо асоснок карда нашудаанд ва ё дар онҳо ҳимоя ва бехатарӣ муносиб гардонида нашудаанд (масалан, кӯчонидани нозарури одамон, маҳдудиятҳои нозарур ба истифодаи захираҳо, чун об). Ғайр аз ин, ин зиёднишондиҳии хатар метавонад

ташвиши беасос ва чашмдошти ғайривоқеии ҷонибҳои манфиатдорро ба вуҷуд оварад, хусусан онҳое, ки дар ноҳияҳои воқеъ дар наздикии майдон ё минтақаи зарардида зиндагонӣ мекунанд. Ҳамин тариқ, модели татбиқшаванда бояд ба мақсадҳои гузошташуда мувофиқ бошад ва қобилияти ба назар гирифтани ҳамаи манбаъҳо ва роҳҳои шуоъхӯриро бо истифодаи маълумот барои майдон ё минтақаи мушаххас дошта бошад.

163. Арзёбии воқеӣ – ин арзёбие мебошад, ки доза ва хатарҳои эҳтимоли бештардоштаро медиҳад, ки дар вақти солимгардонӣ ва баъди он пайдо мешаванд. Арзёбии консервативӣ – ин арзёбие мебошад, ки он бадқасдона имконияти чорабиниҳои идоракунӣ ва техникиро барои ҳимоя арзёбӣ намекунад. Барои муносибгардонӣ консепсияи солимгардонӣ ё нишондиҳии фаҳмиши муфассали рафтори объекти мерос бояд бо назардошти мавҷудияти маълумотҳо барои интихоби параметрҳои модел ҳарчи воқеитар бошад. Арзёбии воқеӣ метавонад бо ҳисобҳои мураккаб, ки миқдори зиёди параметрҳоро дар бар мегирад, ҳамроҳ гузаронида шавад, ва метавонад захираҳои зиёдро барои нишон додани он, ки ин маълумотҳо ва модел мушаххасаҳои системаро ба таври воқеӣ инъикос мекунанд, талаб намояд.

164. Татбиқи меъёри консервативии интихоб метавонад ҳамчун қисме аз марҳилаи арзёбии пешакӣ муфид бошад, зеро ин имкон медиҳад, ки майдонҳо ва минтақаҳое, ки дар онҳо солимгардонӣ асоснок карда нашудааст, самаранок ҷудо карда шаванд.

165. Дар ҳолатҳои зарурӣ моделҳо бояд бо назардошти тағйирпазирӣ ва номуайянӣ санҷидаву тасдиқ карда шаванд (масалан, дар асоси таҳлили ҳассосият). Таваҷҷуҳи махсусро ба таъмини он, ки фарзия (пешбинӣ)-ҳои модел ба ҳолатҳои баррасишаванда мувофиқ меоянд, равона кардан мебояд.

166. Агар банақшагирии ҳатмии истифодаи иҷозатии замин аз нигоҳи ҳуқуқӣ мавҷуд набошад, пас ба сифати асос барои чунин арзёбӣ бояд истифодаи замин дар атрофи майдонҳо ва рушди чашмдошти минтақаҳо интихоб карда шавад. Ин маънии онро дорад, ки муайянкунии талабот ба солимгардони дар майдон бояд ба роҳҳои дар айни замон мавҷудаи шуоъхӯрӣ асос карда шавад. Масалан, агар ба сабаби истифода нашудани замин барои кишоварзӣ ё боғдорӣ шуоъхӯрӣ тавассути маҳсулоти ғизоии олудашуда гузашта наметавонад, пас дар арзёбиҳо имконияти гипотетии онро, ки тағйироти минбаъда ва заминистифодабарӣ боиси пайдоиши шуоъхӯрӣ тариқи ин роҳ гардида метавонад, набояд баррасӣ кард.

167. Агар дар марҳилаи баъдтар тағйирдиҳии замин истифодабарии майдон ё атрофи он пешбинӣ шавад (масалан, ҷангалзорро ба манзили истиқоматӣ табдил додан), арзёбии шуоъхӯрӣ бояд аз нав дидабаромада шавад ва мумкин аст иҷроиши чорабиниҳои иловагиро оиди солимгардон лозим шавад. Ин муносибат талаб мекунад, ки мақомоти ба нақшагирии истифодаи замин ҷавобгӯ, оид ба мавҷудияти олудашавии майдон хабардор бошад.

168. Агар минтақаи олудашуда дар ҳудуди уфуқии обҳои зеризаминӣ ҷойгир бошад, пас новобаста аз вазъи мавҷуда, арзёбӣ бояд ба истифодаи обҳои зеризаминиро имконият диҳад.

169. Метавонанд категорияҳои зерини истифодабарии замин муайян карда шаванд, ки ҳангоми арзёбии майдон ба инобат гирифта шаванд:

1) замин барои биноҳои истиқоматӣ. - заминҳое, ки дар онҳо манзилҳои доимӣ мавҷуданд, аз ҷумла муассисаҳо ба монанди беморхонаҳо, мактабҳо ва кӯдакистонҳо;

2) майдонҳои истироҳатӣ ва минтақаҳои котеҷ - заминҳое, ки дар онҳо истиқомати муваққатӣ дар коттеҷҳо ё майдончаҳои хаймазанӣ имконпазир аст;

3) боғҳо – қитъаҳои замин, ки барои боғҳои хусусӣ истифода шуда, имкониятро барои зиндагии доимӣ надоранд;

4) заминҳои кишоварзӣ. –заминҳое, ки барои истеҳсолоти кишоварзии ҳар гуна навъ (наботот ва ҳайвонот) истифода мешаванд;

5) боғҳои истироҳатӣ, ҷойҳои истироҳат ё майдончаҳои бачагона – заминҳое, ки онҳо барои одамон ба таври озод дастрасанд, ва дар он ҷо миқдори зиёди вақт барои истироҳат гузаронидан мумкин аст ва онро ба сифати майдончаи бачагон истифода кардан мумкин аст;

6) заминҳои тиҷоратӣ - замине, ки дар он намуди асосии фаъолият хариду фурӯшҳои тиҷоратӣ, савдои мол ё хизматрасониҳо мебошад;

7) заминҳои саноатӣ – замине, ки дар он намуди асосии фаъолият истеҳсол, сохтан, сохтмон ё нигаҳдории молҳо мебошад;

8) минтақаи ҳаракат – қитъаҳои замин, ки барои ҳаракат истифода мешаванд, мисли, кӯчаҳо, ҷойҳои ҷамъиятӣ ва таваққуфгоҳҳо;

9) минтақаи зериобмонда – қитъаи замин, ки ба дарё наздик буда, бо оби зери оби дарё мондааст, вале қисман хушк гардида, қисман бо об ва ё таҳшинҳо аз дарё олуда шудааст;

10) замини бесамар ё ҷангал – қитъаҳои замин, ки барои ягон мақсади мушаххас истифода намешавад, ва ё танҳо барои ҷангал истифода мешавад, аз ҷумла объектҳои истихроҷи кӯҳӣ (масалан, тӯдаҳои партовҳои нақбӣ), ки ҳоло солимгардонӣ нашудаанд.

170. Ҳамаи ин категорияҳои заминистифодабарӣ метавонанд бевоста ба майдони олудашуда ё ба канорҳои он муносибат дошта бошанд. Азбаски истифодаи замин дар минтақаҳои ҳамҷавор аз чи хел истифода шудани сатҳи майдон ё қисми он фарқ мекунад, бинобар ин, имкон дорад, ки арзёбии истифодаи замин ҳам барои объект ва ҳам барои гирдуатрофи он гузаронида шавад.

171. Барои ҳар яке аз ин категоррияҳои заминистифодабарӣ бояд роҳҳои мувофиқи шуоъхӯрӣ муайян карда шаванд. Барои ҳамаи навъҳои дар боло номбаршудаи истифодаи замин, бояд арзёбии пайдошавӣ ё пайдонашавии ягон хел таъсироти зараровар аз сатҳҳои олудашуда ва/ё обҳои зеризаминӣ гузаронида шавад.

172. Консепсияи «шахси намоянда» ё қабулкунанда (ретсептор), ки бояд барои арзёбии таъсироти радиологӣ ба шахсони алоҳида аз ҳисоби аҳолӣ истифода шавад, бояд аниқ муайян ва тасниф карда шавад ва бояд инҳоро дар бар гирад:

1) доираи қабулкунандагони (ретсепторҳои) имконпазири баррасишаванда;

2) тафсифоти фарзшаванда барои шахсони алоҳида дар гурӯҳ, ки онҳо ба имкониятҳои чунин гурӯҳро нигаҳ доштани биосфера мувофиқ меоянд.

173. Одатан тахмин карда мешавад, ки ретсептор дар минтақаи минтақаи олудашавии зиёд бо радионуклидҳо дар биосфераи дастрас ҷойгир аст, ки дар он ҷо таъсироти баландтарини радиологӣ рӯй медиҳад. Дар мавриди майдони олудашуда шахси намоянда метавонад дар масофае зиндагӣ кунад, агар таъсироти зиёдтарини радиологӣ тавассути роҳи шуоъхӯрӣ (масалан, роҳ тавассути обҳои зеризаминӣ,

нафаскашии маҳсулоти фаръии радон) пайдо шавад. Вобаста ба шароити пешбинишудаи муҳити зист (макон, иқлим ва монанди ин) имконияти истеҳсолоти кишоварзӣ ё дигар истеҳсолот дар ҷойи мушаххас метавонад андозаи гурӯҳеро, иштироки онро чашмдошт будан мумкин аст, маҳдуд созад.

174. Асосноккунии интихоби қолабҳои муваққатии арзёбӣ барои давраи дарозтарини вақт, ки дар ҳисобҳои арзёбии таъсирот пас аз пӯшидашавӣ баррасӣ карда шудааст, бояд тавзеҳ ва асоснок карда шавад, зеро ин интихоб метавонад ба натиҷаҳои муқоисаи натиҷаҳои арзёбӣ бо меъёрҳои дозавӣ таъсири ҳалкунанда дошта бошад.

175. Қолабҳои муваққатии арзёбӣ бояд бо назардошти талаботҳои танзимӣ муайян карда шавад. Онҳо бояд барои давраҳое арзёбӣ карда шаванд, ки дар онҳо метавонанд шуоъхӯрии радиатсионии хеле кам пайдо шавад, ва шуоъхӯрии чашмдошти зиёдтаринро фаро гиранд.

176. Дар мавридҳое, ки якчанд объекти собиқ истеҳсолоти уранӣ дар як майдони мерос воқеанд, қарор дар бораи стратегияи солимгардонӣ барои ҳар як объекти алоҳидаи мерос бояд дар асоси арзёбии ҳамаҷониби бехатарӣ қабул карда шавад. Консепсияи ҳамаҷонибаи солимгардонӣ бояд барои ҳамаи объектҳои дахлдор тавассути расмиёти муносибгардонӣ ва сатҳҳои референтӣ таҳия карда шавад.

177. Азбаски фони радиатсионии табиӣ барои ҳамаи радионуклидҳои мувофиқ ва муҳити зист мавҷуд аст, пеш аз татбиқи меъёрҳои дозавӣ баровардани саҳми умумии фонии онҳо дар шуоъхӯрии умумӣ зарур аст.

178. Зимни арзёбии шуоъхӯрӣ барои роҳҳои дахлдор бояд ҳамон равишҳое истифода шаванд, ки дар дигар соҳаҳои ҳимояи радиатсионӣ татбиқ мешуданд. Ҳангоми муайян кардани қимати кофӣ, вале на аз ҳад зиёди консервативӣ барои консентратсияи фонии радон, бояд моделсозӣ, аққалан дар ҳолатҳои мураккабтар, гузаронида шавад. Одатан ин ҳамчунин барои арзёбии тағйирёбиҳои имконпазири консентратсияи радон дар натиҷаи чорабиниҳо оид ба солимгардонӣ, мисли рӯйпӯшкунӣ ё интиқоли як миқдоре аз партовҳо зарур аст.

179. Мутобиқатӣ бо меъёрҳои дозавӣ бояд аз ҳисоби мониторинг ва арзёбии бехаратарӣ дар рафти амалиётҳо оид ба солимгардонӣ таъмин карда шавад.

180. Агар натиҷаҳои мониторинг аз он шаҳодат диҳанд, ки мутобиқатии меъёрҳо метавонад зери хатар гузошта шавад, пас ворид намудани тағйирот ба расмиёти корӣ ё нақшаи солимгардонӣ талаб карда мешавад. Масалан, имконият ва амалисозии обпоширо барои коҳиш додани пайдоиши чанги олудашуда дар ҷойҳои гузаронидани корҳои заминканӣ баррасӣ кардан ё чангкашакҳои саноатиро барои ҷамъоварии моводи пошхӯрда пеш аз оғози ҳар гуна амалиёт ба объектҳои олудашуда истифода кардан зарур аст.

181. Дар анҷоми марҳилаи арзёбии муфассал бояд қарор дар бораи асосноккардашуда будан ё набудани солимгардонии майдон ё минтақа қабул карда шавад. Қарор дар бораи солимгардонӣ бояд ба арзёбиҳои дозаҳои дарозмуддати пешгӯйишаванда барои аҳолӣ то оғози солимгардонӣ бо роҳи муқоисаи онҳо бо сатҳҳои референтии мувофиқашуда барои майдон ё минтақа асос карда шавад. Агар дозаи пешгӯйишаванда то солимгардонӣ аз сатҳи референтӣ баландтар бошад, пас солимгардонӣ, эҳтимолан, асосноккардашуда мебошад. То қабули ягон хел қарор оид ба солимгардонӣ бояд андешаи ҷонибҳои манфиатдор ба инобат гирифта шавад.

182. Иттилоот оид ба қабули қарор нисбат ба асоснокии солимгардонӣ бояд тавре ҳуҷҷатгузорӣ карда шавад, ки онро барои дастгирии қарорҳои минбаъда оид ба солимгардонӣ ва дар мавридҳои зарурӣ барои расонидани кӯмак ҳангоми муайян кардани вариантҳои солимгардонӣ истифода кардан мумкин бошад.

183. Натиҷаҳои арзёбии майдон ё минтақа бояд ба Мақоми танзимгар барои баррасӣ пешниҳод карда шаванд. Хулосаҳои ин баррасӣ қадами калидӣ дар раванди қабули қарорҳо мебошад.

## 10. БАНАҚШАГИРИИ СОЛИМГАРДОНӢ

184. Банақшагирии солимгардонӣ бояд ҳарчи пештар баъд аз қабули қарор нисбат ба асосноккуни он, ки дар асоси арзёбии муфассали солимгардонӣ иҷро шудааст, оғоз карда шавад.

185. Равиши тафриқавиро, ки дар параграфи 1-и боби 5 тасниф шудааст, ҳангоми банақшагирӣ ва амалисозии солимгардонӣ муайян кардани сатҳои мувофиқи таҳлил, аснод, амалиётҳо ва назорати танзимӣ татбиқ кардан мебояд, то ин кӯшишҳо бо хавф алоқаманд ба майдони ё минтақаи олудашуда ҳамандоза бошанд. Бояд ҳолатҳои мувофиқи меъёрҳо муқаррар карда шаванд (масалан, сатҳи референтӣ, меъёрҳои нуқтаи ниҳоӣ, меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ). Ин раванд бояд миқёсҳои хатарнокӣ ва давомнокии он, мушаххасаҳои майдонҳо ё минтақаҳои мансуб ба солимгардонӣ, муҳимияти нисбии таъсироти радиатсионӣ ва радиологӣ ва дигар омилҳои мувофиқ, мисли бехатарии физикиро ба назар гирад. Равиши тафриқавӣ ошкорсозии соҳаҳои калидиро, ки онҳоро арзёбӣ кардан зарур аст, осон мегардонад, масалан, дар ҷойе, ки саҳми зиёдтаринро дар доза ва хатар чашмдошт шудан мумкин аст, то кӯшишҳоро ба ин соҳаҳои мушаххас равона карда, хароҷоти умумиро ба солимгардонӣ кам кардан мумкин бошад.

186. Равиши системавиро барои қабули саривақтии қарор нисбат ба стратегияи мувофиқи солимгардонӣ ва вариантҳои солимгардонӣ дар ҳолатҳои бавуҷудомада татбиқ кардан мебояд. Ин равиши системавӣ бояд дар ҳошияи системаи идоракунӣ коркард шавад. Системаи идоракунӣ бояд дар давоми ҳамаи муҳлати солимгардонӣ татбиқ карда шавад.

187. Солимгардонӣ бояд ба муносибгардонии ҳимоя ва бехатарии аҳолӣ ва муҳити зист дар ояндаи дарозмуддат, масалан бо роҳи интихоби вариантҳои мувофиқи солимгардонӣ равона карда шавад. Ғайр аз ин, дар мавридҳои мувофиқ бояд масъала оид ба стратегияи ҳимоя барои ҳолати садамавии ядроӣ ё радиологӣ ва стратегияи солимгардони баррасӣ карда шавад, ки он бояд иҷро карда шавад.

188. Захираҳои молиявӣ барои солимгардонӣ бисёр вақт маҳдуданд, кор мумкин аст заҳматталаб бошад ва арзиши таҷҳизот мумкин аст баланд бошад. Ғайр аз ин, мумкин аст қабули қарор (масалан, дар бораи амалиётҳои зарурӣ оид ба солимгардонӣ, ки бояд дар майдони аз фаъолияти гузашта зарардида) ҳангоми набудани иттилоот (масалан, қайдҳои нопурраи бойгонӣ) талаб карда шавад. Бинобар ин, нақшаи тақвимии иҷрои корҳо бояд бо самаранокии зиёдтарин тавре тартиб дода шавад, ки ба гузаронидани чорабиниҳои таҳририӣ дар марҳилаи минбаъда зарурат ба миён наояд. Банақшагирии аниқи солимгардонӣ ба таъмини истифодаи муносиби воситаҳои молиявии маҳдуди мавҷуда имкон медиҳад, хусусан, дар ҳолатҳои мураккаби солимгардонӣ, вақте ки номуайянии

зиёд, муҳити зисти мураккаб, иттилооти номутобиқ ва ё миқдори зиёди ҷонибҳои манфиатдор, ки манфиатҳои мухталифро интизоранд, мавҷуд аст.

189. Банақшагирии пешакӣ ошкорсозии саривақтӣ ва баррасии омилҳои зиёдеро таъмин менамояд, ки ба натиҷаҳои ниҳоии солимгардонӣ таъсиргузор мебошанд, мисли:

1) навъ ва миқёсҳои олудашавӣ (масалан, обҳои зеризаминӣ, хок, обҳои сатҳӣ);
2) навъҳо ва миқдори партовҳои бавуҷудомада ва дигар маводи пасмонда;
3) вариантҳои муомилот бо маводи пасмонда, аз ҷумла бо партовҳои радиоактивӣ;
4) мутобиқатии таъминоти молиявӣ;
5) андешаи ҷамъиятӣ;
6) мувофиқатӣ ба талаботҳои танзимӣ;
7) мавҷудияти вариантҳои гӯрониши партовҳои радиоактивӣ;
8) мавҷудияти технологияҳои санҷидашуда.

190. Муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ бояд арзёбии омилҳои гуногунеро, ки ҳангоми солимгардонӣ баррасӣ карда мешаванд, дар ҳошияи ҳолатҳои дар майдонҳо ё минтақаҳо бавуҷудомада дар бар гирад. Аксар вақт таваҷҷуҳи саривақтӣ ба масъалаҳои воқеӣ ва даркшаванда метавонад бадшавии ҳолатро пешгирӣ кунад, оқибатҳои пешбинишашавандаро инкор намояд ва ба қабули қарорҳои самараноктар ва қатъитар имкон диҳад, ки бо андозаи иҷрои солимгардонӣ, бо нигоҳ доштани боварии ҷонибҳои манфиатдор қабул карда мешаванд.

191. Дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи фаъолият дар гузашта олуда шудаанд, беҳтар аст аввал қитъаҳои маҳдуд бо сатҳҳои нисбатан баланди олудашавӣ (масалан, нуқтаҳои алоҳида ё доғҳои олудашавӣ, ё маводи махсусе, мисли баргҳо, партови органикӣ ё чанг, ки дар онҳо олудагӣ мавҷуд аст) дур карда шаванд, то шуоъхӯриҳои радиатсионии алоқаманд коҳиш дода шаванд. Инро баъди машварат бо ҷонибҳои манфиатдор иҷро кардан мебояд. Стратегияҳои солимгардонӣ, ки ба дуркунии миқёсии маводҳо алоқаманданд, ба пайдоиши ҳаҷмҳои калони партов (масалан, хок ва наботот) оварда мерасонанд, ки онҳо баъдан мавриди тавсиф, синфбандӣ ва муомилот қарор мегиранд. Стратегияҳои солимгардонӣ барои минтақаҳое, ки дар натиҷаи воқеаҳо зарар дидаанд, метавонанд бештар ба амалиётҳои ҳимоявӣ такя намоянд, ки онҳо ба паст кардани саҳми роҳҳои мувофиқи шуоъхӯрӣ равона карда шудаанд (масалан, муқобилчораҳои кишоварзӣ, маҳдудиятгузорӣ ба маҳсулоти ғизоӣ, маҳдудиятгузорӣ ба оби нӯшокӣ). Муқобилчораҳои кишоварзӣ боиси пайдоиши миқдори зиёди партовҳои аз нигоҳи биологӣ таҷзияшуда мегардад, ки онҳо гӯрониданро талаб мекунанд. Маҳдудиятгузорӣ ба маҳсулоти ғизоӣ мавҷудияти стратегияро оид ба муомилот бо партовҳо талаб мекунад. Стратегияи қабулшудаи солимгардонӣ асоси нақшаи солимгардониро ташкил менамояд.

192. Банақшагирии солимгардонӣ бояд ба мақсадҳои ба таври аниқ муайянкардашудаи солимгардонӣ асос ёбад. Мақсади ниҳоӣ таъмини муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ мебошад. Одатан, ин аз ҳисоби табдилдиҳии майдонҳо ё минтақаҳо ба ҳолате дастрас мегардад, ки таъсироти зиёд ба аҳолӣ ва муҳити зист то сатҳи ҷоиз паст карда шавад. Мақсади солимгардонӣ бояд дар истилоҳҳои дозаи пасмонда пас аз солимгардонӣ, ҳамчунин дар истилоҳҳои ҳолати ниҳоӣ бо назардошти сифати зиндагии аҳолии маҳаллӣ ва ҳаргуна маҳдудиятҳои имконпазир, ки ба истифодаи майдон ё минтақа мансуб аст, ифода карда шавад. Барои минтақаҳое, ки дар натиҷаи воқеаҳо зарар дидаанд,

мақсади солимгардонӣ метавонад дар барқарорсозии фаъолияти муътадили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ифода ёбад.

193. Мақсади солимгардонӣ ин коҳиш додани хавфҳо то он вақте аст, ки агар онҳо бо истифодаи пешбинишудаи майдон ё минтақа ҳамчен нашаванд (бо назардошти дигар хатарҳо ва омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ). Бинобар ин мумкин аст, ки ҳангоми баррасии вариантҳои солимгардонӣ на ҳамеша солимгардонии назаррас зарур мешавад, агар мақсадҳои матлуби солимгардонӣ ба дараҷаи баланд аз ҳисоби равиши устуворе ба даст ояд, ки он дараҷаи ҷоизтари солимгардониро пешбинӣ мекунад. Баъзан мумкин аст, ки созиш байни варианти муносиби солимгардонӣ ва варианте, ки дар доираи маблағгузории воқеии дастрас имкон дорад, қобили қабул бошад. Ин барои муайян кардани варианти беҳтарин барои захираҳои дастрас зарур аст. Ин метавонад боиси зарурати ворид намудани маҳдудиятҳо ба майдон ё минтақа ё назорати иловагии институтсионалӣ (ниҳодӣ) дар баробари онҳое гардад, ки аз аввал пешбинӣ гардида буданд.

194. Мақсадҳои солимгардонӣ бояд муфассал баррасӣ карда шаванд, амалишаванда (дар дурнамои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат) бо назардошти таъсироти зиёд дар вақти солимгардонӣ ва баъди он бошанд. Мақсадҳои солимгардонӣ бояд ба ҳимояи одамон ва муҳити зист (аз ҷумла набобот ва ҳайвонот) аз хатарҳои радиатсионӣ ва ғайрирадиологӣ равона карда шаванд. Ин ҳам ба ҳифзи саломатӣ ва таъмини бехатарии меҳнати коргарон дар вақти гузаронидани солимгардонӣ, ва ҳам ба ҳимояи шахсон аз аҳолӣ дар вақти солимгардонӣ ва баъди он мансуб аст. Бояд таъсироти эвакуатсияи микёсӣ ва дигар муқобилчораҳои ҳимоявӣ ба муттаҳидкунии ҷамоатҳо таҳлил карда шавад. Аз нуқтаи назари ҳифзи муҳити зист бояд таъсирот ба обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ, хок, ҳаво, набототу ҳайвонот баррасӣ карда шаванд.

195. Ба муайян кардани мақсадҳои солимгардони шахсон ё ташкилотҳое, ки масъули банақшагирӣ, амалисозӣ ва санҷиши амалиётҳо оид ба солимгардонӣ мебошанд, масъулият доранд. Ҷониби масъул бояд ба ҷалби ҳарчи зудтари ҷонибҳои манфиатдор (аз ҷумла, аҳолии маҳал) кӯшиш намояд. Ин барои муваффақ гардидан ба натиҷаҳои хуб аҳамияти муҳим дорад.

196. Нақшаи солимгардонӣ барои баҳисобгирии рафти воқеии иҷроиш, самаранокии солимгардонӣ ва ҳаргуна иттилооти наве, ки дастрас гардидааст, бояд давра ба давра баррасӣ карда шавад.

### §1. Муайянкунии вариантҳои солимгардонӣ

197. Агар аз рӯйи натиҷаҳои арзёбии муфассал муқаррар карда шавад, ки гузаронидани солимгардонӣ асоснокшуда мебошад, пас бояд вариантҳои мувофиқи солимгардонӣ муайян карда шаванд.

198. Барои таъмини муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ ҷониби масъулиятдор дар доираи банақшагирии солимгардонӣ бояд таҳқиқотро барои муқоисаи фоидаҳои мувофиқ ва оқибатҳои ҳар як вариант иҷро намояд. Ин бояд омӯзиши инҳоро дар бар гирад:

1) арзёбии технологияҳои мавҷуда ва амалигардонии техникии вариантҳои баррасишавандаи солимгардонӣ;

2) тавзеҳи масъалаҳои имконпазири алоқаманд ба бехатарӣ (радиологӣ ва ғайрирадиологӣ) дар вақти солимгардонӣ ва баъди он;

3) арзёбии таъсирот ба муҳити зист барои арзёбии таъсирот ба аҳолӣ ва муҳити зист;

4) дар мавридҳои зарурӣ арзёбии дозаҳои шуоъхӯрии кормандон то оғоз, рафти солимгардонӣ ва пас аз он;

5) тавсифи майдон, мониторинг ва интихоби намунаҳо;

6) навъҳо ва миқдори маводи пасмонда (аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ), ки пайдо мешаванд;

7) коркард, нигаҳдорӣ, ҳамлунақл ва гӯронидани партовҳои радиоактивӣ ва ғайрирадиоактивӣ ва дигар маводи пасмонда;

8) арзёбии хароҷот ва дигар захираҳои алоқаманд ба коркард ва амалисозии ҳар як варианти имконпазири солимгардонӣ;

9) воситаҳои назорат, ки баъд аз солимгардонӣ талаб шуда метавонанд.

199. Вариантҳои солимгардонӣ бояд ба ҳолатҳои бавуҷудомада мувофиқат кунанд ва ба сенарияҳои эътимодбахш асос карда шаванд. Дар мавриҳои зарурӣ бояд хавфҳои ғайрирадиологӣ ба назар гирифта шаванд. Дар баъзе мавридҳо ҷанбаҳои ғайрирадиологӣ метавонанд омили асосӣ дар раванди солимгардонӣ бошанд.

200. Ҳангоми муайян кардани вариантҳои имконпазири солимгардонӣ хоҳишҳои ҷонибҳои манфиатдоро аниқ кардан ва баррасӣ намудан мебояд.

201. Амалиётҳо оид ба солимгардонӣ метавонанд ба шуоъхӯрии иловагии шахсони алоҳида аз ҳисоби аҳолӣ дар марҳилаи амалисозии солимгардонӣ оварда расонанд, ва ин имкониятро бояд дар раванди муайян кардани вариантҳои солимгардонӣ ба назар гирифт.

### §2. Арзёбӣ ва интихоби вариантҳои солимгардонӣ

202. Ҳангоми арзёбӣ, асосноккунӣ ва муносибгардонии ҳимоя ва бехатарии вариантҳои солимгардонӣ ҷониби масъалиятдор бояд омилҳои дигареро низ баррасӣ намояд, ки инҳоро дар бар мегиранд:

1) мувофиқати ба санадҳои меёрию ҳуқуқӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (масалан, ба шартҳои иҷозатдиҳӣ);

2) муҳлатҳои гузаронидани солимгардонӣ ва имконияти таъсироти олудакунандаҳо дар давоми ин муҳлат;

3) самаранокии чорабиниҳо дар дурнамои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат, аз ҷумла хусусияти доимии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ;

4) амалиётҳое, ки онҳо боиси коҳиши заҳрнокии радиологӣ, химиявӣ ва биологӣ мегарданд (масалан, аз ҳисоби коҳиши радиоактивӣ, бандубаст, сӯзониш);

5) амалиётҳое, ки онҳо ҷунбоӣ (ҳаракатмандӣ)-и радионуклидҳо ва дигар моддаҳои олудакунандаро паст мекунанд;

6) амалиётҳое, ки онҳо ба камшавии ҳаҷми партовҳои дар раванди солимгардонӣ пайдошаванда оварда мерасонанд;

7) мавҷудияти объектҳои нигаҳдорӣ ва гӯрониши партовҳо;

8) дастрасӣ ба замин (минтақа) ва захираҳо;

9) иҷрошавандагии солимгардонӣ ва сабукии иҷрои амалиётҳои алоҳида оид ба солимгардонӣ;

10) номусоидӣ (ноқулайӣ) барои аҳолии маҳал дар рафти амалисозии солимгардонӣ;

11) омилҳои иҷтимоӣ ва андешаи ҷонибҳои манфиатдор.

203. Раванди гузаронидани арзёбӣ ва муносибгардонии ҳимоя ва бехатарии вариантҳои солимгардонӣ бисёр вақт комбинатсияи арзёбиҳои сифатӣ ва миқдорӣ мебошад. Агар гузаронидани арзёбии миқдорӣ мавҷуд бошад (масалан, дар мавриди солимгардонии мураккаб), бояд истифодаи воситаҳо, монанди таҳлили бисёрмеъёраи қарорҳо баррасӣ карда шавад, ки дар он меъёрҳо мутобиқ ба он, ки чӣ муҳимтар барои ҷонибҳои манфиатдор мебошад, баркаш карда мешаванд.

204. Ҳангоми баррасии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ бояд шароити зисти одамон, ки аллакай дар минтақаҳои олудашуда зиндагӣ ва ё кор мекунанд, ба таваҷҷуҳ гирифта шавад. Ҳамчунин бояд чунин масъалаҳо, монанди истеъмол, истифода ва савдои маводҳо, озуқаворӣ ва молҳо, муомилот бо маводи пасмонда, аз ҷумла бо партовҳо мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

205. Навъҳо ва миқдори маводи пасмонда (аз ҷумла, партов, партовҳои радиоактивӣ ва ғайрирадиоактивӣ), ки метавонанд дар натиҷаи ҳар як варианти солимгардонӣ ба вуҷуд оянд, бояд дар марҳилаи банақшагирӣ арзёбӣ карда шаванд ва ҳангоми интихоби варианти солимгардонӣ ба инобат гирифта шаванд. Дар раванди солимгардонӣ бояд ба пайдошавии ҳаҷмҳои калони маводи пасмонда (аз ҷумла, партовҳо), то ҷойе, ки ин имкон дорад, роҳ дода нашавад.

206. Аз он вариантҳои солимгардонӣ дурӣ ҷустан мебояд, ки дар онҳо партовҳое ҳосил мегарданд, ки роҳҳои гӯронидан надоранд ё барои онҳо хатари калон партовҳои банақшагирифтанашудаи маводи радиоактивӣ ба муҳити зист пайдо мешавад (масалан, рехтан ё хориҷ гардидани партовҳои моеъ ба муҳити зист ҳангоми нигаҳдорӣ). Ҳангоми арзёбии вариантҳои солимгардонӣ аз нуқтаи назари имконияти пайдошавии партовҳо, бояд комплекси пурраи стратегияҳои муомилот бо пасмондаҳо, аз ҷумла камтар кардани партовҳо, истифодаи такрорӣ, озодкунӣ ва озодкунии махсус арзёбӣ карда шавад.

207. Дар асоси арзёбӣ ва таҳқиқот оид ба муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ бояд варианти муносиби солимгардонӣ интихоб карда шавад (яъне, он варианте, ки як қатор амалиётҳоро оид ба солимгардонӣ, ки аз рӯйи шакл, миқёс ва давомнокӣ муносибгардонӣ шудаанд, дар бар гирад). Ин ҳамчунин барои муайян кардани вариантҳои алтернативие муфид буда метавонад, ки онҳоро дар мавриди имкон надоштани амалисозии варианти муносиб, амалӣ кардан мумкин аст.

208. Ҳангоми баррасӣ кардани масъала оид ба самаранокии дарозмуддати солимгардонӣ, бояд таъсири омилҳои физикӣ, химиявӣ, геологӣ, иқлимӣ ва дигар омилҳо ба муҳити зист арзёбӣ карда шавад. Олудашавии обҳои зеризаминӣ метавонад бо мурури замон ошкор нагардад ва боиси интиқоли олудагиҳо ба масофаҳои калон аз майдон ё минтақа гардад. Ин андешаҳо бояд дар нақшаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас, дар ҳисоботи ниҳоӣ оид ба солимгардонӣ ва дар ҳаргуна барномаи чорабиниҳо оид ба назорат баъди солимгардонӣ тасниф карда шаванд.

209. Раванди қабули қарорҳо оид ба интихоби вариантҳои мувофиқи солимгардонӣ бояд шаффоф бошад. Барои ба вуҷуд овардан ва нигаҳ доштани муносибатҳои боварӣ бо ҷонибҳои манфиатдор (аз ҷумла бо аҳолии зарардида), зарур аст, ки нақши ҷонибҳои мухталиф (масалан, мақоми танзимгар ва мақомоти дигари ҳокимият, ҷонибҳои масъул), ҳамчунин мақсад ва вазифаҳои солимгардонӣ ва раванди ҷалби минбаъдаи ҷонибҳои манфиатдор аниқ муайян карда шавад. Дараҷаи баҳисобгирии натиҷаҳои чунин иштирок

дар раванди қабули қарорҳо бояд дар нақшаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас бевосита нишон дода шавад.

## §3. Нақшаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас

210.Таҳияи нақшаҳои солимгардониро бояд оперетори муайян (иҷрокунанда) тибқи Қоидаҳоҳои мазкур ва мақсадҳои пешбинишудаи солимгардонӣ ва истифодаи ҳолати ниҳоӣ амалӣ намояд. Мундариҷаи нақшаи солимгардонӣ дар Замимаи 2 оварда шудааст.

211.Пеш аз татбиқ намудан нақшаи солимгардонӣ бояд аз ҷониби мақоми танзимгар тасдиқ карда шавад.

212.Нақшаи солимгардонии майдони олудашуда – нақшаест, ки барои ҳалли мавриди мушаххаси олудашавии муҳити зист ва шуоъхӯрии радиатсионӣ дар минтақаи зарардида таҳия карда шудааст. Мақсади нақшаи солимгардонӣ ошкор сохтан ва арзёбӣ кардани хатарнокиҳо дар майдонҳо ва минтақаҳои ҳамҷавор барои муайян кардан ва асоснок намудани амалиётҳое мебошад, ки онҳо майдонро тибқи мақсадҳои радиологӣ ва экологии муқаррарнамудаи мақоми танзимгар ва дастгиринамудаи аҳолии маҳаллӣ бехатар мегардонанд.

213. Барои ҳар як майдоне ки дар он солимгардонӣ гузаронида мешавад, бояд мақсадҳои солимгардонӣ муайян карда шаванд, ки онҳо истифодабарии замин ва ҳолати ниҳоиро дар бар мегиранд. Мақсади умумии ҳар гуна нақшаи солимгардонӣ бояд солимгардонии бехатари майдон то ҳолати ниҳоии матлуб бо дозаи камтарин барои коргарон ва аҳолӣ бошад.

214. Нақшаи солимгардонӣ бояд таснифи барномаи тавсифӣ барои муайян кардани хусусият ва давомнокии олудашавӣ, пешниҳоди маълумотҳои зарурӣ барои таҳияи нақшаи ҳимояи радиатсионӣ барои солимгардонӣ, пешниҳоди маълумотҳои зарурӣ барои арзёбии вариантҳои солимгардонӣ ва имконияти гузаронидани муқоиса и самаранокии вариантҳо мақсадҳо ва меъёрҳои муайяни солимгардониро дар бар гирад.

215. Раванди банақшагирӣ барои солимгардонии талабшавандаи майдонҳои мураккаби якчандтаркиба (масалан, минтақаи партовгоҳ, хоки олудашуда, биноҳо ва таҷҳизоти олудашуда) барои майдонҳои оддӣ бо як минтақа бо хоки олудашуда ё як бинои олудашуда амалан якхела мебошад.

216. Дар мавриди майдони мураккаб ҳар як таркиб бояд тариқи ҳамон як раванд гузарад. Вале ҳамчунин доштани фаҳмиши умумии тамоми майдон бо мақсади муайян кардани синергия, ки дар байни қисмҳои гуногуни майдонҳо ҷой дошта метавонад ва банақшагирии пайдарпайии иҷрои корҳо оид ба солимгардонии тамоми майдон муҳим аст. Чунончи, қисме аз майдон дар минтақаи партовгоҳ метавонад ҷойи мувофиқ барои қабули партовҳо аз дигар таркибҳо, масалан, аз хоки олудашуда бошад. Муттаҳидкунии якчанд қитъаҳо бо хоки олудашуда ё партовгоҳҳо метавонад аз нуқтаи назари иқтисодӣ самараноктар ва бехатартар бошад нисбат ба гузаронидани солимгардонӣ дар ҳар яке аз онҳо дар алоҳидагӣ.

217. Меъёрҳои солимгардонӣ бояд дар нақшаи солимгардонӣ қабул ва пешниҳод шуда бошанд, ки он таҳияи нақшаи ҳимояи радиатсиониро дар бар мегирад.

218. Дар мавриде, ки агар солимгардонии майдон ё таркибҳои гуногуни он мураккаб бошад, бояд вариантҳои алтернативӣ таҳия карда шаванд. Одатан равишҳои алтернативӣ бо мақсади дарёфти мутобиқатии истифодаи ниҳои пешбинишудаи майдонро баррасӣ

мекунанд, зеро барои масъалаҳои азистифодабарорӣ ва солимгардонӣ, усулҳо ва технологияҳои алтернативӣ ва ё пайдарпайии алтернативии масъалаҳо мавҷуданд.

219. Ҳамчун қисме лоиҳаи корҳо оид ба солимгардонӣ, бояд нақшаи муфассали муомилот бо партовҳо таҳия ва тасниф карда шавад. Дар он бояд арзёбии миқдор ва мушаххасаҳои партовҳо, ки дар рафти корҳо оид ба солимгардонӣ пайдо шуда метавонанед, ворид карда шаванд.

220. Дар вақти ҳаргуна лоиҳаи солимгардонӣ партовҳое ҳосил мешаванд, ки онҳоро идора кардан зарур аст. Дар лоиҳаҳои мураккаби солимгардонӣ партовҳо метавонанд дар натиҷаи амалиётҳои гуногун оид ба солимгардонӣ дар марҳилаҳои гуногуни амалишавии лоиҳа пайдо шаванд. Бинобар ин, бояд нақшаи комплексии муомилот бо партовҳо барои тамоми майдон таҳия карда шавад. Ин ба муносибгардонии фаъолияти гуногун, ки дар рафти онҳо партовҳо ҳосил мешаванд ва амалиётҳо оид ба солимгардонӣ имкон медиҳад. Манбаъҳои партовҳо ин кандани хокҳои олудашуда, барқарорсозии партовгоҳҳо ва тӯдаҳои ҷинсҳои бефоида, дезактиватсия ва вайрон кардани иншоот ва пайвастагиҳо, кандани шабакаҳои муҳандисии зеризаминӣ, систернаҳо ва монанди инҳо мебошанд. Азбаски баъзе партовҳо метавонанд кофта гирифташуда ва пайвастшуда ё якҷоя гӯронидашуда дар партовгоҳҳо бошанд ё барои ҳимоя аз эрозия дар дигар ҷойҳо истифода шуда бошанд (масалан, шикастапораҳои бино), муҳим аст, ки муомилот бо партовҳо дар лоиҳаи солимгардонӣ дуруст зикр шуда бошад.

221. Дар лоиҳаи солимгардонӣ бояд меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ, ҳамчунин интизорӣ нисбат ба ҳолати пас аз солимгардонӣ пешниҳод карда шаванд.

222. Натиҷаҳои арзёбии таъсирот ба коргарон, аҳолӣ ва муҳити зист бояд дар нақшаи иҷрои солимгардонӣ баён карда шаванд. Дар ин ҷо бояд ҳамаи арзёбии таъсироти ҳолатҳои ғайриоддӣ ё садамаҳо ворид карда шаванд.

223. Лоиҳаи солимгардонӣ бояд таснифи муфассали раванди интихобшудаи солимгардонӣ ва ҳар гуна технологияи пешниҳодшударо фаро гирад.

224. Ҳангоми интихоби вариантҳои алтернативӣ дар раванди муносибгардонӣ нақшаҳои консептуалӣ истифода шуда метавонанд. Нақшаи гузаронидани солимгардонӣ бояд лоиҳаи солимгардонӣ ва технологияҳои зарурӣ барои иҷрои онро ба таври муфассал тасниф намояд.

225. Бояд сохтори идоракунии лоиҳа ва системаи идоракунӣ, ки барои иҷрои бехатари лоиҳаи солимгардонӣ зарур аст, мутобиқ ба якдигар тасниф карда шаванд. Дар он бояд таснифи ҳайати коргарон ва уҳдадориҳои онҳо, сохтори ташкилии лоиҳа ва иттилооти тамосии ҳайати коргарони асосӣ, мушовирон ва пудратчиҳо ворид карда шавад.

226. Дар лоиҳаи солимгардонӣ бояд барномаҳои мониторинг дар майдон ва берун аз минтақаҳои он, ки дар рафти корҳо оид ба солимгардонӣ иҷро карда мешаванд, ворид карда шаванд.

227. Ҳаҷми барномаҳои мониторинг бояд дар асоси фаъолияте, ки дар рафти солимгардонӣ гузаронида мешавад, ва дараҷаи номуайянӣ нисбат ба самаранокии ин фаъолият муайян карда шавад. Мониторинг дар вақти солимгардонӣ ба барномаи дарозмуддати мониторинг, ки барои санҷиши устувории дарозмуддати шароити шуоъхӯрӣ омода карда шудааст, мувофиқат кунад.

228. Солимгардонӣ бояд тибқи лоиҳаи солимгардонӣ амалӣ карда шавад. Зимни таҳияи лоиҳаи солимгардонӣ бояд сатҳҳои референтие, ки аз ҷониби мақоми танзимгар муқаррар карда шудааст, ба инобат гирифта шавад.

229. Лоиҳаи солимгардонӣ бояд ба стратегияи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас асос карда шавад ва натиҷаҳои марҳилаи арзёбии пешакӣ ва марҳилаи арзёбии муфассал ба инобат гирифта шаванд.

230. Лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас бояд баррасии ҷанбаҳои зеринро дар бар гирад:

1) муҳимияти тақсимоти уҳдадориҳо барои ҳамаи ҷанбаҳои раванди солимгардонӣ;

2) зарурати таъмини интихоби амалиётҳо оид ба солимгардонӣ бо татбиқи принсипи муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ (масалан, таъмини муносибгардонии шакли онҳо, миқёс ва давомнокӣ);

3) ҳимоя аз хатарҳои ғайрирадиологӣ ва мақомотҳои салоҳиятдор барои назорати ин хатарҳо;

4) бехатарии физикии майдон ё минтақа, масалан, барои маҳдудсозии воридшавии беиҷозати шахсон ё барои ҳифзи маводи пасмонда и радиоактивӣ, ки дар майдон боқӣ мондаанд;

5) омодагӣ ва чораҷӯйӣ ба ҳолати садамавӣ дар вақти солимгардонӣ;

6) таҳлил ва тавзеҳдиҳӣ (интерпретатсия)-и қайдҳои таърихӣ оид ба фаъолият ва воқеаҳо (ҳодисаҳо) дар гузашта, аз ҷумла ҳисоботҳои нозирот, ҳамчунин маълумотҳо оид ба шароити физикӣ ва экологии майдон ё минтақа;

7) муҳимияти интихоб ва дарёфти ҳолати ниҳоии солимгардонӣ, ки ҳимояи дарозмуддати устувор ва бартараф кардани ҳаргуна таъсироти кӯтоҳмуддатро таъмин менамояд;

8) зарурати раванди расмӣ барои ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар давоми ҳамаи раванди солимгардонӣ;

9). зарурати қабули равиши тафриқавӣ ба мақсади он, ки кӯшишҳо дар доираи раванди солимгардонӣ бо миқёс ва эҳтимолияти шуоъхӯрӣ ҳамандоза бошанд;

10) воситаҳои арзёбии фосилаи технологияҳои имконпазири солимгардонӣ ва технологияҳои камтар кардани партовҳо;

11) равиши асосӣ ба паст кардани доза, масалан, интихоб байни амалиётҳо оид ба дур кардани маводи олудашуда, масалан, хок, ва амалиётҳо оид ба тағйирдиҳии саҳми роҳҳои шуоъхӯрӣ (масалан, бо роҳи ҷойгиркунии монеаҳои муҳандисӣ ё татбиқи маҳдудиятҳо). Дар ин маврид зарур аст, ки чунин омилҳо, мисли шуоъхӯрии касбӣ ва шуоъхӯрии аҳолӣ, таъсироти кӯтоҳмуддат нисбат ба афзалиятҳои дарзмуддат, ҳаҷми партовҳои радиоактивии ҳосилшуда ба инобат гирифта шаванд;

12) зарурати чораҳои ҳимоявӣ, монанди назорати дастрасӣ барои бартарафсозии шуоъхӯрии минбаъда ва бартарафсозии паҳншавии олудашавӣ берун аз минтақаи солимгардонӣ;

13) ҳар гуна чораҳои зарурӣ ба хотири бехатарии ҷамъиятӣ барои дастрасӣ ба моликияти хусусӣ;

14) раванди робита (иртибот) бо ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ҳангоми қабули қарор то солимгардонӣ ва баъд аз он;

15) мавҷудияти маблағгузории мувофиқ барои солимгардонӣ, аз ҷумла маблағгузорӣ барои муомилот бо маводи пасмонда, ки дар рафти солимгардонӣ ҳосил мешаванд;

16) камтар кардани ҳосилшавии партовҳои радиоактивӣ ва муомилот бо чунин партовҳо тибқи сохтори мавҷуда барои муомилот бо партовҳои радиоактивӣ. Ҳамчун қисме аз ин кор, сатҳҳои озодшавиро барои сабук гардонидани истифодаи такрорӣ ва коркарди такрории пасмондаҳо баъд аз солимгардонӣ истифода кардан мебояд;

17) механизм (васила)-ҳои расмии баҳисобгирӣ ва робита дар ҳама марҳилаҳои солимгардонӣ, бо нишон додани шахси маъул ба иҷрои ин вазифаҳо дар ҳар як марҳила, нигаҳдорӣ шудани кадом сабтҳо (қайдҳо), ба кӣ пешниҳод шудани онҳо, киро хабардор кардан ва чӣ вақт нигаҳдорӣ карда шудани онҳо;

18) мониторинг ва санҷиши самаранокии лоиҳаи солимгардонӣ бо роҳи муқоисакунии маълумоти мониторинги манбаъ ва маълумоти мониторинги муҳити зист бо натиҷаҳои модели миқдории майдон;

19) дар ҳолатҳои зарурӣ механизм барои таъмини он, ки тасдиқи мақоми танзимгар то амалисозии ҳар як марҳилаи лоиҳаи солимгардонӣ дар асоси санҷиши анҷомёбии марҳилаи гузашта дархост карда шавад. Ин механизм бояд қисме аз раванди марҳила ба марҳилаи тасдиқ ва маблағгузории солимгардонӣ бошад.

20) таъмини идоракунии иттилоот ва донишҳо дар вақти солимгардонӣ ва пас аз анҷом ёфтани он;

21) зарурати ҳар гуна мониторинг, нозирӣ ва назорати ниҳодӣ пас аз солимгардонӣ (масалан, маҳдудсозии дастрасӣ ё маҳдудсозӣ ба истифодаи замин).

231. Сипас бояд иттилооти муфассал дар ҳуҷҷатҳои иловагӣ пешниҳод карда шававд (масалан, ҳисобот оид ба тавсиф, арзёбии бехатарӣ, арзёбии таъсирот ба муҳити зист, таҳқиқот оид ба арзёбии вариантҳои солимгардонӣ дар асоси муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ).

232. Раванди таҳияи лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақа бояд таҷрибаҳои зимни гузаронидани солимгардонии монанд бадастомадаро истифода кунад, ки он дар гузашта дар мамлакат ё дар дигар давлатҳо анҷом дода шудааст.  Ин муҳимияти ҷорӣ кардан ва дастгирӣ намудани системаи пешбурди ҳуҷҷатҳоро нишон медиҳад.

233. Ҷониби масъул бояд онро таъмин намояд, ки ҷонибҳои манфиатдор мақсадҳои солимгардонӣ ва нақши калидии худро дар ҳар як солимгардонии анҷомдодашуда хеле аниқ дарк кунанд. Воситаҳо барои муайян кардани лаҳзаи дарёфти ин мақсадҳо бояд ба хотири бе зарурат идома надодани солимгардонӣ пас аз расидан ба нуқтае, ки дар он солимгардонӣ асоснокшуда мебошад ва ҳимояю бехатарӣ муносибгардонидашуда мебошанд, ба таври аниқ ифода карда шуда бошанд.

234. Лоиҳаи солимгардонӣ бояд солимгардонӣ ва чораҳои зарурииро оид ба идоракунӣ пас аз солимгардонӣ, монанди хизматрасонӣ, мониторинг ва назорат барои таъмини риояи маҳдудиятҳо оид ба истифодаи замин ва биноҳо дар бар гирад. Гарчанде, ки ин чораҳои назорат дар муддати хеле зиёди вақт амалӣ гардонида мешаванд, онҳо қисми идоракунӣ пас аз солимгардонӣ мебошанд ва онҳо бояд дар лоиҳаи солимгардонии майдон ё минтақаи мушаххас ворид карда шаванд.

235. Лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас бояд тибқи талаботҳои танзимӣ омода карда шаванд ва бояд имконияти бехатар гузаронидани солимгардониро нишон диҳанд.

236. Лоиҳаи солимгардонӣ бояд таснифи барномаи пешниҳодшудаи мониторинги санҷиширо, ки он бояд комёбиҳои солимгардониро бо мақсадҳои худ нишон диҳад ва барномаи мониторинги дарзмуддат ва назоратро барои арзёбии самаранокии солимгардонии майдон дар дурнамои дарозмуддат дар бар гирад.

237. Барномаи мониторинги санҷишӣ бояд тасниф карда шавад ва натиҷаҳои ҷамъоваришуда бояд нишон диҳанд, ки солимгардонӣ ба мақсадҳои худ расидааст. Ин онро дар назар дорад, ки барномаи мониторинги муҳити зист барои тасдиқи мувофиқатии мушаххасаҳои муҳити зисти майдони солимгардоникардашуда ба мақсадҳои солимгардонӣ (яъне, ба ҳолати ниҳоии банақшагирифташуда) иҷро карда мешавад.

238. Лоиҳаи солимгардонӣ бояд уҳдадории пешниҳоди ҳисоботи муфассали ҷамъбастиро пас аз анҷоми ҳамаи корҳо оид ба солимгардонӣ дар бар гирад.

239. Ҳисоботи ҷамъбастӣ бояд инҳоро дар бар гирад:

1) тасснифи мухтасари амалиётҳо оид ба солимгардонӣ;
2) дархост оид ба меъёрҳои солимгардонӣ;
3) ҳолати ниҳоии майдони солимгардонидашуда;
4) тасснифи мухтасари дозаҳои гирифтаи коргарон ва аҳолӣ дар вақти солимгардонӣ;
5) тасснифи мухтасари маълумоти мониторинг ва назорат;
6) истифодаи минбаъдаи майдон;
7) аз ҷониби мақоми танзимгар анҷом дода шудани назорат, ҳар гуна шароити анҷомдиҳӣ;
8) амалиётҳо оид ба иҷрои шартҳои боқимонда.

240. Баъди аз ҷониби мақоми танзимгар тасдиқ шудани лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас, ин лоиҳа бояд дар муҳлатҳои кӯтоҳтарин иҷро карда шавад.

241. Дар мавриди зарурӣ дар рафти иҷрои солимгардонӣ лоиҳаи солимгардонӣ ва ҳуҷҷатҳои иловагӣ бояд давра ба давра аз нав карда шаванд, масалан, ҳангоми пайдо шудани иттилооти нав, ё вақте ки солимгардонӣ тибқи нақша гузаронида нашавад. Лоиҳа бояд дар рафти иҷрои солимгардонӣ барои инъикоси ҳамаи тағйироти назарраси мансуб ба иҷрои солимгардонӣ азнав карда шавад. Ҳаргуна тағйирот ба лоиҳаи солимгардониро мақоми тандзимкунанда тасдиқ менамояд. Вале тағйирот ба лоиҳаи солимгардони ҳатмӣ нест, ки ба ҳар як қарори оперативӣ ворид карда шавад (масалан, тағйирот дар муҳлатҳо ё дар иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, ки натиҷаи умумии лоиҳаи солимгардониро тағйир намедиҳанд), зеро ин ба рафти иҷрои солимгардонӣ беасос монеъ мешавад.

## §4. Омодагии садамавӣ

242. Дар доираи арзёбии бехатарии солимгардонӣ ҷониби масъул бояд хавфҳои имконпазири радиатсиониро дар натиҷаи шароити садамавӣ ошкор намояд ва оқибатҳои имконпазирро аз ҳаргуна ҳолати садамавӣ дар вақти солимгардонӣ арзёбӣ намояд (масалан, садама ҳангоми ҳамлу нақли маводи радиоактивӣ; зарарбинии сохтор, монанди сарбанд ё зарфҳое, ки маводи радиоактивиро нигоҳ медоранд; сӯхтор).

243. Натиҷаҳои ин арзёбӣ бояд барои муайян кардани чорабиниҳо оид ба бартарафсозии садамаҳо ва таҳияи тадбирҳои зарурӣ оид ба омодагии садамавӣ ва чораҷӯйӣ истифода шаванд. Ин чораҳои зиддисадамавӣ бояд дар лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас таҳия карда шаванд.

244. Дар мавридҳои зарурӣ онҳо бояд нақшаҳо, расмиёт, воситаҳо, таҷҳизот, барномаҳои таълимӣ, машқҳо ва омӯзишро дар бар гиранд. Ҷониби масъул ба солимгардонӣ бояд ҷорӣ кардани расмиёти дахлдори чораҷӯйиро ба ҳар гуна ҳолати садамавӣ, ки дар рафти солимгардонӣ рух дода метавонанд, хабардоркунии ҳамаи ҳайати коргарони дахлдоро оид ба вазифаҳои таъйиншудаи чораҷӯйӣ ва гузаштани омодагӣ дар иҷрои онҳо таъмин намояд.

## 11. ҶУДОКУНИИ МАБЛАҒҲО ВА МАБЛАҒГУЗОРИИ СОЛИМГАРДОНӢ

245. Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» маблағгузорӣ дар соҳаи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ аз фонди махсуси давлатӣ ва аз ҳисоби дигар манбаъҳои маблағгузории ҷалбшуда, ки бо қонунгузорӣ манъ нашудаанд, амалӣ карда мешавад.

246. Ҳангоми муайян кардани ҷониби масъул, ки ба олудашавӣ роҳ додааст, он бояд ҷиҳати маблағгузорӣ ва ҷудошавии маблағҳо ба солимгардонӣ ҷавобгӯй ва ҳисоботдиҳанда бошад. Вале, дар бисёр мавридҳо ҳолатҳо метавонанд мураккаб бошанд ва мумкин аст имконияти муайян кардани ҷониби масъул вуҷуд надошта бошад, ё арзиши умумии солимгардонӣ нисбат ба амалиётҳои ташкилоте, ки ба олудашавӣ меоваранд ё овардаанд, зиёд набошад. Масалан, олудашавиҳо метавонанд боиси тағйиротҳо дар роҳҳои шуоъхӯрӣ гарданд, ки онҳо дар лаҳзаи додани иҷозатномаи расмӣ ба партофтҳо пешбинӣ нагардида буданд, ё натиҷаи садама буданд. Хароҷоти иқтисодие, ки ба зиммаи ташкилот вогузор шудаанд, метавонанд боиси муфлисӣ ва ноқобилии дар оянда пардохткунӣ гарданд.

247. Ҳукумат таъмин менамояд, ки муқаррароти мувофиқ барои манбаъҳои алтернативии маблағгузорӣ дар инфрасохтори танзимкунӣ ворид карда шаванд, то ин ки он ҳолатҳоеро фаро гирад, ки ҷониби масъул наметавонад ӯҳдадориҳои худро иҷро кунад. Хароҷотҳо пурра ё қисман метавонанд ба зиммаи олудакунандаи аслӣ, соҳибони ҳозираи майдонҳо, саноатчиён, таҳиягарон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти маҳаллӣ вогузор карда шаванд.

248. Эътимоднокии манбаъҳои маблағгузорӣ бояд, қабл аз оғози ҳама гуна корҳои солимгардонӣ, таъмин карда шаванд.

249. Одатан, пас аз асоснок кардани солимгардонӣ, маблағгузории онро ҷониби масъул бояд ба зимма гирад, ки бояд ҷудокунии захираҳои кофиро таъмин кунад. Дар ҳолатҳое, ки ҷониби масъули солимгардонӣ муайян карда намешавад, он аз ҷониби ҳукумат таъин карда мешавад. Дар ин ҳангом бояд кӯшиш намуд, то масъулияти дақиқ барои баҳодиҳии арзиши солимгардонӣ таъин карда шавад.

250. Ҷониби масъул бояд ҷонибҳои манфиатдорро ҳарчи барвақттар дар оғози раванди солимгардонӣ барои маблағгузорӣ ё саҳмгузорӣ ба лоиҳаи солимгардонӣ ҷалб намояд.

251. Дар мавриди ғайриимкон будани ҷудокунии маблағҳои кофӣ барои иҷрои лоиҳаи тасдиқшудаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас мақоми дахлдори ҳокимият набояд барои оғоз кардани корҳо оид ба солимгардонӣ иҷозат диҳад. Ба ҳар ҳол, агар интизорӣ равад, ки шароити мавҷуда боиси хатари назаррас барои аҳолӣ ва муҳити зист гардида метавонанд, мумкин аст маҳдудиятҳои муайян талаб карда шаванд. Ба чунин маҳдудиятҳо назорати дастрасӣ ба майдон, ба вуҷуд овардани монеаҳои физикӣ

(масалан, иҳотагирӣ), иловакунии чораҳои махсуси бехатарӣ, маҳдудиятгузорӣ ба истифодаи заминҳо, интиқоли ҳуқуқҳои моликият ё амалиётҳои зуд ё кӯтоҳмуддат ба солимгардонӣ мансуб буда метавонанд.

252. Дар мавридҳое, ки чораҳои назоратӣ баъди солимгардонӣ заруранд, ҷониби масъул бояд ҷудокунии маблағҳои мувофиқро барои фаъолияти мувофиқ, монанди ҷорикунии маҳдудиятҳо, тавсиф, назорат ва мониторинг таъмин намояд.

253. Механизмҳои молиявиро барои ҳаргуна амалиёти зарурӣ оид ба солимгардонӣ, бо назардошти муомилот бо маводи пасмонда, аз ҷумла бо маводи радиоактивӣ, ки дар раванди солимгардонӣ ҳосил мешаванд, бояд ҷониби масъул муқаррар намояд.

254. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд шароити молиявиро мунтазам бозбинӣ намояд, то идомаёбии маблағгузории зарурӣ бо назардошти ҳаргуна тағйирот ба лоиҳаи солимгардонӣ вобаста ба иттилооти нави дар рафти солимгардонӣ бадастомада таъмин карда шавад.

## 12. ИДОРАКУНИИ МАЙДОН, ТАХАССУСИ ҲАЙАТИ КОРГАРОН ВА ТАЛАБОТҲО НИСБАТ БА ОМӮЗОНИШ

255. Сохтори идоракунӣ барои солимгардонии майдони заҳролудшуда, бояд равиши тафриқавиро ба назар гирад, ки он андоза ва мураккабияти лоиҳаи солимгардониро инъикос менамояд. Сохтор бояд диаграммаи ташкилӣ, уҳдадориҳои роҳбарон ва уҳдадориҳои мушаххаси роҳбарони зерсохторҳои гуногунро дар бар гирад.

256. Дар сохтори идоракунӣ бояд самтҳои зерин инъикос ёбанд:

1) назорати маъмурӣ, аз ҷумла идоракунии молиявӣ, қувваи корӣ ва захираҳо;
2) муҳофизати радиатсионӣ;
3) ҳалли муҳандисӣ ва лоиҳакашӣ;
4) ҳифзи муҳити зист;
5) ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ;
6) системаи идоракунии сифат;
7) идоракунии шартнома (контракт)-ҳо;
8) идоракунии лоиҳаҳо.

257. Оператор (ташкилоти иҷрокунандаи лоиҳаи солимгардонӣ) масъулияти асосиро нисбати бехатарии умумӣ дар дӯш дорад. Ӯ бояд ситемаи зарурии идоракуниро таъсис диҳад, ки он ҷузъҳои бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ, ҳифзи муҳити зист, бехатарии ҷисмӣ, сифат ва иқтисодиётро якҷоя мукунад ва тамоми фаъолияти ташкилотро ба назар мегирад.

258. Захираҳо (имкониятҳо) бояд ба он самтҳое мутамарказ гардонида шаванд, ки онҳо аз нуқтаи назари аҳамият барои бехатарӣ ва хавф заруранд. Ҷорикунии воситаҳои иловагии назорат, ки онҳо метавонанд иштибоҳро дар соҳаҳои ба бехатарӣ таъсири назаррас расонанда кам мекунад ё истисно намоянд, хеле муфид мебошад.

259. Оператор бояд муташаккилӣ зоҳир намояд ва дастрасии саривақтии ҳамаи амалҳои зарурииро барои анҷоми бомувафаққияти солимгардонӣ таъмин намояд. Ӯ ҳамчунин бояд нишон диҳад, ки ба таври зарурӣ ба нақша гирифтааст: таъмини захираҳои кофии инсонӣ, таҷҳизот ва инфрасохтори ёридиҳанда; маблағгузории талабшаванда; барномаи муомилот бо партовҳо; протоколҳо оид ба ҳифзи саломатӣ ва таъмини бехатарии меҳнат барои коргарони дар солимгардонӣ иштироккунанда, ва ва барои

аҳолӣ, аз ҷумла ҳар гуна омӯзониш; ҷорикунии баҳисобгирӣ ва идоракунии маълумотҳо; чорабиниҳо оид ба барномаҳои мониторинг то солимгардонӣ ва баъди он барои арзёбии самаранокии корҳо оид ба солимгардонӣ.

260. Оператор бояд методологияро оид ба дараҷаҳои назорати ташкилӣ ва маъмурӣ, ки барои таснифи фаъолияти худ истифода мебарад, пешниҳод намояд, ва татбиқи якшаклии онро ба ҳамаи коргарони ташкилот тибқи меъёр ва қоидаҳои амалкунанда, таъмин намояд.

261. Раванди тасниф бояд дараҷаи татбиқи талаботҳои системаи идоракуниро нисбат ба фаъолияти ташкилот муайян намояд. Истифодаи воситаҳо барои тартиб додани нақшаҳои тақвимӣ ва захираҳо ба гузаронидани зоҳирбинӣ ва ҳамгироии нақшаҳо имкон медиҳад. Ин воситаҳо бояд хати асосии сикли ҳаётӣ ва нақшаи корро муайян кунанд, ва бояд омодакунии ҳисобҳоро оид ба хароҷот, рафти иҷро ва тағйиротҳои графикро осон гардонанд.

262. Роҳбарони сатҳи боло ва поён бояд ба таври зарурӣ омӯзонида шаванд, то тавонанд бехатарии коргарон ва аҳолиро нисбат ба ҳамаи хатарҳои радиологӣ ва ғайрирадиологӣ идора кунанд ва таъмин намоянд.

263. Ҳамаи коргарон, пудратиҳо, зерпудратчиҳо ё диданкунандаҳои майдон бояд омӯзониши махсусро тибқи хавфҳои имконпазир гузаранд, ки ба онҳо метавонад ба инҳо мувоҷеҳ гарданд, аз ҷумла бо ҳамаи хатарнокиҳои радиологӣ ва ғайрирадиологии алоқаманд ба вақти будани онҳо дар майдон.

264. Барои иҷрои бехатар ва самаранокии уҳдадориҳои худ, ҳамаи шахсони дар солимгардонӣ иштироккунанда бояд бо минтақаи заҳорлудшуда, хатарнокиҳо ва расмиёти бехатарӣ шинос карда шаванд. Барои баъзе намуди корҳо мумкин аст омӯзониши махсус талаб карда шавад. Ҳатто барои диданкунандаҳои тасодуфӣ ва пудратсиёни кӯтоҳмуддат роҳнамо оид ба майдон ва омӯзониш оид ба масъалаҳои бехатарӣ дар минтақа ё нисбат ба хатарҳое, ки онҳо мувоҷеҳ мегарданд, талаб карда мешавад.

265. Бояд нақшаи комплексии идоракунии лоиҳа омода карда шавад, ки он ба иттилооти ҳамарӯза оид ба коркард ва амалисозии маҷмуи чорабиниҳо барои дарёфти мақсадҳои мушаххас, вазифаҳои лоиҳа ва пайдарпайии амалисозии корҳо оид ба солимгардонӣ дар майдон бо муайян кардани вазифаҳои мувофиқ, марҳилаҳо, захираҳо ва пайдарпайии муваққатӣ нигаронида шудааст.

266. Оператор бояд талаботро ба маълумот (таҳсилот), омӯзониш ва таҷрибаи дилхоҳ корманд ё пудратчӣ дар майдон, аз ҷумла мутахассисони ихтисосманд муайян намояд, то боварӣ ҳосил намояд, ки онҳо коргарони салоҳиятдор дар ҳамаи соҳаҳои кор ё вазифаҳои барои онҳо муайянкардашуда мебошанд. Бояд сатҳи мувофиқи назорат, санҷиш ва омӯзиш нисбат ба ҳамаи хатарнокиҳо дар майдон барои таъмини бехатарии ҳар як шахси дар майдони солимгардонишаванда, ҷорӣ карда шавад.

267. Азбаски одатан дар вақти амалисозии лоиҳаи солимгардонӣ пудратчиҳо заруранд, муҳим аст, ки системаи хуби интихоби пудратчиҳои муносиб мавҷуд бошад. Омодакунии махсусиятҳои муфассал ва асноди тендерӣ ва интихоби пудратчии худогоҳ ва таҷрибадор шарти ҳатмӣ барои фаъолияти бобарор оид ба солимгардонӣ мебошад.

268. Операторе, ки корҳоро оид ба солимгардонӣ иҷро мекунад, бояд барномаи мувофиқи таъминоти сифатро дар доираи системаи идоракунии худ татбиқ намояд. Ӯ

бояд ҷалби танҳо ҳайати коргарони махсус омӯзонидашударо ба корҳои тасдиқшуда оид ба солимгардонӣ бо расмиёти кории тасдиқшуда таъмин намояд ва ҳуҷҷатгузорӣ кунад. Ҷунин қайдҳо оид ба омӯзиш ва расмиёти корӣ бояд тибқи талаботи мақоми танзимгар нигаҳдорӣ карда шаванд.

269. Корҳо оид ба солимгардонӣ дар майдонҳои мураккаб малакаҳои махсусро дар соҳаҳое, ки ба муҳофизати радиатсионӣ алоқаманд намебошанд, талаб мекунад. Масалан, муомилот бо партовҳо мавҷудияти экспертизаро дар соҳаи сохтмон, иншооти муҳандисии геотехникӣ ва экспертизаҳои гидрологӣ ва гидрогеологиро пешбинӣ менамояд. Ташкилотҳои барои иҷрои лоиҳаҳои солимгардонии миқёсҳои мухталиф масъул, баъзан экспертизаи пурраеро, ки барои анҷоми лоиҳаҳои солимгардонӣ заруранд, дар доираи ташкилоти худ гузаронида наметавонад. Бинобар ин мебояд, ки пудратчиҳои дорои таҷрибаи зарурӣ истифода карда шаванд.

270.  Оператор ба бехатарии ҳамаи намудҳои фаъолият ва ҳамаи шахсон дар майдон, аз ҷумла пудратчиҳо ҷавобгар мебошад. Шахсони калидӣ дар дилхоҳ ташкилоти иҷрокунандаи лоиҳаҳои солимгардонӣ, бояд тахассуси кофӣ барои иҷрои босалоҳияти ухдадориҳои худ дошта бошанд.

271. Барномаҳои омӯзиш барои майдони мушаххас бояд нишон диҳанд, ки онҳо бо татбиқи равиши системавӣ бо мақсадҳои ченшавандаи муқарраршуда ва воситаҳои арзёбии самаранокии он, иҷро карда шудаанд. Таҳлил, тартибдиҳӣ, таҳия, амалисозӣ ва арзёбии барномаи таълимӣ аз ҷониби инструкторҳои ихтисосманди салоҳиятдор гузаронида шаванд.

272. Аз нуқтаи назари муҳофизати радиатсионӣ коргарон бояд оиди хавфи алоқаманд ба афканишоти ионофар, принсипҳои асосии муҳофизати радиатсионӣ, ухдадориҳои асосӣ нисбат ба идоракунии хавфи радиатсионӣ ва ҷузъҳои асосии нақшаи муҳофизати радиатсионӣ, омӯзонида шаванд. Барои он коргароне, ки касбӣ шуоъхӯрда ҳисобида мешаванд, мебояд, ки мавзуъҳо дар сатҳи муфассали мувофиқ бо дастурамалҳои вазифавии онҳо ва хатарнокиҳои имконпазир баррасӣ карда шаванд.

273. Дастурдиҳӣ пеш аз оғози корҳо ё ҷаласаҳои ҳамарӯза дар иҷрои лоиҳаҳои солимгардонӣ хеле муҳим мебошанд, чунки онҳо омӯзиши гирифтаро мустаҳкам мекунанд, ба ҷанбаҳои мушаххаси корҳои ҳамарӯза, ки таваҷҷуҳи махсусро талаб мекунанд, равона карда шудаанд, аз нав ҷавобгарии инфиродии коргарон, хусусан нисбат ба бехатарии худ ва бехатарии ҳамкорони худ қайд мекунанд, хатарнокии махсус, чораҳои зарурии пешгирӣ, таҷҳизоти зарурии муҳофизатӣ, талаботҳо нисбат ба мониторинг ва монанди инҳоро қайд мекунанд.

274 . Тамоми ҳайати коргарон дар майдон бояд омӯзиш оид ба нақш ва ухдадориҳои худ дар мавриди ҳолатҳои садамавӣ ё воқеаҳои ғайриоддӣ дар вақти солимгардонӣ гузаранд. Чунин ҳолатҳои садамавии имконпазир ва воқеаҳои ғайриоддӣ дар рафти иҷрои корҳо оид ба солимгардонии майдон бояд муайян карда шаванд. Ҳамчунин бояд машқҳо оид ба амалиётҳои эътино таҳия ва гузаронида шавад.

## 13. ҶАЛБИ ҶОНИБҲОИ МАНФИАТДОР

275. Ҷалби ҷонибҳои мнфиатдор барои комёбии ҳар гуна солимгардонӣ аҳамияти муҳими назаррас дорад. Он бояд дар давоми тамоми раванди солимгардонӣ – аз арзёбии пешакии аввала то анҷомёбии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ идома ёбад, ва дар

зарурат, ба давраи баъди солимгардонӣ гузарад (бо назардошти назорати ниҳодӣ). Ҳаҷм ва навъҳои ҷалбкунӣ вобаста, чун аз ҷонибҳои манфиатдор, ва ҳам аз марҳилаҳои гуногуни раванди солимгардонӣ тағйир меёбад. Оқибатҳои ҷалби нокифоя метавонад ба одамон (масалан, стресс, депрессия, ноқобилиятии баргашт баъд аз эвакуатсия ё кӯчиши ихтиёрии аҳолӣ), ҷамъият ва соҳаҳои саноат (масалан, аз ҳисоби таъсироти зиёди номусоид ба фаъолияти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ) таъсири ҷиддӣ дошта бошад.

276. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фаҳмиши иттилоот оид ба майдонҳои заҳролудшуда дар дигар ҷонибҳои манфиатдор (масалан, мақомоти дахлдори ҳокимият, шахсони манфиатдор аз ҳисоби аҳолӣ, мақомоти маҳаллӣ ва давлатии ҳокимият, гурӯҳҳои маҳаллӣ аз рӯйи манфиат), ташаббускор ё ҷониби масъул бояд барномаи огоҳонии ҷонибҳои манфиатдорро оид ба кадом маълумотро ба дастрасии кушод пешниҳод намудан таҳия ва татбиқ намояд.

277. Ба воситаи барномаи самарабахши ҷалби ҷонибҳои манфиатдор ташаббускор ё ҷониби масъул бояд фазои кушода, шаффоф ва бовариро муҳайё созад. Ба ташаббускорон ё ҷониби масъули лоиҳа қабул намудани воситаҳои алоқаи бештар муносиб ва самарабахш пешниҳод карда мешавад. Ҳар як барномаи маълумотдиҳӣ бояд барои қонеъ гардонидани ниёзҳои иттилоотии шунавандагон (аудитория)-и ҳадафманд тартиб дода шаванд.

278. Намояндагони ҷонибҳои манфиатдор бояд имкони гуфтан ва муҳокима кардани мавқеъ, чашмдоштӣ ва андешаи худро нисбат ба солимгардонӣ дошта бошанд. Ин ба рушди ҳамдигарфаҳмӣ ва иштироки созанда дар раванди қабули қарорҳо нисбат ба нақшагирӣ ва амалисозии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ мусоидат менамояд.

279. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор, ки дар вақти таҳияи Консепсия оғоз карда шудааст, бояд дар рафти таҳияи стратегияи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи муайян ва минбаъд дар раванди солимгардонӣ идома дода шавад. Ҳар қадар пештар ба раванди солимгардонӣ ҷалб намудани ҷонибҳои манфиатдор ба онҳо имконият медиҳад, ки дар раванди қабули қарорҳо нақши назаррас дошта бошанд (масалан, дар муайян кардани амалиётҳо оид ба солимгардонӣ). Навъҳои ҷалбкунӣ, нақши ҷонибҳои мухталиф ва стратегияҳои робита ва машваратҳо бояд ҳарчи пештар муқаррар карда шаванд. Дар раванди солимгардонӣ онҳо метавонад тағйир ёбанд.

280. Мақоми танзимгар бояд ба ҷонибҳои манфиатдор имконияти иштирок дар раванди қабули қарорҳоро оид ба мақоми майдонҳои заҳролудшуда, пешниҳод намояд. Вазифаи асосии барномаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор огоҳонии самарабахши ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор оид ба саломатӣ, бехатарӣ ва ҳифзи одамону муҳити зист, ҳамчунин оид ба дигар масъалаҳои алоқаманд ба майдони заҳролудшуда, атрофи он ва минтақаҳои зарардида мебошад. Ин ҷонибҳо бояд дар раванди робитаи дуҷониба ҷалб карда шаванд, ки дар он ҷо андеша, ақида ва тавсияҳои онҳо баррасӣ ва қабул карда мешаванд.

281. Барноми ҷалби ҷонибҳои манфиатдор бояд бо назардошти инҳо таҳия карда шавад:

1) навъи дастгоҳҳои танзимӣ ва фаъолият;

2) хавфҳо барои саломатии аҳолӣ, бехатарӣ ва ҳифзи одамон ва муҳити зист, ки вобаста ба дастгоҳ ё фаъолият ба вуҷуд меоянд;

3) сатҳи манфиат ва ташвиши ҷонибҳои манфиатдор.

282. Барнома бояд хеле муфассал бошад, то шунавандагон (аудитория)-и ҳадафманди ба фаъолият ҳавасманд, сари вақт оид ба амалиётҳо, фаъолият ва оқибатҳои тахминшаванда барои муҳити зист ва саломатию бехатарии одамон огоҳӣ дошта бошанд.

283. Барномаи ҷалбкунӣ бояд тавре идора карда шавад, ки он ба мақсадҳои корпоративӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мутобиқат буданро идома диҳад. Агар оператор системаи идоракунӣ дошта бошад, пас барнома бояд дар доираи ин система амалӣ карда шавад.

284. Барномаи ҷалбкунии ҷонибҳои манфиатдор бояд шунавандагони ҳадафманд ва асосро барои ворид кардани он, ҳамчунин тарзи гирифтани алоқаи баръакси муосирро аз шунавандагони худ муайян намояд.

285. Ташаббускорон ё ҷонибҳои масъул бояд шунавандагони ҳадафмандро барои барномаи ҷалбкунӣ аниқ муайян намоянд. Шунавандагони ҳадафманд ҳамаи қишрҳои аҳолии аз объекти заҳролудшуда ва фаъолияти бо онҳо алоқаманди оператор зарар дидаро фаро гиранд. Ҷонибҳои манфиатдори дахлдор ин онҳоеанд, ки ба заҳролудшавӣ ҷавобгӯй мебошанд, мақоми танзимгар ва дигар мақомоти ҳокимият, мақомоти ҳокимияти маҳалӣ, соҳибмулкон, иҷорагирандагон, тиҷорати маҳаллӣ, сохтмончиён, ширкатҳои суғуртавӣ, аҳолӣ, экспертҳои техникӣ, шахсони масъул ба ҷудокунии маблағ ва маблағгузории солимгардонӣ ва гурӯҳҳои экологӣ. Андоза ва гуногунии ин шунавандагон аз навъ ва ҷойгиршавии дастгоҳҳо ва фаъолият, ҳамчунин аз наздикии ҷуғрофии аҳолӣ вобаста мебошад.

286. Маълуоти дастрасии кушода ин қисми ҷудонашавандаи Барномаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор буда, бояд инҳоро дарбар гирад:

1) намудҳои иттилоот ё ҳисоботҳое, ки бояд расмӣ карда шаванд;

2) меъёрҳо барои муайян кардани он, ки чунин иттилоот ва ҳисоботҳо кай бояд нашр карда шаванд;

3) воситаҳои пешниҳоди чунин иттилоот ва ҳисоботҳо.

287. Оператор бояд бовари ҳосил кунад, ки маълуоти дастрасии кушодаи Барномаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор фошкардани маълумоти муҳимро дарбар намегирад, ба мисли маълумотҳои ба бехатарии ҷисмӣ, сири тиҷоратӣ ё маълумоти ба маблағгузорӣ ва меҳант алоқаманд буда.

288. Барои таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳандагӣ ташаббускор ё оператор бояд ҷонибҳои манфиатдорро оид ба ҳамаи иттилооти алоқаманд ба солимгардонии майдон огоҳ намоянд, ки инҳоро дар бар мегирад:

1) асосноккунии лоиҳаи солимгардонӣ;

2) таснифи он, ки ҳангоми интихоби вариантҳои солимгардонӣ омилҳои дахлдор бо татбиқи раванди муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ, чӣ тавр ба инобат гирифта шудабуданд;

3) асос барои қарор/ё қарорҳои интихобшуда оид ба солимгардонӣ;

4) лоиҳаҳои пешниҳодшудаи солимгардонии майдон ва ҷадвали иҷрои корҳо;

5) натиҷаҳои барномаҳои мониторинг ва санҷиш;

6) маҳдудиятҳо барои майдон;

7) ҳолатҳои садамавӣ;

8) партов ё партофтҳои заҳролуд берун аз минтақаи майдон (ҳаво, об, обҳои зеризаминӣ);

9) азнавкунии давра ба давраи лоиҳаи майдон;

10) тағйироти пешниҳодшуда дар чорабиниҳои иҷозатдодашуда ё тасдиқшуда;

11) нақшаҳои ҳолати ниҳоӣ ё воситаҳои назорати майдон, ки дар лаҳзаи анҷомбии солимгардонӣ пешниҳод шудаанд.

289. Машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор барои интихоби сенарияҳо ва муайян кардани чораҳои назорати ниҳодӣ, гурӯҳҳои бухронӣ ва ҳолати ниҳоии майдон пас аз анҷоми солимгардонӣ аҳамияти муҳим доранд. Барномаи ҷалби ҷонибҳои манфиатдор, ки хуб нақшагирӣ шудааст ва идорашаванда мебошад, графики умумии нақшагирии лоиҳаро пурра мекунад ва ба таъхирҳои танзимӣ ё сиёсиро камтарин карда метавонад.

§1. Робита (коммуникатсия) ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор баъди солимгардонӣ.

290. Робитаҳо ва машваратҳо бо ҷонибҳои манфиатдор бояд баъди солимгардонӣ низ идома дода шаванд.

291. Дар мавриди гузоштани маҳдудиятҳо ба истифода ё дастрасӣ ба замин, робита ва ҷалби ҷонибҳои манфиатдор бояд идома дода шаванд. Дар лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи муайян бояд уҳдадориҳо оид ба ҷалбкунии ҷонибҳои манфиатдор зимни бозбинии зарурати маҳдудиятҳо ва мониторинг дар оянда ва зимни бозбинӣ ва воридсозии тағйирот дар лоиҳа барои инъикоси шароити ҷорӣ, ворид карда шаванд.

292. Дар баъзе ҳолатҳо ҷонибҳои манфиатдори маҳаллӣ метавонанд амалиётҳоро оид ба муҳофизати мустақилона ба сифати тарзи коҳиш додани дозаҳои шуоъхӯрӣ татбиқ намоянд (масалан, шӯстани ҳосил, ки аз боғҳои онҳо ба даст оварда шудааст, ё дасткашӣ аз парвариши зироатҳои алоҳида). Зарурат ва самаранокии ин чорабиниҳоро бояд мақоми танзимгар ё дигар мақомоти ҳокимият ё ҷониб, ки масъули солимгардонӣ мебошад вобаста ба ҳолатҳои бавуҷудомада аниқ ва муфассал тавзеҳ диҳад. Ин омӯзиш ва такмили ингуна ҷонибҳои манфиатдорро дар бар мегирад. Ба амалиётҳо оид ба муҳофизати мустақилона хеле сахт набояд такя кардан, зеро новобаста аз сатҳи ҳамкориҳо бо ҷонибҳои манфиатдор қабул ва амалисозии ин татбирҳо кафолат дода намешаад. Иттилооти иловагӣ оид ба амалиётҳои мустақилона дар Замимаи 3 оварда мешавад.

## 14. ИҶРО ВА МОНИТОРИНГИ САНҶИШӢ

293. Баъди он, ки мақоми танзимгар лоиҳаи солимгардониро барои майдон ё минтақаи муайян тасдиқ мекунад, бояд амалисозии як ё якчанд амалиёти интихобшуда оид ба солимгардонӣ барои таъмини коҳишдиҳии саривақтӣ ва мунтазами хавфҳои радиатсионӣ оғоз карда шавад. Марҳилаҳои амалисозии солимгардонӣ инҳоанд:

1) ичрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи муайян, аз ҷумла тасдиқи зарурати назорати минтақаи солимгардонишуда (масалан, барои тасдиқи коршоямӣ барои истифодаи маҳдуд ё номаҳдуд);

2) иҷрои муоина (таҳқиқ)-и ҷамъбастии радиологӣ пас аз анҷоми амалиётҳо оид ба солимгардонӣ бо мақсади нишон додани риояи шароити ҳолати ниҳоӣ, ки дар нақшаи амалиётҳои солимгардонӣ муқаррар карда шудааст;

3) санҷиши анҷомёбии солимгардонӣ тибқи лоиҳаи солимгардонӣ;

4) омодакунии ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба солимгардонӣ барои ҳуҷҷатгузорӣ кардани шароити ҷорӣ дар майдон ё минтақа баъди солимгардонӣ бо мақсади нишон додани иҷроиши меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ;

5) муроҷиат ба мақоми танзимгар бо хоҳиш оид ба тасдиқ кардани озодшавии майдон ё минтақа аз назорати танзимӣ, агар майдон ё минтақа меъёри ҳолати ниҳоиро барои истифодаи номаҳдуд қонеъ гардонад.

294. Мулоҳизаҳои дигар дар ин марҳила инҳо мебошанд:

1) муомилот бо маводи пасмонда, бо назардошти партовҳои радиоактивӣ, партовҳи ғайрирадиоактивӣ ва маводе, ки метавонанд аз назорат барои коркард ва истифодаи такрорӣ озод бошанд;

2) арзёбии самаранокии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ва санҷиши натиҷиҳо;

3) ҷалби ҷонибҳои манфиатдор.

295. Амалиётҳо оид ба солимгардонӣ бояд дар чаҳорчӯбаи системаи комплексии идоракунӣ амалӣ карда шаванд:

1) фаъолият оид ба солимгардонӣ, ҳамлунақл ва муомилот бо партовҳоро бояд ба таври зарурӣ одамони омодакардашуда ва соҳибтахассус тибқи амалиётҳои корие, ки онҳо аз ҷониби оператор таҳия карда шудаанд, иҷро намоянд.

2) амалиётҳои корӣ нисбати ҳар як намуди фаъолият бояд аз ҷониби оператор дар ҳошияи лоиҳаи умумии солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас омода карда шавад.

3) ҳангоми коркарди системаи комплексии идоракунӣ бояд зарурати ҷамъоварӣ ва нигаҳдории қайдҳо ва иттилоот оид ба майдоне, ки дар он солимгардонӣ гузаронида мешавад, зикр карда шавад.

296. Амалисозии лоиҳаи солимгардонӣ бояд тибқи талаботҳои танзимӣ ва шароити иҷозатдиҳии расмӣ аз ҷониби мақоми танзимгар ё дигар мақомоти ҳокимият иҷро карда шавад.

297. Оператор бояд ба ҳайати коргарони салоҳиятдор ё шахсони алоҳида барои баррасии зарурии масъалаҳо дар соҳаҳои зерин дастрасӣ дошта бошад:

1) мутобиқати ба талаботҳои танзимӣ ва дигар шартҳое (масалан, шартҳои иҷозатдиҳии расмӣ), ки аз ҷониби мақоми танзимгар муайян карда шудаанд;

2) тавсифдиҳии майдон ва минтақа;

3) арзёбии таъсирот ба муҳити зист (аз ҷумла моделсозии экологӣ) ва арзёбии бехатарӣ;

4) муҳофизати радиатсионӣ, аз ҷумла ҳамгироии муҳофизат ҳангои шуоъхӯрии касбӣ бо масъалаҳои дигари ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ, аз ҷумла, бехатарии саноатӣ;

5) ҷамъоварии маълумот, тавзеҳи онҳо, таҳлили номуайянӣ ва пешбурди аснод;

6) мониторинги манбаъ, мониторинги муҳити зист ва назорати дозиметрияи инфиродӣ;

7) системаи идоракунӣ;

8) равандҳои геологӣ ва гидрогеологӣ ва динамикаи онҳо;

9) Муомилот бо маводи пасмонда, аз ҷумла муомилот бо партовҳои радиоактивӣ;

10) бехатарии ҷисмии майдон ё минтақа;

11) идоракунии лоиҳа;

12) иртибот, машварат ва ҷалби аҳолӣ ва дигар ҷонибҳои манфитдор;

13) дигар соҳаҳои дониш ё таҷриба, ки ба иҷрои бехатари лоиҳаи солимгардонӣ мансубанд.

298. Санҷиши самаранокии стратегияи солимгардонӣ ва лоиҳаи солимгардонӣ дар раванди солимгардонӣ аҳамияти муҳим дорад. Ин муқоисаи дозаҳои пасмондаро бо дозаи пешгӯйишаванда то солимгардонӣ, ки он дар марҳилаи арзёбии муфассали солимгардонӣ муайян карда шуда буд, ва чораҳои барои назорати онҳо муқарраршударо пешбинӣ мекунад. Агар шуоъхӯрии воқеӣ аз арзёбиҳои аввала хеле фарқ кунанд, лоиҳа бояд бо назардошти шароити воқеӣ бозбинӣ карда шавад. Ҳамчунин бояд чораҳо оид ба сабукгардонии оқибатҳо бо мақсади назорат ба партофтҳои радиоактивӣ ва коҳиш додани шуоъхӯрӣ мавриди амал қарор дода шаванд. Дар мавридҳое, ки шуоъхӯрии воқеӣ аз арзёбии ибтидоӣ баландтар аст, ё агар тамоюли афзоиши шуоъхӯрӣ мавҷуд бошад, пас барои беҳтарсозии фаҳмиши ҳолат ва бартарафсозии баландшавии дозаҳои воқеӣ аз дозаҳои пешгӯйишуда, ва ё барои он, ки онҳо бо гузашти вақт зиёд нашаванд, бояд таҳқиқот гузаронида шавад (бо нишон додани талафи имконпазири назорат ба маводи радиоактивӣ).

299. Верификатсия аз нуқтаи назари ҳам шуоъхӯрии касбӣ, ва ҳам шуоъхӯрии аҳолӣ зарур аст.

## 15. МУҲОФИЗАТИ РАДИАТСИОНӢ ДАР ВАҚТИ СОЛИМГАРДОНӢ

300. Дар вақти амалисозии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, оператор ба саломатӣ ва бехатарии коргарон, аз ҷумла пудратчиҳое, ки вазифаҳои мушаххасро иҷро мекунанд, масъулияти асосиро дар дӯш дорад. Бо эҳтимоли зиёд, хавфҳои ғайрирадиологӣ низ вуҷуд дошта метавонанд. Механизмҳои мувофиқи назоратӣ, санҷишӣ ва шуоъхӯрӣ бояд барои таъмини саломатӣ ва бехатарии коргарон нисбат ба тамоми таҳдидҳо ва хавфҳои касбӣ ҷорӣ карда шаванд.

### §1. Шуоъхӯрии касбӣ

301. Операторҳо барои муҳофизати коргарон аз шуоъхӯрии касбӣ ҷавобгар мебошанд. Операторҳо бояд муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ ва зиёднашавии минтақаҳои дозаҳои муқарраршуда барои шуъохӯрии касбиро таъмин намоянд, инчунин бояд назорати шуоъхӯрии коргаронеро, ки амалиётҳо оид ба солимгардониро иҷро мекунанд, тибқи талаботҳо нисбат ба шуоъхӯрии касбӣ дар ҳолатҳои шуъохӯрии банақша гирифташуда, таъмин намоянд. Ҳамин тавр, муҳофизати коргарон бояд бо назардошти минтақаҳои дозавӣ барои шуоъхӯрии касбӣ гузаронида шавад, яъне, дозаи самаранок 20 мЗв/сол ба ҳисоби миёна дар муддати панҷ соли оянда (100 мЗв/с дар 5 сол) ва 50 мЗв дар дилхоҳ соли алоҳида, бо шарти гирифтани 50 мЗв дар тӯли чор соли минбаъда. Ҳамчунин муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ, масалан, аз ҳисоби муқарраркунии дозаи сарҳадӣ, талаб карда мешавад.

302. Агар дар рафти солимгардонӣ сатҳҳои ғайричашмдошти шуоъхӯрӣ ошкор шаванд, мебояд, ки чораҳои мувофиқ оид ба таъмини саломатӣ ва бехатарии коргарон андешида шавад. Чораҳои мувофиқ таъмини бехатарии ҷисмии минтақа, дар зарурат боздории бехатари корҳо, тағйирдиҳии нақшаҳо ва амалиётҳо ва арзёбии шароити навро дар бар гирифта метавонанд. Баъди он, ки шароити нав фаҳмо мегардад, мумкин аст

бозбинии мувофиқи лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас ва гирифтани розигии мақоми танзимгар ба барқарорсозии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ талаб карда шавад.

### §2. Шуоъхӯрии аҳолӣ

303. Барои волонтёрҳои ба корҳои солимгардонӣ ҷалб карда шуда, мақоми танзимгар дастурамал бо нишондоди номгӯи корҳое, ки ба онҳо иҷозатдода мешаванд таҳия мекунад, инчунин барои муҳофизати радиатсионии онҳо чораҳо меандешад.

304. Шахсони дар солимгардонӣ иштироккунанда бояд бо минтақаи зарардида, бо хатарнокиҳо ва хавфҳои мувофиқ, ки ҷой дошта метавонад, ва амалиётҳои татбиқшаванда барои иҷрои бехатар ва самараноки уҳдадориҳои худ шинос шаванд. Барои баъзе намудҳои кор мумкин аст омӯзиши махсус талаб карда шавад. Барои баъзе намудҳои фаъолият бехатарӣ ва самаранокӣ мумкин аст аз ҳисоби истифодаи моделҳои таълимӣ ва сенарияҳо барои омӯзиш, баланд бардошта шавад. Омӯзиши ҳамаи коргарон яке аз ҷузъҳои асосии нақшаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас мебошад.

305. Ҳаргуна шуоъхӯрии баланди аҳолӣ дар натиҷаи амалисозии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, бояд дар асоси фоидаи дарозмуддати ниҳоӣ дар натиҷаи солимгардонӣ асоснок карда шавад. Назорати шуоъхӯрии шахсони алоҳида аз ҳисоби аҳолӣ дар натиҷаи амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, бояд қисми ҷудонашавандаи лоиҳаи солимгардонӣ бошад, аз ҷумла бо назардошти мониторинги мувофиқ.

306. Нақшаи солимгардонӣ метавонад ҳамчунин амалиётҳо оид ба муҳофизати мустақилонаро, ки бо иштироки аҳолии зарардида амалӣ карда мешавад, дар бар гирад. Масалан, ин метавонад ба ташаббусҳои аҳолии маҳал доир ба расонидани кӯмак ба солимгардонии ҷойҳои истифодаи умум ё боғҳои хусусӣ, ҳамчунин дар гузаронидани назорати радиатсионӣ бо шарти гузаронидани омӯзониши мувофиқ, мансуб бошад.

307. Дар зарурат мақомоти ҳокимияти иҷроияи маҳаллӣ якҷо бо оператор бояд барои дастгирии амалҳои ба муҳофизати мустақилона равона шуда, кӯмак расонанд. Он бояд омӯзиши иҷрои амалҳо оид ба муҳофизати мустақилона ва истифодаи маълумотҳо оид ба муҳофизат (масалан, оид ба оне, ки натиҷаи амалҳо оид ба муҳофизати мустақилонаро чӣ тавр бояд тавзеҳ дод), ва дар баъзе мавридҳо пешниҳоди таҷҳизоти дахлдор ва омӯзиши истифодаи онро дар бар гирад. Ҳамчунин қабули чораҳои мусоидат ба гуфтушунид байни мутахассисони соҳибкасб ва аҳолиро барои гузаронидани машваратҳои мушаххас қабул кардан зарур аст, то амалиётҳо оид ба муҳофизати мустақилона боиси баландшавии нозарури дозаҳои шуоъхӯрии инфиродии иштирокчиён нагардад. Амалиётҳо оид ба муҳофизати мустақилона дар Замимаи 3 ба таври муфассал баррасӣ карда шудаанд.

### §3. Таҳияи барномаи муҳофизати радиатсионӣ

308. Дар барномаи умумии муҳофизати радиатсионӣ барои лоиҳаҳои бузурги мураккаб оид ба солимгардонӣ шарҳи ҷузъҳои асосии муҳофизати радиатсионӣ, ки барои коргарон дар майдон талаб карда мешавад, оварда мешавад. Ин барномаро метавонад оператори майдон иҷро намояд. Агар масъулият ба иҷро ба ташкилоти ҳукуматӣ вогузор шуда бошад, пас он бояд барномаи хусусии муҳофизати радиатсиониро дошта бошад, ки он дар майдонҳои мухталиф иҷро карда шавад.

309. Мазмуни барномаи муҳофизати радиатсионӣ дар Замимаи 4 оварда шудааст. Дар чаҳорчӯби барномаи муҳофизати радиатсионӣ муносибгардонии варианти интихобшудаи лоиҳаи солимгардонӣ барои таъмини нигаҳдории дозаҳо барои коргарон дар сатҳи пасттарини аҳлона муваффақгардида бо назардошти омилҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ гузаронида шавад. Ин кор ҳамчунин дар чаҳорчӯбаи барномаи таълимӣ барои коргарон ва барномаи ҳаррӯзаи корҳо идома дода мешавад.

310. Операторҳо бояд чораҳои ташкилӣ, расмиётӣ ва техникиро бо мақсади муайян кардани минтақаҳои назоратшаванда ва минтақаҳои мушоҳида, ҷорӣ кардани қоидаҳои дохилӣ ва мониторинги ҷойҳои корӣ дар чаҳорчӯбаи барномаи муҳофизати радиатсионӣ муқаррар ва амалӣ намоянд.

311. Операторҳо бояд ба коргарон дастрас шудани иттилооти мувофиқ, дастурамали мувофиқ ва омодагии заруриро оид ба масъалаҳои муҳофизатӣ ва бехатарӣ таъмин намоянд.

312. Дар зарурат операторҳо бояд шароити махсуси меҳнатро барои коргарони ҳомиладор ва ширдиҳанда таъмин намоянд.

313. Операторҳо инчунин бояд шароити махсуси меҳнатро барои муҳофизат ва бехатарӣ шахсони аз омӯзиш гузаранда, ки ба синни 18-сола нарасидаанд, таъмин намоянд.

314. Баронмаи муҳофизати радиатсионӣ бояд номгӯйи вазифа ва уҳдадориҳои идоракуниро дар бар гирад, ки он метавонад хадамоти бехатарии радиатсиониро фаро гирад. Чунин хадамот аз шахси масъул ба бехатарии радиатсионӣ ва роҳбар оид ба техникаи бехатарӣ иборат аст. Он бо техникҳо оид ба бехатарии радиатсионӣ, ки омӯзишро оид ба амалисозии расмиёти бехатарии радиатсионӣ дар майдон гузаштаанд, ҳамкорӣ мекунад.

## §4. Хадамоти бехатарии радиатсионӣ

315. Хадамоти бехатарии радиатсионӣ бояд:

1) аз тамоми коргароне, ки дар муомилот бо маводи аз нигоҳи радиоактивӣ захролудшуда (маводи парешон, металлҳо, хокҳо, таҳнишастаҳо ва таҷҳизотҳо) иштирок мекунанд, истифодаи таҷҳизҳои муҳофизатӣ, чораҳо ва амалиётҳое, ки дар Барнома баён шудаанд, бо мақсади кам кардани шуоъхӯрии радиоактивӣ ва татбиқи ҳамаи расмиёти зарурӣ оид ба муҳофизати радиатсионӣ, талаб намояд;

2) риояи қатъии ҳамаи асноди танзимии амалкунандаро (ки ба бехатарии радиатсионӣ ва муҳофизати радиатсионӣ алоқаманданд) нисбат ба бехатар гузаронидани корҳо, таъмин намояд;

3) омӯзиш ва омода кардани ҳамаи ҳайати коргаронро нисбат ба талаботҳои Барнома, гузаронад;

4) аз ҳайати пудратчиҳо иҷрои ҳамаи расмиёт, талабот, омӯзиш, мониторинг ва монанди инҳоро, ки дар Баронма баён шудаанд, талаб намояд;

5) ҳайати коргаронро оид ба хатарнокиҳои радиологии имконпазир, ки ба корҳо дар майдон алоқаманданд, огоҳ намояд;

6) мавҷудият ва иҷрои зарурии барномаи самаранокро оид ба дозиметрия таъмин намояд;

7) иҷрои назорати ҳамарӯза ва ҳамаҷонибаи радиатсиониро талаб намояд;

8) истифодаи зарурии воситаҳои дахлдори муҳофизати инфиродиро аз ҷониби ҳамаи коргарон дар майдон талаб намояд;

9) ҳамгироии талаботҳои Бароромаро дар ҳама ҷанбаҳои дигари лоиҳаи солимгардонӣ ва системаи идоракунӣ, таъмин намояд;

10) ҷаласаҳои ҳамарӯзаро оид ба бехатарӣ пеш аз гузаронидани корҳо гузаронад. Дар чунин ҷаласаҳо бояд маълумот оид ба таҳдидҳои радиатсионӣ ва чораҳои назоратӣ расонида шавад, ки онҳо зимни иҷрои фаъолияти нақшашуда дар давоми рӯз татбиқ карда мешаванд, дар мавриде, ки агар дар минтақаҳои тозакардашуда дар майдон маводи радиоактивӣ боқӣ монда бошад ё мавҷудияти онҳо эҳтимол дошта бошад;

11) талаб кунад, ки ҳаргуна усулҳои таҷрибашавандаи иҷрои корҳо ё шартҳо, ки боиси чароҳатбардорӣ ё шуоъхӯрии нолозими радиатсионӣ мегарданд, дарҳол пас аз ошкор шудани онҳо бартараф карда шавад;

12) дар зарурат коркард, бозбинӣ, тасдиқ ва иҷрои расмиёти истифодадиҳиро, ки барои иҷрои Барнома дар ҷойи иҷрои корҳо заруранд, таъмин намояд;

13) дар мавриди ошкор гардидани сатҳҳои ғайричашмдошт ва баланди радиатсия, кор муваққатан боз дошта шуда, тафтиш гузаронида шавад;

14) ҷудокунии мувофиқи маблағҳо аз оператор ба амалисозии Барнома таъмин карда шавад.

316. Ҳамаи кормандон ва пудратчиҳое, ки ба лоиҳаи солимгардонӣ вобаста карда шудаанд, бояд:

1) дар ҳамаи машғулиятҳо оид ба омӯзиш ва дастурдиҳӣ иштирок намоянд;

2) баронмаро донанд ва иҷро намоянд ва ба роҳбари хадамоти бехатарии радиатсионӣ ва ё роҳбари ҳифзи меҳнат оид ба ҳамаи тамоюлҳо аз шароити чашмдошт, ки бехатарии коргаронро фаро мегиранд, хабар расонанд; ва

3) танҳо ҳамон вазифаҳоеро иҷро намоянд, ки дар иҷрои бехатари онҳо боварӣ доранд, ва дарҳол оид ба ҳаргуна садама ва ё шароити бехатарнабуда ба роҳбарияти лоиҳа хабар диҳанд.

317. Масъули бехатарии радиатсионӣ бояд аққалан ҳар сол азнаварзёбии Баронмаро гузаронад. Натиҷаҳои иҷрои талаботҳо, ки ба огоҳонӣ ниёз доранд, бояд дар ҳисобот тибқи дастури мақоми танзимгар нашр карда шаванд.

318. Ин ҳисобот бояд инҳоро дар бар гирад:

1) ҳаргуна тағйироти нақшҳо ва уҳдадориҳои мансуб ба муҳофизати радиатсионӣ;

2) натиҷаҳои назорат ба воситаи дозиметрҳои термолюминессенсионӣ ва дозиметрҳои электронии инфиродӣ (агар он гузаронида шавад);

3) арзёбии самаранокии Барнома бо роҳи муқоисаи натиҷаҳои назорати дозиметрӣ бо минтақаҳои шуоъхӯрӣ, сатҳҳои амалиёт ва минтақаҳои муқарраркардаи маъмурӣ (сатҳи назоратӣ);

4) таснифи мухтасари натиҷаҳои ченкуниҳои саҳроӣ/назорати радиометрӣ;

5) таснифи мухтасари фаъолият оид ба калибровкаи детекторҳои афканишоти радиометрӣ;

6) таснифи мухтасари омузиши гузаронидашуда оид ба бехатарии радиатсионӣ;

7) таснифи ҳаргуна воқеаҳои ғайриоддӣ ва пешбининагардида, ки ба бехатарии радиатсионӣ алоқаманд мебошанд;

8) таснифи мухтасари ҳаргуна тағйирот дар Баронма, ки дар давоми сол гузаронида шудаанд;

9) таснифи мухтасари ҳаргуна тағйирот дар раванди солимгардонӣ/ воситаҳои назорати корҳо барои таъмини сатҳи камтарини оқилона муваффақшудаи дозаҳои шуоъхӯрӣ.

319. Хатарнокиҳои гуногуни радиологӣ, ки дар рафти корҳо оид ба солимгардонӣ ба вуҷуд омада метавонанд, бояд муайян карда шаванд, миқдоран арзёбӣ ва сабт карда шаванд, аз ҷумла ҷойи хатар, намуди хатар ва миқёси хатарнокӣ. Хавфҳои назаррас метавонанд бо сабаби мавҷудияти маводи хатарнок дар биноҳои кӯҳна оид ба коркарди уран ба вуҷуд оянд. Ин маводҳо ё қисме аз сохтор буда метавонанд (масалан, асбест), ё қисмҳои алоқаманд ба истифодабарӣ буда метавонанд (масалан, равғанҳои трансформаторӣ бо дифенилҳои полихлорандудашуда). Шароити кор метавонад боздории ҳаргуна фаъолияти дигарро дар майдон талаб кунад, то вақте, ки маводи хатарнок дур карда нашаванд.

320. Барои паст кардани дозае, ки коргарон гирифтаанд, ғайр аз минтақаҳои шуоъхӯрӣ, ҳамчунин принсипи муносибгардонӣ (оптимизатсия) татбиқ карда мешавад. Муносибгадонӣ тавассути коркарди протоколҳои таҷрибаи беҳтарин дар асоси маҳдудиятҳои оперативии (сатҳи назоратӣ) муқарраркардашуда ба даст оварда мешавад. Протоколҳо бояд барои таъмини пасттаринкунии дозаҳо барои коргарон мунтазам бозбинӣ карда шаванд.

321. Маҳдудиятҳои оперативӣ (сатҳи назоратӣ) барои амалисозии назорати дозаҳо барои коргарон дар рафти иҷрои солимгардонӣ дар асоси дозаҳои пешгӯйишаванда, ки дар натиҷаи ҳисобҳои арзёбии дозаҳо ба даст омадааст, муқаррар карда мешавад. Онҳо пеш аз оғози амалиётҳо оид ба солимгардонӣ барои таъмини муносибгардонии шуоъхӯрии радиатсионӣ дар ҷойҳои корӣ муқаррар карда мешаванд. Сатҳи назоратии муқарраршударо мебояд давра ба давра бозбинӣ кард.

322. Бо мақсадҳои нигаҳдории дозаҳо дар сатҳи пасттарини оқилона муваффақшуда ва мутобиқатии онҳо ба маҳдудиятҳои оперативӣ, бояд сатҳҳои дахолат таҳия карда шаванд. Онҳо дар асоси хатарнокиҳои эҳтимолӣ ва арзёбии пешгӯйишавандаи дозаҳои коргарон барои он, ки дозаҳои шуоъхӯрии коргарон пасттар аз маҳдудиятҳои оперативӣ ва хеле пасттар аз минтақаҳои дозавӣ қарор дошта бошанд, коркард карда мешаванд.

323. Агар дар вақти иҷрои лоиҳаи солимгардонӣ, корманд қобилияти бехатар иҷро кардани уҳдадориҳои худро гум кунад, ё он бехатарии дигар коргаронро зери таҳдид гузорад, пас ӯ бояд аз муоинаи тиббӣ гузарад. Пас аз муоина мумкин аст маҳдудиятҳо ба кори иҷро мекардаи ӯ гузошта шаванд, ё ӯ ба давраи муайяни вақт аз кор озод карда шавад. Табиб бояд ба он шароити тиббӣ таваҷҷуҳ намояд, ки ба имконияти истифода ва пӯшидани либоси муҳофизатвӣ ва таҷҳизот, имконияти шунидани бонги садамавӣ ва эътино ба хатарнокии радиатсионӣ ва имконияти истифодаи асбобу таҷҳизоти махсусгардонидашуда таъсир расонида тавонанд. Ин ҳамчунин дар ҳолатҳои шуоъхӯрии садамавӣ, ва дар муҳлатҳои ибтидоии ҳомиладории занони коркунанда низ муҳим аст.

324. Барои таъмини назорати шуоъхӯрии коргарон, бартарафсозии паҳншавии олудагӣ ва назорати дастрасӣ ба майдон дар умум ё ба минтақаи мушаххаси майдон, ки дар он солимгардонӣ мегузарад, бояд минтақаҳои назорати сатҳи заҳролудшавӣ ва расмиёти назорат муайян ва баҳодиҳӣ карда шаванд.

325. Монеаҳое, чун иҳота (панҷара) бо миқдори маҳдуди нуқтаҳои дастрас, бояд дастрасӣ ба майдоне, ки дар он солимгардонӣ гузаронида мешаванд, назорат кунанд. Дар мавриди дезактиватсияи биноҳо, ин метавонад дари махсусе бошад, ки онро танҳо корманди ваколатдор кушода метавонад. Чунин монеаҳо ва нуқтаҳои дастрасӣ бояд ба таври аниқ дар нақша ё расм нишон дода шаванд, ва воситаҳои назорати дастрасӣ бояд ба таври муфассал тасниф карда шаванд.

326. Минтақаҳо дар сарҳади майдони назоратшаванда вобаста ба хусусият ва тӯли майдонҳо афканишот ва/ё заҳролудшавии радиоактивӣ ба минтақаҳо тақсим шуда метавонанд. Ин ба мақсади амалисозии назорати шуоъхӯрии коргарон ва бартарафсозии паҳншавии олудагиҳо иҷро карда мешавад. Одатан мавзеъҳо бо олудагиҳои ченшаванда ё майдонҳои афканишоти зиёд, чун минтақаҳои назорати сатҳи заҳролудшавӣ муайян карда мешаванд. Онҳо метавонанд вобаста ба талаботҳо дар дохили ҳар як минтақа ба минтақаҳои хурдтар тақсим шаванд. Барои ҳар яке аз ин минтақаҳо барномаи муҳофизати радиатсионӣ алоҳидаи инфиродии вуҷуд дошта метавонад.

327. Ҳамаи либоси муҳофизатвӣ ва таҷҳизоте, ки барои лоиҳаи солимгардонии майдон заруранд, бояд муайян карда шаванд, ба майдон дастрас карда шаванд ва бо миқдори кофӣ дар давоми ҳамаи давраи солимгардонӣ нигаҳдорӣ карда шаванд. Ба онҳо инҳо дохил шуда метавонанд:

1) либоси оддии коргарӣ ва пойафзолди муҳофизатвӣ;
2) костюми муҳофизатии яккарата;
3) пойкаш (бахилак)-ҳои муҳофизатӣ;
4) дастпӯшакҳо (пахтагӣ ё резинӣ);
5) респираторҳо (вобаста ба шароит), мисли: ниқобҳои муҳофизат аз чанг, респираторҳои нимрӯя.

328. Воситаҳои муҳофизат ва либос, хусусан респираторҳо, бояд бо андозаи мувофиқ бошанд ва ба ҳайати коргарон бояд тарзи дурусти истифодабарии онҳо омӯзонида шуда бошад. Ҳамаи воситаҳои муҳофизати инфиродӣ бояд ба таври зарурӣ нигаҳдорӣ карда шаванд.

329. Агар истифодаи воситаҳои муҳофизати инфиродӣ барои вазифаи мушаххас пешбинӣ гардида бошад, пас ҳаргуна шуоъхӯрии иловагиро, ки метавонад ба сабаби вақти иловагӣ ё ноқулаӣ (номусоидӣ) рух диҳад, ва дигар хатарҳои ғайрирадиологии иловагиро, ки ба иҷрои вазифаҳо бо истифодаи воситаҳои муҳофизати инфиродӣ алоқаманданд, ба назар гирифтан мебояд. Ғайр аз ин, интихоби либоси махсус бояд ба шароити муҳити зист мувофиқат намояд (масалан, гармо ва ё сармои ғайриоддӣ), ва таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба ҳолати ҷисмонӣ ва саломатии инсоне, ки бояд ин либосро пӯшад, равона карда шавад.

330. Бояд амалиёти дезактиватсия барои ҳам ҳайати коргарон ва ҳам барои таҷҳизоте, ки бояд аз назорат озод бошад, муқаррар карда шавад. Роҳбар оид ба бехатарии радиатсионӣ бояд аз болои дезактиватсияи самаранок назорат барад.

331. Озодкунӣ аз назоратро барои коркард ё истифодаи такрорӣ метавонанд танҳо ҳамон маводи дезактиватсиякунанда ва таҷҳизоте соҳиб шаванд, ки онҳо ба меъёрҳои муқарраркардашудаи озодкунӣ мувофиқ бошанд.

332. Дезактиватсия бояд дар минтақаҳои муайяни назорати дастрасӣ ба минтақаҳои назоратшаванда, ҳамчунин дар минтақаҳои ҷудошудаи дезактиватсия барои объектҳои

бузург ё объектҳое, ки онҳоро дар минтақаҳои назорати дастрасӣ бомуваффақият дезактиватсия кардан мумкин нест, гузаронида шавад.

333. Таҷҳизоти вазнин, ба монанди боркашҳо ва экскваторҳо, ва таҷҳизоти хурдандоза, масалан экскватори якдӯла, бояд ҳарчи давомноктар ба корҳо танҳо оид ба солимгардонӣ машғул бошанд ва дар минтақаи назорати сатҳи заҳролудшавӣ то анҷоми корҳо оид ба солимгардонӣ истанд. То кӯчониш аз минтақаи назорати сатҳи заҳролудшавӣ ба минтақаи дезактиватсия, ин таҷҳизот бояд тозакуниро дар минтақаи иҷрои корҳо гузаранд. Агар дар вақти назорат заҳролудшавии зиёдтар аз қиматҳои фонӣ ошкор гардад, ин олудагӣ бояд ба воситаи чӯтка бартараф карда шавад ё, агар зарур бошад, шӯста шавад. Маводи олудашуда бояд ҷамъ карда шуда, дар контейнер ҷойгир карда шавад ва дар минтақаи мувофиқ оид ба муомилот бо партовҳо гӯронида шавад.

334. Дар мавриди дезактиватсияи биноҳои минтақа бояд таҷҳизот барои дезактиватсия ҷудо карда шавад. Дар ин минтақа воситаҳоро барои шӯстушӯйи фишорӣ, таҷҳизоти қумфаввора ё дигар таҷҳизотро барои дезактиватсия ҷойгир кардан мумкин аст. Дар ин ҷо бояд вентилятсияи лозимӣ бо нозираки партофтҳо ва системаи муомилот бо об бо нозираки обҳои равон насб карда шавад.

335. То оғози солимгардонӣ тамоми ҳайати коргарон, ки дар майдон дар муомилот бо маводи радиоактивӣ ё маводи аз нигоҳи радиоактивӣ заҳролудшуда иштирок мекунанд, бояд омӯзиши тасдиқшударо оид ба муҳофизати радиатсионӣ гузаранд. Қайдҳои сабтшуда бо мундариҷаи омӯзиш ва рӯйхати коргаронеро, ки омӯзишро бомуваффақият гузаштаанд, бояд роҳбар оид ба бехатарии радиатсионӣ пеш барад.

336. Меъёрҳо ва қоидаҳои мансуб ба бехатарии коргарон ва аҳолӣ, бояд дар вақти ҳамаи шаклҳои дезактиватсия, рекултиаватсия ва дуркунии маводи хатарнок қатъӣ риоя шаванд.

337. Омӯзиш бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

1) принсипҳои асосии афканишоти бо алоқаманд мушахассаҳои радиологии ченшавандаи маводе, ки бо онҳо кор кардан мебояд;

2) хавфҳои асосии алоқаманд ба навъҳои афканишот, ки зимни иҷрои фаъолият оид ба солимгардонӣ дучор меоянд;

3) нишондиҳандаҳои асосии миқдорӣ ва воҳидҳое, ки дар муҳофизати радиатсионӣ истифода мешаванд;

4) принципҳои муҳофизати радиатсионӣ, бо назардошти муносибгардонии муҳофизат, ва минтақаҳои дозавӣ;

5) асосҳои муҳофизати радиатсионии амалӣ;

6) истифодаи воситаҳои муҳофизатӣ;

7) масофа, вақт, пӯшониш;

8) рафтор дар минтақаҳои нишондодашуда;

9) ҷанбаҳои дахлдори барномаи муҳофизати радиатсионӣ ва масъалаҳои алоқаманд ба вазифаи мушаххас.

338. Омӯзиш оид ба муҳофизати радиатсионӣ, ки хоси солимгардонии майдон аст, бояд инҳоро дар бар гирад:

1) тавзеҳи барномаҳои муҳофизати радиатсионӣ барои ҷузъи мушаххаси майдон ва омӯзиши расмиёти мушаххас;

2) вазифаҳои лоиҳа ва хатарнокиҳои радиатсионии алоқаманд ба ба ҳар як вазифа;

3) фаъолият оид ба муҳофизати радиатсионӣ дар вақти иҷрои вазифаҳо. Ин омӯзиш бояд истифодаи таҷҳизоти назорати радиатсионӣ барои монитринги минтақаҳои корӣ ва мониторҳои олудагии радиоактивӣ барои мониторинги мустақилона то бaромад аз минтақаи назорати радиатсионӣ дар бар гирад. Ҳар гуна омӯзиши коргарон оид ба истифодаи таҷҳизот барои назорати дозиметрӣ, мониторҳои олудагии радиоактивӣ, воситаҳои махсуси муҳофизати инфиродӣ ё ҳар гуна таҷҳизоти дигар барои мониторинг бояд намоишдиҳии таҷҳизот ва санҷиши тахассуси кормандонро дар бар гирад;

4) уҳдадории ҳайати коргарони гуногун, ки барномаи муҳофизати радиатсиониро дар вақти лоиҳа оид ба тозакунии майдон иҷро менамоянд;

5) баррасии асбобҳои махсуси радиатсионӣ, ки бояд дар лоиҳа истифода шаванд;

6) гирифтан, овехтан, ҳифз кардан ва баргардонидани дозиметрҳо. Омӯзандаҳо бояд дар бораи чӣ тавр гирифтани натиҷаҳои доза аз рӯйи нишондоди дозиметр нақл кунанд;

7) баррасии расмиёти оддии ҳаррӯза оид ба муҳофизати радиатсионӣ. Ба ин бояд намоишдиҳӣ ва санҷиши ҳуҷҷатгузоришудаи тахассус аз рӯйи овехтан, бурдан ва гирифтани воситаҳои муҳофизати инфиродӣ дохил шавад.

339. Коргарон бояд омӯзишро дар ҷойи кор дар давоми ҳамаи лоиҳаи солимгардонӣ аз ҳисоби чорабиниҳои зерин идома диҳанд:

1) ҷаласаҳои ҳамарӯза, ки дар вақти онҳо таваҷҷуҳи махсус ба хатарнокиҳои радиологӣ, меъёрҳои талабшаванда оид ба муҳофизати радиатсионӣ ва воситаҳои талабшавандаи муҳофизати инфиродӣ равона карда мешавад;

2) назорати бефосила (ва, агар зарур бошад, ислоҳи хатогиҳо)-и коргарон аз ҷониби техники радиатсионӣ ва ё роҳбар оид ба бехатарии радиатсионӣ.

340. Операторҳо бояд қайдҳоро оид ба шуоъхӯрӣ барои ҳар як коргари мувоҷеҳи шуоъхӯрии касбигардида ҳифз намояд, ва дар асоси онҳо муайян кунад, ки аз рӯйи кадом маълумот ва натиҷаҳои мониторинг ҳисоботро ирсол намудан зарур аст, кадом сатҳҳои дозаҳо бояд қайд карда шаванд, ва кадом ҳуҷҷатҳо ва қайдҳо оид ба шуоъхӯрии радиатсионӣ бояд ҳифз карда шаванд.

341. Қайдҳо оид ба дозаҳои инфиродии шуоъхӯрӣ бояд бо тарзи нодир ба коргар вобаста карда шаванд ва имкон диҳанд, ки дозаҳои шуоъхӯрии берунӣ ва дохилӣ ҷамъ карда шаванд. Қайдҳо оид ба дозаҳо бояд дар ҳолати навкардашуда нигаҳ дошта шаванд, ва бояд барои таъмини он, ки арзёбии дозаҳо дар ҳаргуна давраи мониторинг ҳарчи зудтар ба феҳристи дозаҳои инфиродӣ афтанд, расмиёт муқаррар карда шавад.

342. Феҳристи дозаҳои инфирои бояд ҳамаи дозаҳои эквивалентии баҳододашуда ё воришударо дар бар гирад. Бояд тавзеҳи ҳаргуна иштирок дар воқеаҳои ғайриоддӣ ворид карда шавад, ҳатто агар арзёбии шуоъхӯрӣ дар ин маврид гузаронида шуда набошад. Дар қайдҳо бояд сатҳи пасттарини ошкорсозӣ нишон дода шавад.

343. Роҳбарон бояд қайдҳои дахлдорро оид ба хулосаҳои барномаи мониторинги ҷойҳои корӣ пеш баранд, ки онҳо бояд ба коргарон ё, дар зарурат, намояндагони онҳо дастрас шуда бошанд. Ба қайд гирифтани маълумотҳое муҳим аст, ки онҳо:

1) риояи ҳуҷҷатҳои танзимӣро нишон медиҳанд;

2) тағйироти назарраси муҳити истеҳсолиро идентификатсия мекунанд;

3) тавзеҳи назорати дозиметрии сана, вақт, ҷой, сатҳи радиатсия, асбобҳои истифодашуда, ному насаби шахсе, ки ченгирӣ ва шарҳро гузаронидааст, доранд;

4) ҳисоботҳоро оид ба ҷойҳои корие, ки он ҷо риояи номусоиди стандартҳо ба вуҷуд меоянд, ба қайд мегиранд;

5) ҳаргуна амалиётҳои иҷрошударо ба таври муфассал тасниф мекунанд.

344. Тибқи талаботҳои танзимӣ мақомоти танзимгар бояд ҳал кунанд, ки кадом қисми қайдҳоро оид ба дозаҳо бояд роҳбар барои мақсадҳои танзимӣ ҳифз кунад, ҳамчунин муҳлатҳои ҳифзро ба ҳар яки онҳо муайян намоянд.

345. Дар чаҳорчӯби системаи идоракунӣ бояд барномаи идоракунии сифат барои хизмати дозиметрия таҳия карда шавад. Моҳият ва ҳаҷми чунин барнома таъминоти сифат бояд ба миқдори коргароне, ки мавриди назорат қарор доранд, ва бузургии чашмдошт ва эҳтимоли шуоъхӯрӣ дар ҷойҳои корие, ки дар онҳо барномаи мониторинг амалӣ карда мешавад, мувофиқат намояд.

346. Арзёбии оқибатҳои радиологии ҳаргуна садама ё ҳодисаи оқилона пешгӯйишуда бояд дар асоси идентификатсияи хатарнокиҳо бо мақсади маҳдудсозии ҳаргуна шуоъхӯрии коргарон дар майдон (то ҷойе, ки ин имконият дорад) иҷро карда шавад.

347. Ҳолатҳои садамавӣ ҳамчун оқибати садама ба вуҷуд омада метавонанд. Садамаҳо, бо эҳтимоли кулл, метавонанд хусусияти ғайрирадиологӣ дошта бошанд ва пеш аз ҳама бо зараррасониҳои ҷисмӣ алоқаманданд. Дар аксарияти садамаҳо оқибатҳо дар майдон ва омилҳои ғайрирадиологӣ афзалият доранд.

## 16. МОНИТОРИНГ ВА НАЗОРАТИ ДОЗИМЕТРИИ ҶОРӢ ДАР РАФТИ СОЛИМГАРДОНӢ

348. Барномаи мониторинг бояд барои ҷамъоварии маълумотҳо оид ба шароити ибтидоӣ то оғози солимгардонӣ, ҳамчунин маълумотҳо оид ба фони радиологӣ таҳия ва амалӣ карда шавад.

349. Барномаи мониторинги шароити ибтидоӣ то оғози ҳаргуна фаъолият оид ба солимгардонӣ барои муайян кардани шароити ибтидоии майлон зарур аст. Одатан дар ин марҳила арзёбии таъсирот бо мақсади муайян кардани он, ки шароити мавҷуда дар майдон ба ретсепторҳои гуногуне, ки онҳоро майдон ё атрофи он истифода мекунанд, чӣ тавр таъсир мерасонанд. Он бояд зарурати гузаронидани солимгардониро тасдиқ кунад ва бояд эталоне гардад, ки нисбат ба он самаранокии вариантҳои солимгардонӣ баҳордиҳӣ карда мешавад. Ин баҳодиҳӣ қисми раванди тавсифдиҳии майдон мебошад. Он ҳамчунин барои дастгирии таҳияи лоиҳаи солимгардонӣ истифода шуда, ба муайян кардани масъалаҳои ҳифзи саломатӣ ва бехатарӣ ва тӯли минтақаҳои заҳролудшуда, баҳодиҳӣ кардани навъ ва ҳаҷмҳои партовҳоро ва тартиб додани арзёбии ҳуқуқии хароҷот кӯмак мерасонад.

350. Дар доираи барномаи мониторинги ҳолати ибтидоии муҳити зист зарур аст, ки миқдори кофии иттилооти физикӣ, химиявӣ ва биологие, ки ба минтақаҳои дар натиҷаи иҷрои лоиҳа зарардида алоқаманданд, ҷамъоварӣ, баҳодиҳӣ ва тавзеҳ дода шавад. Зарур аст, ки ба таври зарурӣ ҳолатии авваларо таҳқиқ кард: геология ва геохимияи майдон, метеорология ва иқлим, сифати ҳаво, гидрогеологияи сифати об, таҳнишастаҳои обӣ, ҳаёти заминӣ ва обӣ.

351. Маълумотҳо оид ба ҳолати ибтидоии муҳити зист ва иттилоот оид ба мониторинг бояд дар доираи арзёбии таъсирот ба муҳити зист ҷамъоварӣ карда шаванд. Дар амал ин маълумотҳо бояд дар давоми ҳамаи марҳилаҳои сикли солимгардонӣ ба

таври доимӣ ҷамъоварӣ карда шаванд. Барномаи мониторинг бояд сикли ҳаётии лоиҳаи солимгардонӣ ба назар гирад ва мониторинги майдонҳоеро, ки аз рӯйи талаботҳои маълумоти ибтидоӣ, талаботҳои баистифодадиҳӣ ва талаботҳоро оид ба пӯшониш муайян карда шудаанд, фаро гирад.

352. Дар рафти иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ гузаронидани мониторинг (масалан, мониторинги манбаъ шуъохӯрӣ ва мониторинги муҳити зист) дар дохил ва атрофи майдон ё минтақае, ки дар он солимгардонӣ гузаронида мешавад, зарур аст. Ин барои тасдиқи пешбурди бехатари корҳо тибқи лоиҳаи солимгардонӣ ва иҷозати расмӣ зарур аст. Мониторинг бояд барои санҷиши он, ки амалиёт оид ба солимгардонӣ боиси ҷойивазкунӣ (мигратсия)-и зиёди заҳролудшавӣ дар минтақаҳо ва берун аз онҳо намегардад, ҳаргуна тағйирот ё шароити ғайричашмдошт дар муҳлатҳои муқарраргардида ошкор ва бартараф карда мешаванд ва дар умум талаботҳои танзимӣ риоя мешаванд, гузаронида шавад.

353. Дар зарурат барои арзёбии шуоъхӯрии касбӣ дар доираи муҳофизати радиатсионӣ гузаронидани назорати коргарон ва қувваи корӣ талаб карда мешавад. Ғайр аз он як миқдор маълумотҳои ҷамъоваришуда барои иҷрои талаботҳо оид ба назорати шуоъхӯрии касбӣ заруранд, онҳо ҳамчунин барномаи мониторинги васеътарро пурра мекунанд. Дар гузаронидани мониторинги ҷойҳои корӣ мониторинги афканишоти берунӣ, заҳролудшавии ҳаво (бо микрозарраҳо ва радон) ва заҳролудшавии сатҳро ворид мекунанд. Мониторинги ҳамарӯза дар рафти иҷрои корҳо оид ба солимгардонӣ барои нишондиҳии он, ки шароити меҳнат, бо назардошти сатҳи дозаи инфиродӣ қонеъкунанда боқӣ мемонанд ва ба дозаҳои мақсаднок мувофиқат мекунанд, амалӣ карда мешавад.

354. Хусусият ва миқёси барномаи мониторинг бояд дар рафти нақшагирии солимгардонӣ дар асоси шароити мушаххас дар майдон ё минтақа (масалан, мушаххасаҳои заҳролудшавӣ, мушаххасаҳои физикию химиявии майдон ё минтақа, хусусияти муҳити зист дар майдон (ё ҳудад) ва атрофи он ва шароити метеорологии маҳал), ҳамчунин амалиётҳои нақшагиришуда оид ба солимгардонӣ муайян карда шаванд.

355. Барномаи мониторинг бояд ҳамаи имконияти хатарнокӣ, хавфҳо ва роҳҳои шуоъхӯриро баррасӣ намояд, ва, дар зарурат, бояд дар рафти амалисозии солимгардонӣ тағйир дода шавад, масалан дар асоси тавсифа ва натиҷаҳои мониторинг. Ғайр аз ин дар барномаи мониторинг бояд устувории механикии сарбандҳои партовгоҳҳо, партофти заҳролудкунандаҳои радиологӣ ва ғайрирадиологӣ ба муҳити зист (масалан, ба обҳои зеризаминӣ, обҳои сатҳӣ), эрозияи хоки заҳролудшуда ва ҷойивазкунии шамолии чангҳои заҳролудшуда бисёр ҷанбаҳои дигар ворид карда шаванд. Мониторинге, ки то солимгардонӣ гузаронида шудааст, бояд тавре коркард карда шавад, ки ворисӣ бо фаъолият оид ба мониторинг пас аз солимгардонӣ таъмин карда шавад. Дар тартиб додани барномаи самарабахш, аҳамиятнок ва камхарҷи мониторинг моделсозии мувофиқ кумак карда метавонад.

356. Қайдҳо оид ба мониторинг ва назорат бояд дар давоми ҳамаи давраи солимгардонӣ (то амалисозии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, дар давоми он ва пас аз он) ва дар муддати давраи муайяни вақт пас аз анҷомёбии солимгардонӣ, ки давомнокии онро мақоми танзимкунанда муайян менамояд, ҳифз карда шаванд. Маълумотҳои мониторинг бояд тибқи талаботҳои танзимӣ ва мақсадҳои солимгардонӣ қайд карда

шаванд, санҷида шаванд ва баҳодиҳӣ карда шаванд, ва барои таъмини имконияти назораткунӣ ва сабукгардонии таҳлили равишҳо дар дурнамои дарозмуддат бойгонӣ карда шаванд. Ин ба арзёбии самаранокии солимгардонӣ имкон медиҳад, ки он барои идоракунии лоиҳаи солимгардонӣ ва барои қатъ гардонидани назорати танзимӣ ё дигар маҳдудиятҳо зарур аст.

357. Маълумотҳои санҷидашудаи мониторинг бояд барои робита бо ҷонибҳои манфиатдор ва, дар пайвастагӣ бо иттилооти дигар ба дастгирии тавзеҳи маълумотҳо, барои муносибгардонии доимии муҳофизат ва бехатарӣ ва навкунии амалиётҳои банақшагиришуда оид ба солимгардонӣ истифода шаванд.

358. Мониторинг бояд барои баҳордиҳии сатҳи чашмдошт ва мавҷудаи бехатарии коргарон ва аҳолии солимгардониро иҷрокунанда ва муҳофизати муҳити зист дар вақти солимгардонӣ гузаронида шавад. Мониторинг дар худ мониторинг дар рафти иҷрои солимгардонӣ дар майдон ва берун аз онро дар бар мегирад.

359. Дар раванди солимгардонӣ мумкин аст якчанд намудҳои муоина бо мақсадҳои гуногун зарур шавад (масалан, муоина оид ба тавсифдиҳии муфассали минтақа, муоина дар рафти ркултиватсия ва муоина барои тасдиқи расидан ба мақсадҳои солимгардонӣ). Намудҳо, даврият, минтақаҳои ошкорсозӣ ва номуайянии ҷоизи ҳар як муоина бояд дар лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи муайян тасниф карда шавад. Дар барномаи мониторинг бояд муқаррарот оид ба тағйироти барнома ҳангоми тағйирёбии шароити радиологӣ (хурдшавии ҳаҷми мониторинг, агар ҳолат устувор аст ва ва бо шарофати самаранокии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ шудааст), ё дар мавридҳое, ки шароити радиологӣ на онҳоеанд, ки чашмдошт буданд (калоншавии ҳаҷми мониторинг барои фаҳмиши иловагии ҳолат), пешбинӣ карда шавад.

360. Бояд расмиёти огоҳонии мақоми танзимгар, ҳамчунин, дар мавридҳои дахлдор, дигар ҷонибҳои манфиатдор оид ба шароити ғайримуқаррарии мансуб ба муҳофизат ва бехатарӣ муқаррар карда шаванд. Сатҳҳои ҳисоботдиҳӣ бояд дар асоси равиши тафриқавӣ дар мувофиқа бо ҷонибҳои манфиатдор коркард карда шаванд. Дар рафти амалисозии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ҳолатҳои ғайричашмдошт ба вуҷуд омада метавонанд, ки онҳо таҳрири фаъолияти нақшашуда, дар баъзе мавридҳо такмили лоиҳаи солимгардониро барои майдон ё минтақаи мушаххас талаб мекунанд.

361. Дар мавридҳое, ки бояд амалиётҳо оид ба муҳофизати мустақилона иҷро карда шаванд, мумкин аст арзёбии самаранокии чунин чораҳо ба воситаи барномаи мониторинг талаб карда шавад.

362. Мониторинг дар майдон бояд барои пешниҳоди иттилоот бо мақсади идентификатсия ва субукгардонии хатарнокиҳо гузаронида шавад. Бояд мониторинги ҳамаи роҳҳои шуоъхӯрии зиёд таъмин карда шавад. Мониторинг берун аз майдон бояд бо мақсади назораткунии рӯй додан ё надодани партофтҳо ба муҳити зист гузаронида шавад, агар рӯй диҳанд, пас то кадом дараҷа. Ҳамчунин барои санҷиш риояи талаботҳои танзимӣ оид ба муҳофизати аҳолӣ ва муҳити зист зарур аст.

363. Дар бисёр мавридҳо дар бойгониҳо маълумотҳои мониторинг дар майдонҳои мероси истеҳсолоти уранӣ ҳифз карда мешаванд. Ин маълумотҳоро барои кӯмак ҳангоми интихоби афзалиятҳо ва таҳияи барномаи мониторинг барои марҳилаҳои мухталифи сикли солимгардонӣ истифода кардан зарур аст.

364. Аз ибтидо барои ҳамаи майдонҳои заҳролудшуда мониторинг барои муайян кардани майдонҳои мерос ва арзёбии зарурати солимгардонӣ бо мақсадҳои зерин зарур аст:

1) муайян кардани шароити радиологӣ ва мавҷудияти олудагии пасмонда дар майдон;

2) муайян кардани мушаххасаҳои миқдорӣ ва сифатии радиоактивияти пасмонда;

3) муайян кардани он, ки радиоактивият дар майдон пасттар аз меъёрҳои муқарраргардида аст;

4) муайян кардани он, ки минтақаҳо бо фаъолнокии зиёд мавҷуданд ё не;

5) дастгирӣ ё муайян кардани зарурати корҳои минбаъда оид ба солимгардонӣ;

6) асосноккунии озодкунии майдон аз назорати танзимӣ (аз рӯйи асосҳои радиологӣ).

365. Барномаҳои мониторинг бояд барои роҳҳо дар муҳити зист (ки онҳо метавонанд ба партофтҳо берун аз майдон оварда расонанд ва ба аҳолии дар атроф қарордошта дар вақти солимгардонӣ ва баъди он таъсир расонанд), аз ҷумла барои роҳҳои ҳавоӣ, ҳамчунин барои обҳои сатҳӣ ва зеризаминӣ муқаррар карда шаванд.

366. Барномаҳои мониторинг бояд барои вазифаҳои мушаххас ва барои майдонҳои мушаххас тартиб дода шаванд ва таснифи ҷузъҳо ва параметрҳои гуногунеро, ки онҳоро назорат кардан зарур аст, дар бар гиранд. Онҳо бояд ҳамаи ҷузъҳои баҳодиҳӣ, аз ҷумла расмиёти гузаронидани муоинаҳо, интихоби намунаҳо, хизматрасониҳои таҳлилӣ, таҳлил, тавзеҳ ва идоракунии маълумотҳоро фарогир бошанд.

367. Дар асоси масъалаҳое, ки бояд дар консепсияи барномаи мониторинг аниқ карда шаванд, бояд нақшаи муфассали интихоби намунаҳо бо таснифи ҷой ва даврият муайян карда шаванд. Ҳамчунин бояд уҳдадории ҳар як озмоишгоҳи шарикӣ, ки онҳо бояд дар пешниҳоди хизматрасониҳои таҳлилӣ иштирок намоянд, ҳамчунин гурӯҳи экспертҳое, ки ба тавзеҳи маълумотҳо ва ҳисоботдиҳӣ масъул мебошанд, муайян карда шаванд.

368. Нақша бояд мавриди бозбинии даврӣ ва тасдиқи мақоми танзимгар қарор дода шавад. Ҳаҷми нақшаҳои мониторинг ва назорат бояд ба хавфҳои пасмонда ва дараҷаи номуайянии онҳо ва ба зарурати верификатсияи устувории дарозмуддати шароити радиологӣ асос карда шавад.

369. Самаранокии мониторинг дар мувофиқат бо меъёрҳои солимгардонӣ дар вақти гузаронидани солимгардонӣ аз омилҳои зерин вобаста аст:

1) фаҳмиши майдон ва шароите, ки он бояд дар муддати анҷоми солимгардонӣ ва баъди он ба даст оварда шавад;

2) донистани ҳолати ниҳоии матлуб ва меъёрҳои радиологӣ;

3) фаҳмиши номуайяниҳое, ки ба қарор оид ба нишондиҳии риояҳо алоқаманд аст;

4) интихоби усулҳои дуруст ва таҷҳизот барои мониторинг;

5) мавҷудияти расмиёти дахлдор барои гузаронидани ченгириҳо тибқи стандартҳои муқарраркардашуда;

6) баррасии мунтазами иттилооте, ки дар рафти мониторинги ниҳоӣ дар вақти солимгардонӣ ба даст меояд;

7) чораҳои ҷавобгӯйӣ ба баландшавии ғайричашмдошти сатҳҳо ё душвориҳо бо таҷҳизот;

8) мавҷудияти системаи самараноки идораи сифат;

9) аснод оид ба равишҳо ва натиҷаҳои мониторинг, ки ба хулосабарориҳо боварӣ медиҳанд.

370. Оператори майдон бояд барои иҷрои барномаи тасдиқшудаи мониторинг захира (имконият)-ҳои кофӣ дошта бошад, аз ҷумла ҳифзи маълумотҳои мониторинг, бойгоникунӣ ва идоракунии маълумотҳо дар ҳама марҳилаҳои солимгардонӣ ва иҷрои барномаҳои дахлдори мониторинг.

371. Дар мавридҳои муносиб барномаи мониторингро бояд оператор бо қувваи экспертҳои худии хуб тайёркардашуда ва озмоишгоҳи таҳлилии худӣ амалӣ намояд. Оператор ҳамаи намудҳои асосии муайянкунии таҳлилии моддаҳои заҳролудшудаи радиоактивӣ ва ғайрирадиоактивиро иҷро карда метавонад, ҳамчунин метавонад гурӯҳи коргарон барои назорати радиатсионӣ ва муоина ва коргарони масъул ба таҳлил ва идоракунии маълумотҳо дошта бошад. Дар он мавридҳое, ки оперетор ҳайати коргарон ё таҷҳизот надошта бошад, ӯ бояд экспертҳои соҳибтахассусро аз дигар озмоишгоҳҳо ё ташкилотҳо, ки таҷҳизоти зарурӣ ва таҷрибаи кофиро барои амалисозии барномаи мониторинг доранд, ҷалб намояд.

372. Озмоишгоҳҳои таҳлилӣ, ки арзёбии намунаҳоро аз майдон мегузаронанд, бояд муҷаҳҳаз ва сертификатсиядошта бошанд ва мунтазам аз санҷиши тахассус ва системаи идоракунии сифат дар рафти озмоишҳои муқоисавии байниозмоишгоҳӣ ва шаклҳои дигари назорати сифат гузаранд.

373. Барои ҳар як майдони мушаххас тартиби интихоби намунаҳо ва корҳои хадамоти таҳлилӣ бояд бо амалисозии мониторинг дар чаҳорчӯби нақша барои майдони мушаххас ҳамоҳанг бошад. Дар чунин мавридҳо ба иҷрои барномаи мониторинг мумкин аст якчанд ташкилотҳои пудратӣ ва озмоишгоҳҳои минтақавӣ ҷалб карда шаванд.

374. Барои ошкорсозӣ ва назоратбарии ҳаргуна олудагиҳои обҳои зеризаминӣ дар минтақаҳои аз майдонҳои заҳролудшуда зарардида бояд барномаи махсуси мониторинги обҳои зеризаминӣ ҷорӣ карда шавад. Ин барои ошкорсозии оқибатҳои имконпазири заҳролудшавии обҳои зеризаминӣ ва шлейфҳои заҳролудшуда, ки ба қабатҳои обдор ва чашмаҳои оби нӯшокӣ таъмир мекунанд, зарур аст.

375. Дар бисёр мавридҳо минтақаҳои партовгоҳҳо, партовҳои заҳролудшуда ва тӯдаҳои заҳролудшудаи ҷинсҳои дарунхолӣ бе ягон хел пӯшаҳои нуфузнакунанда дар асоси онҳо сохта шуда буданд. Бинобар ин таваҷҷуҳи махсус бояд ба ошкорсозии обҳои зеризаминии заҳролудшуда равона карда шавад, аз ҷумла муайян кардани самти селҳои онҳо, чуқурии хобида, гузаронандагии гидравликии қабати обдор ва дигар мушаххасаҳои мувофиқ. Ҳангоми таҳияи барномаи мониторинг бояд ин масъалаҳои мушаххас ба инобат гирифта шаванд. Аз ҷумла, бояд миқдори чоҳҳои мушоҳидавӣ барои обҳои зеризаминӣ дар майдонҳо, ҷойгиршавии мушаххаси онҳо, лоиҳаи чоҳ ва қоидаҳои интихоби намунаҳо барои майдони мушаххас муайян карда шаванд.

374. Барномаи мониторинг дар майдон бояд ҷойи мониторинги сифати обҳои сатҳиро, ки дар натиҷаи заҳиш ё ҳамроҳшавӣ ба сойҳо, кӯлҳо ва дарёҳо заҳролуд шудаанд, муайян ва муқаррар намояд.

375. Дар бисёр майдонҳои мероси уранӣ ва майдонҳои заҳролудшуда партовгоҳҳо, чоҳҳои уранӣ ва монанди инҳо ба вуҷуд омаданд, ки онҳо дар водиҳои дарёҳо ё бевосита дар нишебии водиҳо (аз ҷумла дар кӯҳҳо) метавонанд ҷойгир шаванд. Ин имконияти

берунпартофти обҳои зеризаминии заҳролудшуда, обҳои равон ва обҳои аз партовгоҳҳо ҷаҳидабароянда ё обҳои чоҳиро ба дарёҳо, кӯлҳо, сойҳо ё роҳҳои дигари обӣ зиёд менамояд.

376. Ба сабаби миқдори зиёд ва гуногуншаклии заҳролудшавиҳо, ки ба майдони заҳролудшуда алоқаманд мебошанд, бояд таҳлили скринингӣ оид ба тавсифдиҳии аввалини майдон барои муайян кардани протоколҳои мониторинг ва сатҳҳои ошкорсозӣ мутобиқ ба талаботҳои ваколатдорони мақоми танзимгар гузаронида шавад.

377. Аз таркиби реагентҳое, ки онҳо пештар барои ҷудо кардани маъданҳои урандор, коркарди маҳлулҳои радиохимиявӣ ва нейтрализатсияи пасмондаҳои истеҳсолоти уран (партовҳо) истифода шуда буданд, қатори заҳролудкунандаҳои радиологӣ ва ғайрирадиологиро дучор омадан мумкин аст, аз ҷумла: хлоридҳо, сулфатҳо, карбонатҳо, аммоний, фосфатҳо, нитратҳо, ҳамчунин заҳролудкунандаҳое, ки фенолҳо, фторидҳо, карбогидратҳои полихлорандудашуда ва ғайра. Онҳо дар марҳилаи тавсифдиҳии мақоми майдон ва таҳлили маълумотҳои таърихии мансуб ба технологияҳои истеҳсолии татбиқшаванда ошкор карда мешаванд. Моддаҳои заҳролудкунандае, ки аз маъдангоҳҳо ворид мешаванд, инҳо мебошанд: Mo, Ba, Cd, Cu, Cr, Fe, Ni, Mn, Zn, Se, V ва дигар металлҳои вазнин.

378. Мониторинг бояд тавассути асбобҳо ва таҳлилҳое гузаронида шавад, ки имконияти кофии ошкорсозиро барои нишон додани риояи меъёрҳои муқарраршудаи бехатарӣ барои вазифаи мушаххас доранд. Барои амалисозии барномаи мониторинг ва таҳқиқоти ҷорӣ мавҷудияти таҷҳизоти коршоям ва калибровка кардашуда ва ҳайати коргароне зарур аст, ки корро бо таҷҳизот ва гузаронидани тавзеҳдиҳӣ (интерпретатсия)-и натиҷаҳо омӯхтаанд. Расмиёти калибровкаи таҷҳизоти намунаинтихобкунӣ ва ченгирӣ, ки дар доираи системаи идоракунӣ коркард шудаанд, ва қайдҳо оид ба калибровка, бояд барои таъмин ва нишондиҳии пуррагии маълумотҳои мониторинг ҳифз карда шаванд.

## §1. Барномаи санҷишӣ

379. Барои санҷиши ҳолати ҷисмӣ ва пуррагии солимгардонии майдон ва объектҳои он оид ба муомилот бо партовҳо (пасмондаҳо), бо назардошти ҳар гуна тағйирот дар заминистифодабарӣ, ки метавонад ба лоиҳаи солимгардонӣ таъсир расонанд, оператор ва танзимгарон бояд методикаи санҷишӣ ва мониторингро истифода кунанд.

380. Иттилоот ва ҳисоботҳое, ки аз рӯйи натиҷаҳои барномаи мониторинг ва санҷишӣ ба даст омадаанд, бояд барои арзёбии таъсироти имконпазири фаъолияти амалӣ оид ба идоракунии бехатарӣ дар майдон истифода шаванд. Дар зарурат онҳо барои коркард, амалисозӣ ва татбиқи воситаҳои назорат ҷиҳати кам кардани таъсироти номусоид ба муҳити зист истифода шуда метавонанд.

381. Иттилооте, ки бояд дар чаҳорчӯби барномаи санҷишии техникӣ ҷамъоварӣ карда шавад, асос барои арзёбии бехатарӣ ва санҷишии танзимии майдони мероси уранӣ мебошад. Он дастгирии ҳолати ниҳоии бехатарро таъмин менамояд.

382. Барномаҳои санҷишӣ бояд тавре ташкил карда шаванд, ки онҳо ҷанбаҳои зеринро дар бар гиранд:

1) намуд ва даврияти санҷишӣ;
2) расмиёти санҷишӣ;
3) мазмуни стандартии нозироти техникӣ ва рӯйхати назоратӣ барои арзёбиҳо;

4) оқибатҳои эрозияи обӣ;
5) пуррагӣ (комилӣ)-и сарбандҳои сангӣ ва сохторҳои ба онҳо алоқаманд;
6) пуррагии тӯдаи партовҳо (партовтӯдаҳо), наҳрҳо ва пӯшаҳо;
7) ҳайвоноти заминков
8) таъсири ҳайвони хонагӣ ба майдон;
9) таъсири ҳодисаҳои сейсмикӣ, ярч ва селҳо.

383. Барномаҳои санҷиширо бояд ҳайати кормандони аз ҷиҳати техникӣ омодакардашудаи оператор, ҳамчунин нозирон (инспекторҳо), ваколатдорони мақомоти танзимӣ таҳия намоянд, ва онҳоро мақомоти танзимӣ тасдиқ намояд.

384. Дар ҳисобот оид ба назоратбарии майдон ворид намудани як қатор масъалаҳо тавсия карда мешавад, аз ҷумла:

1) хулоса оид ба мутобиқат;
2) талаботҳо оид ба мутобиқат;
3) назорати ниҳодӣ (институтсионалӣ);
4) натиҷаҳои санҷишӣ (махсусияти санҷишӣ ба майдон, аснод, дастрасӣ ба майдон, роҳхо, иҳотаҳо, аломатҳо, чоҳхои мушоҳидавӣ, хоначаҳо барои гӯрониш, нишебиҳо, наботот ва монанди инҳо);
5) хизматрасонӣ ва таъмир;
6) солимгардонии идомаёбанда ва дигар фаъолият дар майдон;
7) мониторинги обҳои рӯйизаминӣ, сатҳӣ ва зеризаминӣ;
8) чорабиниҳои таҳриркунанда;
9) суратҳо.

385. Бояд сиёсати идоракунии маълумотҳо ва маҷмуи расмиёт муқаррар карда шаванд, ки онҳо мақсадҳои стратегии дарозмуҳлат ва принсипҳои роҳбарии идоракунии маълумотҳоро аз рӯйи ҳама ҷанбаҳои лоиҳа, муассиса ва ташкилот муайян мекунанд. Нақшҳои аниқ муайянкардашуда ва уҳдадориҳои онҳое, ки бо маълумотҳо кор мекунанд, хусусан, воридкунандаҳо, соҳибон ва ҳифкунандагони маълумотҳо бояд ба расмиёти тасдиқшудаи сифати маълумотҳо (масалан, таъмини сифат, назорати сифат) дар ҳамаи марҳилаҳои идоракунии маълумотҳо мутобиқат дошта бошанд. Ба онҳо ворид мешаванд:

1) расмиёти муайянкардашудаи навкунии инфрасохтори системаи иттилоотӣ (воситаҳои техникӣ, таъминоти барномавӣ, форматҳои файлҳо, ҳомилони иттилоот), нигаҳдории маълумотҳо ва усулҳои нусхабардории эҳтиётӣ ва худи маълумотҳо);
2) тафтиши доимии маълумотҳо барои назорати истифода ва арзёбии самаранокии усулҳои идоракунӣ ва пуррагии маълумотҳои мавҷуда;
3) нақшаи нигаҳдорӣ ва бойгоникунии маълумотҳо ва санҷишгузаронии ин нақша (барқарорсозӣ ва ҳолатҳои садамавӣ);
4) равиши доимӣ ва рушдкунанда ба бехатарии маълумотҳо бо истифодаи назорати бисёрсатҳа барои коҳиш додани хавфҳо барои маълумотҳо;
5) баёни аниқи меъёрҳо барои дастрасӣ ба маълумотҳо ва, дар мавридҳои мувофиқ, ба иттилоот оид ба ҳаргуна маҳдудиятҳои ба маълумотҳо татбиқшаванда барои назорати дастрасии пурра, ки он метавонад ба истифодаи онҳо таъсир расонад;
6) маълумотҳои аниқ ва ҳуҷҷатгузоришудаи чопшуда, ки онҳо барои истифодабарӣ ба истифодакунандагон бо расмиёти пайдарпайи дастраскунӣ дастрас ва коршоям мебошанд.

§2. Мониторинги ҷамъбастӣ ва мониторинги пас аз гузаронидани солимгардонӣ

386. Пас аз анҷоми амалиётҳо оид ба солимгардонӣ оператор масъул ба иҷрои онҳо бояд бо мақсади нишон додани риояи шароити нуқтаи ниҳоӣ, ки дар нақшаи амалиётҳо оид ба солимгардонӣ муқаррар карда шудаанд, муоинаи радиологӣ гузаронад.

387. Ин шароити нуқтаи ниҳоӣ бояд бо меъёрҳои дахлдори нуқтаи ниҳоӣ, ва дар ниҳояти кор, бо меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ барои санҷиши самаранокии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ алоқаманд бошад. Натиҷаҳои ин муоина бояд барои муайян кардани он истифода шаванд, ки мақсадҳои гузошташудаи солимгардонӣ ба даст оварда шуданд, ва ё ҳоло ҳам амалиётҳои иловагӣ заруранд.

388. Натиҷаҳои муоинаи радиатсионӣ, ки ҳолати ниҳоии минтақа ё бинои солимгардонишударо нишон медиҳанд, бояд қайд карда шаванд ва ба ҳисобот оид ба анҷомёбии ин корҳо ворид карда шаванд. Ба ин гамма-расмгирӣ, таҳқиқи олудагӣ, натиҷаҳои интихоби намунаҳои ҳаво ва натиҷаҳои интихоби намунаҳои хокҳо ва обро ворид кардан мумкин аст.

389. Ҳаҷми нақшаҳои мониторинг ва санҷишӣ бояд ба хавфҳои алоқаманд ба ҳолат, бадараҷаи номуайянии онҳо ва ба зарурати верификатсияи устувории дарозмуддати шароити радиологӣ ва дигар шароит асос ёфта бошад. Барномаҳои мониторинг ва санҷишӣ бояд ба ҳолати мушаххас мутобиқ гардонида шуда, интихоб ва таҳлили намунаҳои хок, об, ҳаво, набототу ҳайвонот, аз ҷумла маҳсулоти ғизоӣ, заҳролудкунандаҳои радиологӣ ва ғайрирадиологӣ, ҳамчунин ченгирии тавоноии гамма-доза, ва дар баъзе мавридҳо, агар ин мувофиқи мақсад דониста шавад, мониторинги инфиродиро (масалан, тамоми бадан) фаро гирифта метавонанд.

390. Қарор нисбат ба барномаҳои мониторинг ва санҷишӣ бояд дар лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас ҳуҷҷатгузорӣ карда шуда бошад. Натиҷаҳои барнома низ бояд ҳуҷҷатгузорӣ карда шаванд ва барои ҷонибҳои манфиатдор бо мақсади ноил гадидан ба боварии ҷамъиятӣ ва дастгирии он осон дастрас бошанд.

391. Оператор ё дигар ташкилоти ваколатдор, ки ба идоракунии майдон пас аз солимгардонӣ масъул аст, бояд дар муддати давраи вақти муқарраркардаи мақоми танзимгар ё дигар мақоми масъул, барномаи дахлдори мониторингро барои санҷиши самаранокии дарозмуддати амалиётҳои иҷрошуда оид ба солимгардонӣ дар минтақаҳое, ки дар онҳо амалисозии назорат баъд аз солимгардонӣ талаб карда мешавад, таҳия намояд ва дастгирӣ кунад.

392. Барои мақсадҳои мониторинг пас аз солимгардонӣ ба мувофиқатии меъёрҳо ва мақсадҳои солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас, табдил додани ин меъёрҳо ба воҳидҳои ченшавандаи мувофиқ ба асбобҳои интихобшудае, ки онҳо дар вақти мониторинги ниҳоии солимгардонӣ истифода мешаванд, муҳим аст, зеро дозаи самараноки солона барои намояндаи гурӯҳи бӯҳронӣ бузургии ченшаванда намебошад. Ҳамин тариқ, меъёрҳои солимгардонии майдони мушаххас ё меъёрҳои озодкунии майдон бояд ба даст оварда шаванд ва бо бузургиҳои ченшаванда, сигналҳои таҳлилӣ (адади импулсҳо дар як дақиқа), консентратсияҳои фаъолнокии хоси радионуклидҳо (масалан, Бк/г ё Бк/кг) барои таҳлили намуна, сатҳҳои фаъолнокии сатҳӣ (масалан, Бк/см$^2$ ё Бк/м$^2$) ё фаъолияти пурра (Бк) ифода карда шаванд.

393. Хусусияти майдонҳои мероси уранӣ имкони заҳролудшавии онҳо ва таъсироти мувофиқи металлҳои ғайрирадиоактивӣ, мисли As, Ba, Cd, Cu, Cr, Fe, Ni, Mn, Pb, Se, V, Zn ва ғайра ба муҳити зист мебошад, ки онҳо бояд мувофиқи имконият ошкор ва дар муҳити зист назорат карда шаванд. Дар ин маврид ҳангоми таҳияи стратегияи мониторинг бояд ба таври иловагӣ меъёрҳои экологӣ барои заҳролудкунандаҳои ғайрирадиологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

394. Дар мавриде, ки агар баъд аз солимгардонӣ майдон бо гузашти вақт барои истифодаи маҳдуд озод мегардад, эҳтимол дорад, ки мониторинги иловагии танзимӣ дар муддати зиёдтари вақт барои боварӣ ҳосил кардан ба он, ки ҳолати майдон қобили қабул боқӣ мемонад, талаб карда шавад. Барномаҳои мониторинги дарзмуддат ва санҷишӣ дар чаҳорчӯби механизми назорати ниҳодӣ (институтсионалӣ) барои муайян кардани талабот ба хизматрасонии техникии иншоот ва минтақаҳое, ки зери назорати дарозмуддати ниҳодӣ қарор доранд, таҳия карда мешаванд. Ин барои тасдиқ кардани он, ки воситаҳои муҳандисию техникӣ вазифаҳои худро дуруст иҷро мекунанд ва ба вуҷудоии ҳаргуна партофтҳоро ба қайд мегиранд, зарур аст.

395. Барномаи мониторинги дарозмуддат ва санҷишӣ бояд баъди анҷоми солимгардонӣ амалӣ карда шавад:

1) барои санҷиши устувории дарозмуддати шароити шуоъхӯрӣ;

2) барои нишон додани он, ки тавсифдиҳии майдон аз нуқтаи назари хусусият, миқдор ва тақсимоти радиоактивияти пасмонда мутобиқ ва хеле хуб буд;

3) барои нишон додани он, ки ҳаргуна олудагии дар майдон пасмонда пасттар аз меъёрҳои муқарраргардида қарор дорад ва барои аҳолӣ ва муҳити зист оқибатҳои зараровар надорад.

396. Барномаи зарурии мониторинг ва санҷишӣ бояд ҳамчунин барои минтақаҳои солимгардонишудае тартиб дода шавад, ки барои онҳо назорат барои боварихосилкунӣ ба самаранокии дарозмуддати солимгардонӣ талаб карда намешавад.

397. Барномаи мониторинг ва санҷишӣ бояд мавриди бозбинии давра ба давра ва тасдиқи мақоми танзимгар қарор дошта бошад.

## §3. Ҳисоботдиҳӣ

398. Даврияти пешниҳоди ҳисоботҳо, ҳамчунин талабот ва мундариҷаи стандартии ҳисоботҳо оид ба мониторинг бояд ба талаботҳои муқарраркардаи мақоми танзимгар мувофиқат кунад.

399. Маълумотҳои барномаи мониторинг метавонанд ҷузъи муҳим дар барномаи огоҳонӣ ва таҳсилоти аҳолӣ бошад. Маълумотҳоро дар чаҳорчӯби форумҳои гуногун ва воситаҳои ахбори умум муаррифӣ кардан мумкин аст. Лаҳзаи муҳим таъмини паҳншавии саривақтии иттилоот мебошад. Маълумотҳоро ҳамчунин тариқи бюллетенҳои иттилоотӣ, тахтаи эълонҳо ва дисплейҳои иттилоотӣ, сомонаҳо, ҳамчунин дар вақти вохӯриҳои мунтазам бо ҷомеа паҳн кардан мумкин аст.

## §4. Назорати дастрасӣ (даромаду баромад) ба майдон ё минтақа

400. Барои маҳдуд кардани даромаду баромад ба майдон ё минтақа дар муддати тамоми вақти иҷрои солимгардонӣ ва, агар ин татбиқпазир бошад, то ва баъди

солимгардонӣ, бояд воситаҳои зарурии назорати даромаду баромад, ки бо хавфҳои ошкоршуда ҳамандоза мебошанд, насб ва нигаҳдорӣ карда шаванд.

## §5. Баррасии зарурати идомадиҳии солимгардонӣ

401. Агар баъди иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, ки ба нақшаи солимгардонӣ ворид карда шудаанд, меъёрҳои муқарраршудаи ҳолати ниҳоӣ ба даст оварда нашуда бошанд, ҷониби масъул бояд амалиётҳои минбаъдаро муайян намояд (масалан, мониторинги иловагӣ; тағйирдиҳии стратегияи солимгардонӣ ва ё нақшаи солимгардонӣ). Дар байни вариантҳо арзёбии мақсаднокии идомадиҳии солимгардонӣ ё озодкунии минтақа аз маҳдудиятҳо мавқеи муҳим дорад.

402. Баъд аз муайян кардани самти ояндаи амалиётҳо, ҷониби масъул пешниҳодҳоро оид ба амалиётҳои минбаъда барои тасдиқ ба мақоми танзимгар манзур менамояд. Ҳангоми тағйирдиҳии шароит ё бадастоварии иттилооти иловагӣ, ки асосноккуниро барои солимгардонии минбаъда нишон медиҳад, мебояд, ки раванди солимгардонӣ, шуруъ аз марҳилаи муайянкунии вариантҳои солимгардонӣ барқарор карда шавад.

## §6. Озодкунии минтақаҳои солимгардонишуда аз назорати танзимӣ

403. Натиҷаҳои муоинаи ниҳоии солимгардонии гузаронидашударо бояд Мақоми танзимгар барои муайян кардани мақсаднокии азодкунии майдон ё минтақа аз зери назорати танзимӣ ё дигар маҳдудиятҳо мавриди баррасӣ қарор диҳад. Бо вуҷуди ин, омилҳои дигаре низ ҳастанд, ки онҳоро низ баррасӣ кардан мебояд. Ба чунин омилҳо механизмҳои идоракунии майдон ё минтақа, мушаххасаҳои маводи пасмонда, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ, мушаххасаҳои майдон ё минтақа, демография, намудҳои фаъолияте, ки дар майдон ё минтақа амалӣ карда мешавад (масалан, майдони партофтшуда ё майдон бо объектҳои коркунанда, ки он тибқи стандартҳои амалкунанда танзим карда нашудааст), истифодаи минбаъдаи замин, чашмдоштӣ ва дарки ҷонибҳои манфиатдор, доимияти амалҳо оид ба солимгардонӣ ва хавфи номутобиқ ба стандарт ё маҳдудиятҳои оянда мансуб мебошанд.

404. Қарори ниҳоии мақоми танзимгар дар бораи он, ки чӣ тавр рафтор кард, бояд дар асоси арзёбии шуоъхӯрии минбаъдаи аҳолӣ ва нишон додани он, ки муҳофизат ва бехатарӣ муносиб гардонида шудаанд, асоснок какрда шавад (яъне, амалиёти минбаъда оид ба солимгардонӣ талаб карда намешавад).

405. Натиҷагирии имконпазири гуногуни раванди солимгардонӣ мавҷуд аст:

1) даромад ва истифодаи бе маҳдудияти майдон ё минтақа;

2) истифодаи қисме ё тамоми майдон ё минтақа бояд маҳдуд бошад ва сипас зери назорат гирифта шавад;

3) даромад ба майдон ё минтақа бояд маҳдуд бошад ва чораҳои назоратӣ нисбати онҳо андешида шавад.

## §7. Истифодаи номаҳдуд

406. Агар мақсади лоиҳаи солимгардонӣ истифодаи номаҳдуди майдон ё минтақа бошад ва ҳисоботи ҷамъбастӣ оид ба солимгардонӣ бояд шаҳодат диҳад, ки шартҳои гузошташуда риоя шуданд.

## §8. Истифодаи маҳдуд

407. Дар мавридҳое, ки агар лоиҳаи солимгардонӣ, ё агар лоиҳаи солимгардонӣ асосноккардашуда шароити зарур барои истифодаи номаҳдуди майдон ё минтақаҳо намеоварад, онгоҳ муқаррарсозии маҳдудиятҳои мушаххас нисбат ба истифодаи минбаъдаи онҳо бо дигар мақсад, гузошта мешавад. Ин маҳдудиятҳо бояд воситаҳои назоратро барои дур кардани маводи пасмонда аз минтақа ва истифодаи онҳоро бо мақсадҳои дигар, масалан, ба сифати мавод барои пошидан ба майдони солимгардонишуда ё ҷойи дигар дар бар гирад.

408. Қарор дар бораи ҷорикунии маҳдудиятҳо аз ҷониби мақоми танзимгар якҷоя бо дигар мақомоти дахлдор қабул карда мешавад. Қарори қабул карда ба арзёбии шуоъхӯрии аҳолӣ ва асосноккунии маҳдудиятҳои баррасишаванда асос меёбад.

409. Дар мавридҳое, ки агар қисми зиёди шуоъхӯрӣ ба сабаби олудагии пасмонда тариқи занҷираи ғизоӣ ба вуҷуд ояд, бояд татбиқи зидчораҳо ва маҳдудиятҳои кишоварзӣ, ки ба бартарафсозии афтидани маҳсулоти баҳрӣ ба занҷираи ғизоӣ нагиронида шудаанд, тавсияномаҳо оид ба истеъмоли оби нӯшокӣ ва/ё дигар чораҳои ба ин монанд баррасӣ карда шаванд. Ҳамчунин бояд таъсироти олудагии пасмонда ба қабатҳои обдор низ баррасӣ карда шавад. Тавсияномаҳо оид ба истифодаи чунин об барои истеҳсоли маҳсулоти ғизоӣ ва хӯрока низ баррасӣ карда шаванд.

410. Агар мақсадҳои солимгардонӣ дар натиҷаи тағйирдиҳӣ ё кам кардани саҳми роҳҳои шуоъхӯрӣ (масалан, бо роҳи насби монеаи нуфузнакунанда) ба даст омада бошанд, минтақа бояд танҳо бо маҳдудиятҳои дахлдор озод карда шавад. Ин маҳдудиятҳо дар шакли назорат ба истифодаи минтақа буда метавонанд, масалан, чораҳо барои бартарафсозии фаъолияте, ки метавонад ба самаранокии солимгардонӣ таъсир расонад.

411. Дар мавридҳои истифодаи маҳдуд барои тасдиқи самаранокии дарозмуддати солимгардонӣ, мумкин аст санҷишӣ ва мониторинги минбаъда талаб карда шавад. Аз рӯйи натиҷаҳои мониторинг мумкин аст чораҳои нави назорат ҷорӣ карда шавад ё чораҳои мавҷуда суст гардонида шавад.

## §9. Даромаду баромади маҳдуд

412. Баъд аз анҷоми амалиётҳо оид ба солимгардонӣ мумкин аст идомадиҳии маҳдудиятҳои махсус барои назорати даромаду баромади шахсони ваколатнадошта ба минтақаи солимгардонишуда талаб карда шавад. Ин дар мавридҳое имкон дорад, ки шуоъхӯриеро, ки мақоми танзимгар хеле зиёд меҳисобад, мумкин аст дар муддати нисбатан кӯтоҳи вақт ба даст ояд. Дараҷаи ҳаргуна чунин махудиятҳоро бояд мақоми танзимгар ё дигар мақомоти давлатӣ муайян намоянд. Он ба навъ ва сатҳҳои олудагии пасмонда вобаста мебошад.

413. Чораҳо оид ба назорати даромад гуногун буда метавонанд, аз ҷойгиркунии аломатҳои огоҳонанда то насби иҳотаҳо ё монеаҳои шакли мухталиф бо даромаду баромади назоратшаванда. Ҳайати коргароне, ки назорати минтақаро амалӣ менамоянд, агар он зарур шуморида шавад, бояд ваколати ҳуқуқии дасткашӣ аз даромаду баромад ба минтақаро дошта бошад.

414. Мақоми танзимгар ё дигар мақомоти дахлдор бояд давра ба давра шароитро ба минтақаи солимгардонишуда баррасӣ намояд, ва дар мавриди зарурӣ ҳар гуна маҳдудиятро тағйир ё барҳам диҳад. Дар зарурат дар рафти ин баррасиҳо бояд риояи

талаботҳо санҷида шавад ва ҷониби масъул бояд ислоҳот ё тағйирот ба иҷозатномаи расмӣ барои иҷрои онҳо ворид намояд.

## 17. ҲИСОБОТИ ҶАМЪБАСТӢ ОИД БА СОЛИМГАРДОНӢ

415. Ҷониби масъул бояд ҳисоботи ҷамъбастиро оид ба солимгардонӣ ба мақоми танзимгар пешниҳод намояд. Ин ҳисобот бояд натиҷаҳои муоинаи ҷамъбастии радиологиро дар бар гирад, ки он дастовардҳои маҳакҳои нуктаи ниҳоӣ ва маҳакҳои ҳолати ниҳоии солимгардониро нишон медиҳад.

416. Мақоми танзимгар ҳисоботи ҷамъбастиро оид ба солимгардонӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳад ва иттилооти бадастомадаро барои санҷиши хусусият, дараҷа, самаранокӣ ва давомнокии ҳамаи чораҳои назоратӣ, ки баъд аз солимгардонӣ зарур мебошанд, истифода менамояд.

### §1. Пешбурди қайдҳо ва иттилоот

417. Ҷониби масъул бояд мавҷудияти системаи ҷамъоварӣ ва пешбурди қайдҳоро оид ба амалиётҳое, ки бо мақсади ҳимоя ва бехатарӣ қабул шудаанд, таъмин намояд. Ин система бояд дар лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи муайян баён карда шавад ва тибқи лоиҳаи тасдиқшудаи солимгардонӣ иҷро карда шавад.

418. Мақоми ваколатдори давлатӣ бояд пешбурди қайдҳоро оид ба хусусият ва дараҷаи олудашавӣ (олудашавӣ); қарорҳое, ки то, дар давоми ва баъд аз солимгардонӣ қабул гардидаанд; ва иттилоотро оид ба санҷиши натиҷаҳои амалиёт оид ба солимгардонӣ, бо назардошти ҳамаи барномаҳои мониторинг пас аз анҷоми амалиётҳо оид ба солимгардонӣ таъмин намояд.

419. Қайдҳо оид ба ҳамаи корҳои дар майдон банақшагирифташудаю иҷрошуда, ҳамагуна корҳо оид ба тавсифдиҳӣ, маълумот оид ба ҳимояи радиатсионӣ, мониторинг, назорат ва вобаста ба омӯзониш бояд тибқи талаботҳои муайяншудаи танзимӣ нигаҳдорӣ карда шаванд. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар якҷоягӣ бо мақоми танзимгар бояд мазмун ва мӯҳлати нигаҳдории қайдҳоро муайян намояд. Чунин қайдҳо бояд инҳоро дар бар гиранд:

1) асос барои асосноккунӣ ва муносибгардонии муҳофизат ва бехатарӣ, ва маҳакҳои ба онҳо алоқаманди бехатарӣ, қарорҳо ва интихоби вариант(ҳо)-и солимгардонӣ;

2) натиҷаҳои баҳодиҳии бехатарӣ дар давраи солимгардонӣ ва дурнамои дарозмуддат;

3) таснифи ҳар як амалиёте, ки дар рафти солимгардонӣ иҷро мешавад;

4) идентификатсияи (муайян намудани) минтақаҳое, ки дар онҳо солимгардонӣ гузаронида шудааст, ва он минтақаҳое, ки дар онҳо сатҳи бақияи олудашавӣ, аз он ҷумла хусусият ва тӯлкашии ҳаргуна олудашавии боқимонда, ҷой дорад;

5) мушаххасоти ҳамагуна минтақаҳо, ки маҳдудшуда боқӣ мемонанд, минтақабандии онҳо ва маҳдудиятҳои татбиқшаванда;

6) маълумоти барномаҳои мониторинг ва назорат (бо назардошти номуайянии ба онҳо алоқаманд);

7) ҳуҷҷатгузорӣ оид ба навъҳо ва миқдори маводи боқимонда (аз ҷумла паротовҳои радиоактивӣ), ки дар рафти солимгардонӣ ба вуҷуд омада буданд, ҳамчунин иттилоот оид

ба муомилот бо онҳо ва ҷойгиршавии онҳо. Қайдҳо бояд иттилоотро дар бораи он, ки маводи боқимонда дар куҷо истеҳсол шуда буданд, таърихи истеҳсол, онҳо чӣ тавр коркард шуданд ё кӯчонида шуданд, ва кай ва дар куҷо онҳо нигаҳдорӣ ва/ё гӯронида шуда буданд, дар бар гиранд. Маводи боқимондае, ки аз назорати танзимӣ озод карда шудаанд (шартӣ ё ғайришартӣ), инчунин бояд ҳуҷатгузорӣ карда шаванд;

8) қайдҳо оид ба ҳифзи меҳнат ва техникаи бехатарӣ барои кормандоне, ки солимгардониро амалӣ менамоянд;

9) иттилоот оид ба усулҳое, ки барои санҷиши самаранокии амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, бо назардошти натиҷаҳои ҳамагуна мониторинг, ки бо ин мақсад мегузаронанд, истифода бурда мешаванд;

10) чорабиниҳо ва назорат баъд аз солимгардонӣ, ки бояд амалӣ карда шаванд, ва асоснокккунии онҳо дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии бехатарӣ;

11) қайдҳо оид ба арзиши солимгардонӣ ва кафолатҳои молиявӣ;

12) қайдҳо оид ба ҷалби ҷонибҳои манфиатдор;

13) ҳуҷҷатгузорӣ оид ба раванди қабули қарорҳо, аз ҷумла рӯйхати иштирокчиён ва натиҷаҳои ҳар гуна равандҳои танзимкунии низоъҳо;

14) иттилоот оид ба ҳамагуна ҷавобгарии идомаёбанда нисбат ба майдон;

15) баёни мухтасари сабақҳое, ки дар вақти солимгардонӣ ошкор карда шудаанд.

420. Иттилооти дақиқ ва пурра нисбат ба ҷойгиршавӣ, конфигуратсия, навъ ва миқдори радионуклидҳое, ки баъд аз солимгардонӣ дар майдон боқӣ мондаанд, муҳим аст ва бояд ҷамъоварӣ ва ҳифз карда шавад. Ин қайдҳоро метавонанд барои нишон додани он, ки ҳадафҳои солимгардонӣ расида шуданд, истифода бурда шаванд. Инҳо ҳамчун як заминаи ибтидоии вазъияти пас аз солимгардонӣ хизмат хоҳанд кард, ки бо оно сабтҳои назорат ва маълумоти мониторинги оянда муқоиса карда хоханд шуд. Дар мавридҳои зарурӣ ин қайдҳо барои ҷонибҳои манфиатдор дастрас буда метавонанд.

421. Мақоми танзимгар пешбурди зарурӣ ва нигаҳдории қайдҳоро барои сабти (фиксацияи) иттилооти дахлдор оид ба ҳолати шуоъхӯрӣ, раванди солимгардонӣ ва натиҷаҳои он пешбинӣ менамояд. Ин махсусан дар мавридҳое муҳим аст, ки маҳдудияти дастрасӣ ба минтақа ва фаъолияте, ки дар онҳо амалӣ шуда метавонад, ҷорӣ карда мешавад.

422. Маҷмуи пурраи қайдҳо бояд дар муддати вақти аз ҷониби мақоми танзимгар муайяншуда, нигаҳдорӣ карда шавад, бо мақсади он, ки ҷонибҳои манфиатдор тавонанд дар оянда ба иттилоот барои сабук гардонидани ҳар гуна амалиётҳои минбаъда, ки барои аз байн бурдани ҳар гуна маҳдудиятҳо, ё барои иҷрои бехатарии фаъолияти иловагӣ дар минтақа заруранд, дастрасӣ дошта бошанд. Дар ҳолатҳои зарурӣ ин ҳамчунин имконияти дар оянда аз нав дида баромадани қарорҳо ва амалҳои қабулшуда, инчунин натиҷаҳои бадастомадаро таъмин менамояд.

423. Пешбурди қайдҳо дар ҳамаи марҳилаҳои ҳаётии объект барои амалисозии бомувафаққияти равандҳои солимгардонӣ аҳамияти муҳим дорад. Махсусан ин ба қайдҳои таърихӣ зимни истифодабарӣ ва қайдҳо оид ба солимгардонӣ мансуб мебошад. Механизмҳо барои қайдҳо ва ҳифзи иттилоот дар марҳилаи солимгардонӣ бояд дар марҳилаи нақшагирӣ то оғози солимгардонӣ муқаррар карда шавад. Онҳо бояд дар доираи сохтори идораи оператор муайян карда шаванд.

424. Дар ниҳояти кор, қайдҳо бояд нишон диҳанд, ки ҳолати майдон ба таври зарурӣ бехатар аст, хавфҳо зери назорат гирифта шудаанд, таъсироти имконпазир ба муҳити зист дар айни замон ва дар оянда хеле паст мебошад, партовҳо баҳодиҳӣ, хурдҳаҷмгардонидашуда ва ба таври зарурӣ гӯронида шудаанд. Барои идоракунии қайдҳо системаи идоракунии иттилоот талаб карда мешавад.

## 18. МУОМИЛОТ БО МАВОДИ БОҚИМОНДА ВА ПАРТОВҲОИ РАДИОАКТИВӢ, КИ ЗИМНИ СОЛИМГАРДОНӢ БА ВУҶУД ОМАДААНД

425. Стратегия (нақша)-и муомилот бо партовҳо, ки дар лоиҳаи солимгардонӣ тасниф карда шудааст, бояд ҳамаи партовҳоеро, ки дар натиҷаи иҷрои фаъолияти нақшавӣ оид ба солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд, фарогир бошад. Шарҳи навъҳои партовҳо дар Замимаи 5 оварда мешавад. Ба онҳо мансубанд:

1) партовҳо аз фаъолият оид ба истихроҷ ва коркард (масалан, ҷинси дарунхолӣ, паспартовҳои ғанигардонӣ);

2) партовҳои дезактиватсия ва ё фурӯғалтонии биноҳои олудашуда (олудашуда) ва дигар ҷузъиёти инфрасохтори собиқ оид ба истихроҷ ва коркарди уран;

3) хоки олудашудашуда аз поксозии минтақаи олудашуда;

4) партовҳои сонавӣ(дуюмбора) дар натиҷаи амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ё аз ҳаргуна фаъолияти минбаъда, ки баъд аз анҷоми амалиётҳо оид ба солимгардонӣ гузаронида мешавад.

426. Дар илова бар маводи боқимонда, ки аллакай дар майдон ё минтақа воқеъ буда метавонанд (масалан, паспартовҳо ё ҷинси дарунхолӣ дар майдони мероси уранӣ), солимгардонии майдон ё минтақа, ки дар натиҷаи фаъолият ё воқеаи дар гузашта зарар дидаанд, метавонад боиси пайдошавии миқдори зиёди маводи гуногуни пасмонда гардад, ки баъзе аз онҳо ё ҳамаи онҳо метавонанд бо радионуклидҳо олуда шаванд. Моддаҳои боқимонда метавонанд зимни марҳилаҳои гуногуни раванди солимгардонӣ ба миён омада, инҳоро дар бар гиранд:

1) маводи пасмонда аз раванди технологӣ, ба моманди такшиншавӣ, карахш, қатрон барои тозакунии об, паспартовҳо, ҷинси минерализатсияшуда ё хокистар аз сӯзиш;

2) хок ва набогот аз майдон ё минтақае, ки дар онҳо солимгардонӣ гузаронида мешавад;

3) моеъҳои олудшуда, масалан, обе, ки барои дезактиватсия истифода мешавад, обҳои сатҳии олудшуда ё обҳои зеризаминии олудшуда;

4) объектҳои сатҳан заҳролудшуда, ба монанди облӯлаҳо, резервуарҳо (зарфҳои нигоҳдорӣ), таҷҳизоти вазнин, конструксияҳои пӯлодӣ, биноҳо, асбобҳо ё поршен барои тоза кардани лӯлаҳо;

5) либоси заҳролудшуда ва воситаҳои муҳофизати инфиродӣ;

6) пасмондаҳои моеъ ё сахт аз объектҳои беҳдоштӣ (гигиенӣ) ва ҷойи либоскашӣ;

7) пасмондаҳои моеъ ё сахт аз таҳлили намунаҳои майдонҳо ё минтақаҳои зарардида.

427. Майдонҳои истихроҷ ва коркарди уран, ҳамчунин инфрасохтори ба он алоқаманд, одатан бо радионуклиҳо ва эҳтимолан бо дигар унсурҳои хатарнок, ба мисли металлҳои вазнин ё пасмондаи равған олуда шудаанд. Бинобар ин, гузаронидани дезактиватсия талаб карда мешавад.

428. Стратегияи (нақшаи) муомилот бо партовҳо бояд имконияти муомилоти бехатарро бо ҳамаи партовҳо нишон диҳад ва барои ҳар як таркибаи партовҳо ва сели партовҳо бояд нақшаи муфассал ва маҳаки муомилот пешниҳод карда шавад. Стратегия (нақша) бояд аз ҷониби мақоми танзимгар ҳамчун қисме аз лоиҳаи солимгардонӣ тасдиқ карда шавад.

429. Барои камтарин (минимализатсия) кардани манипулятсияҳо бо партовҳо ва муносибгардонии системаи муомилот бо партовҳое, ки дар раванди солимгардонӣ ба вуҷуд омадаанд, ба қадри имкон бояд тавсифдиҳӣ ва ҷудо карда шаванд.

430. Муомилот бо маводи боқимонда, аз ҷумла партовҳое, ки аллакай дар майдон ё минтақа ҷойгир шудаанд, бар илова ба онҳое, ки дар вақти солимгардонӣ пайдо мешаванд, бояд тибқи талаботҳои ҳуқуқию танзимӣ ва амалияи зарурии истеҳсолӣ ба ҷо оварда шавад.

431. Партовҳои радиоактивие, ки консентратсияи баланди фаъолнокӣ доранд, ё маводи ядроӣ метавонанд амалисозии чораҳои бехатарии физикии ядроиро талаб намоянд. Ҳангоми муайян кардани вариантҳои муомилот бо чунин партовҳо, мақсад бояд аз ташкили гӯронидани ниҳоӣ дар кӯтоҳтарин муддат иборат бошад. Ин дар худ муайян кардани майдонҳои мувофиқро барои нигаҳдорӣ ва ё гӯронидан ва механизмҳои зарурии молиявиро дар доираи раванди банақшагирии солимгардонӣ дар бар мегирад.

432. Пайдошавии партовҳои иловагӣ бояд дар сатҳи максималии имконпазир бартараф карда шавад. Муомилот бо ҳамаи маводи пасмонда, ки дар раванди солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд, бояд тибқи иерархияи муомилот бо партовҳо, ки дар он бартарафсозии ба вуҷуд омадани партовҳо варианти авзалиятдошта мебошад, амалӣ карда шавад, сипас озодкунӣ аз назорати танзимӣ (агар ин имкон дошта бошад), истифодаи такрорӣ, коркарди такрорӣ, барқарорсозӣ ва (ҳамчун варианти ниҳоӣ) гӯронидани бехатар ҷараён мегирад.

433. Зимни лоиҳакашии объект ва банақшагирии фаъолият, ки дар онҳо пайдошавии партовҳои радиоактивӣ имкон дорад, бояд чораҳо оид ба бартарафсозӣ ё маҳдудсозии пайдоиши партовҳои радиоактивӣ андешида шаванд. Партовҳои радиоактивӣ аз назорати танзимӣ озод шуда метавонад, агар онҳо ба меъёрҳои озодшавӣ мувофиқ бошанд, ва обҳои шоранда, ки дар вақти амалиётҳо пайдо мешаванд, партофт шуда метавонанд, агар инро мақоми танзимгар иҷозат дода бошад. Истифодаи такрорӣ ва коркарди маводҳо баъзан чун воситаи камтарин кардани партовҳои радиоактивӣ аз фаъолият ё объект иҷро карда мешавад. Муомилоти бехатар бо партовҳои радиоактивии дигари озод набуда, партофта нашуда ё ин, ки такроран истифода нашуда, бояд дар давоми ҳамаи мӯҳлати мавҷудияти онҳо гузаронида шавад.

434. На ҳамаи маводи пасмонда, ки зимни солимгардонӣ пайдо мешаванд, ба қадре олудшуда мебошанд, ки онҳо ба муайянкунии партовҳои радиоактивӣ мувофиқ меоянд. Пайдошавии партовҳои радиоактивӣ бояд дар сатҳи минималии амалан ноилшаванда ба воситаи қарорҳо ва равандҳои мувофиқи лоиҳавӣ, ба монанди коркард ва истифодаи такрории маводҳо нигоҳ дошта шаванд. Тибқи ин принсип, мебояд, ки равишҳои марҳилавии зерин қабул карда шавад:

1) зарурати ба минимум овардани миқдори маводи пасмондаи хатарнокиашон зиёд, ки зимни солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд, бояд ба сифати яке аз омилҳои муҳим эътироф карда шавад, ки ҳангоми муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ дар марҳилаи лоиҳакашӣ

ва банақшагирии раванди солимгардонӣ ба инобат гирифта шаванд. Ин метавонад бо роҳи татбиқи меъёрҳои дахлдор (масалан, сатҳи назоратӣ, маҳакҳои ҳолати ниҳоӣ) ба хотири камтарин кардани миқдори маводи ҳосилшуда, ва бинобар ин, талаб кардани муомилоти мавод, амалӣ гардад;

2) ҳамагуна маводе, ки ба меъёрҳои озодкунӣ, истифодаи шартӣ, истифодаи ғайришартӣ, гӯронидан ё озодкунӣ аз назорати танзимӣ мувофиқат мекунанд, бояд муайян карда шаванд ва мавриди муомилоти мувофиқ карор дода шаванд;

3) ҳар гуна маводи радиоактивие, ки ба меъёрҳои озодкунӣ мутобиқат намекунад, дар мавридҳои зарурӣ бояд ба имконияти коркард, истифодаи такрорӣ ё гӯронидан дар партовгоҳҳо, эҳтимол дорад, ки дар минтақаҳои зарардида, бо роҳи муқаррар кардани сатҳҳои махсуси озодкунӣ таҳқиқ карда шавад;

4) ҳар гуна маводи радиоактивие, ки ба меъёрҳои озодкунӣ ё озодкунии махсус, мутобиқат намекунад, ва ё барои он коркард, истифодаи такрорӣ ё гӯронидан дар партовгоҳҳо мувофиқи мақсад намебошад, бояд чун партовҳои радиоактивӣ тавсиф шаванд ва мавриди муомилоти дахлдор қарор дода шавад;

5) стратегияи муомилот бо маводи пасмонда бояд бо сиёсати миллӣ ва стратегияи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ мувофиқ гардонида шавад. Зимни интихоби вариантҳои мувофиқи солимгардонӣ бояд маҳдудиятҳо ба муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ба инобат гирифта шавад. Масалан, ҳангоми муайян кардани стратегияҳои муомилот бояд вариантҳои нигаҳдорӣ ва гӯрониш, ҳамчунин мавҷудияти имконпазири навъҳои маводи пасмонда, ки қарорҳои мухталифро оид ба муомилот талаб мекунанд, баррасӣ карда шаванд.

435. Зимни нақшагирии солимгардонӣ бояд равиши комплексӣ нисбат ба муомилот бо маводи пасмонда, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ, дар ҳамаи марҳилаҳои солимгардонӣ то гӯрониш татбиқ карда шавад. Дар ин маврид бояд якчанд варианти муомилот бо маводҳо, аз ҷумла нигаҳдорӣ ва гӯрорниши маводи пасмонда дар майдони солимгардонӣшаванда баррасӣ карда шаванд.

436. Муомилот бо маводи пасмонда, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ, бояд ҳимояи кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати саломатии инсон ва таъсирот ба муҳити зист таъмин карда шавад. Хавфҳо барои саломатии инсон ва таъсирот ба муҳити зист на танҳо аз маводи радиоактивӣ, балки аз хатарнокиҳои гуногуни ғайрирадиологӣ низ ба вуҷуд омада метавонанд, ки онҳоро дар чаҳорчӯби равиши комплексӣ нисбат ба ҳимоя ва бехатарӣ пурра ба инбат гирифтан зарур аст. Дар бисёр мавридҳо хатарнокиҳои ғайрирадиологӣ метавонанд афзалият дошта бошанд, масалан дар мавриди партовҳои асбест бо сатҳи пасти заҳролудшавӣ бо тритий ё фосфогипс, бо сатҳи баланди доштани металлҳои вазнин.

437. Бехатарӣ ва бехатарии физикӣ (бо назардошти бехатарии физикии майдон ва бехатарии физикии ядроӣ) -и маводи пасмонда (аз ҷумла, партовҳои радиоактивӣ) бояд дар ҳамаи марҳилаҳои муомилот бо истифодаи равиши тафриқавӣ, ки он хавфҳои радиатсионӣ, ва дар зарурат, хавфҳои ғайрирадиологиро ба назар мегирад, таъмин карда шавад.

438. Бояд ҳаҷм ва мушаххасаҳои маводи пасмонда ва иҷрошавандагии вариантҳои гуногуни муомилот баррасӣ карда шаванд. Баъзе аз ин маводҳо метавонанд дар майдон зимни солимгардонӣ такроран истифода шаванд. Дигар маводҳо бояд гӯронида шаванд

(масалан, дар майдон, дар мавриди мавҷудияти маҳфузгоҳҳо дар майдони мерос), ё то гӯронидан дар ҳолати бехатар нигаҳдорӣ карда шаванд (дар майдон ё берун аз майдон, вобаста ба ҳолат). Дар баъзе мавридҳо нигаҳдорӣ, истифода, коркарди ё гӯронидани маводҳо дар майдон метавонад имконнопазир бошад. Дар чунин мавридҳо тавсифдиҳӣ, таҳқиқ ва интиқоли маводҳо ба ҷойи дигар барои коркард, истифодаи такрории онҳо ё барои нигаҳдории муваққатӣ ё гӯронидан дар объекти мувофиқи иҷозатшуда лозим меояд. Талабот нисбат ба интиқоли маводи радиоактивӣ дар «Қоидаҳои муомилот ҳангоми ҳамлу нақли маводи радиоактивӣ», ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2011, №599 ба қайд гирифта шудааст, муқаррар карда шудаанд. Дар баъзе мавридҳо интиқоли маводи радиоактивӣ дар шароити махсус талаб карда мешавад.

439. Бо ҳар гуна селҳои моеъҳо ё обҳои партофтшуда, ки дар рафти солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд, боят тавре муомила кард, ки заҳролудшавии онҳо рӯй надиҳад. Об бо консентратсияи моддаҳои олудкунандаи пасттар аз меъёрҳои партофт, мумкин аст бе коркард партофта шавад. Ҳамаи обҳои сатҳии олуднашуда бояд ҷудо карда шаванд ё аз олудшавӣ муҳофизат карда шаванд. Баъзе моеъҳое, ки дар раванди солимгардонӣ ҳосил мешаванд, коркардро то партофт талаб мекунанд. Ба онҳо мансубанд:

1) оби сатҳии олудшуда, ки дар натиҷаи ҷоришавӣ дар вақти корҳо оид ба солимгардонӣ пайдо шудааст;
2) оби олудшуда, ки аз қитъаҳо зимни муомилот бо партовҳо, мисли тӯдаҳои паспартовҳо партофт шудаанд;
3) оби олудшуда аз баромади обҳои зеризаминӣ;
4) оби олудшуда, ки дар натиҷаи дезактиватсия пайдо шудаанд (биноҳо, таҷҳизот, автомобилҳои боркаш).

§1. Синфбандӣ (тасниф)-и маводи пасмонда, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ

440. Дар раванди муомилот бо партовҳо, маводи пасмонда, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ, бояд барои муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ бо назардошти истифодаи имконпазири такрорӣ ва коркарди такрорӣ (шартӣ ва бешарт), муомилот пеш аз гӯронидан ва вариантҳои гӯронидан, синфбандӣ ва ба категорияҳо ҷудо карда шаванд.

441. Схемаи синфбандии маводҳо бояд сатҳи радионуклидҳо ро дар мавод ва даври нимкоҳиши онҳо, ҳамчунин хосиятҳои физикию химиявии маводҳо ва дигар хосиятҳои хатарнокро ба эътибор гирад.

442. Барои сабукгардонии муомилоти бехатар, маводҳо бояд тибқи синфбандӣ ҷудо карда шаванд. Дар мавриди пасмондаҳои радиоактивӣ бояд чораҳо барои нигаҳдории муваққатӣ, тавсифдиҳӣ, озодкунӣ ё озодкунии махсус (дар зарурат) ва гӯронидан қабул карда шаванд. Партовҳоро ба таври зерин синфбандӣ ва навъбандӣ кардан мумкин аст:

1) озодкунии ғайришартӣ;
2) озодкунии шартӣ;
3) истифодаи такрорӣ дар майдон;
4) истифодаи такрории берун аз майдон;
5) дезактиватсия;
6) коркард ва гӯронидан;
7) гӯронидан.

443. Ҳангоми муомилот бо партовҳои радиоактивие, ки дар натиҷаи амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд, барои муайян кардани варианти гӯронидан тибқи схемаи синфбандӣ, баррасӣ кардан лозим аст.

## §2. Вариантҳои муомилот бо маводи (боқимонда) пасмонда, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ

444. Дар рафти таҳияи лоиҳаи солимгардонӣ бояд истифодаи такрорӣ ё коркарди маводи пасмонда баррасӣ карда шаванд. Усули комплексие, ки дар тамоми майдон нисбат ба муомилот бо маводи пасмонда истифода бурда мешавад (масалан, истифодаи маводҳо дар сохтмони роҳҳо ё ҷудо карда гирифтани металлҳо барои коркард), метавонад хароҷоти умумиро ба солимгардонӣ кам гардонад.

445. Зимни муомилот бо маводи пасмонда, аз ҷумла партовҳои радиоактивӣ (масалан, партовҳое, ки дар раванди дезактиватсия ё солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд), имконияти мавҷударо барои нигаҳдорӣ ва гӯронидани партовҳо ба назар гирифтан лозим аст. Дар ҳама ҷое, ки имкон дорад, пайдошавии партовҳо бояд ками кам карда шавад. Дар баробари ин имконияти пайдошавии ҳаҷмҳои калони партовҳо бояд дар стратегия оид ба муомилот бо партовҳо ва лоиҳаи солимгардонӣ пешбинӣ ва баррасӣ карда шавад.

446. Ҳангоми муносибгардонии муомилот бо партовҳо, ки метавонанд зимни солимгардонӣ ба миён оянд, бояд ҷанбаъҳои гуногун баррасӣ карда шаванд, аз ҷумла:

1) муайян кардани ҳамаи намудҳои партовҳо, ки дар рафти солимгардонӣ ба вуҷуд меоянд;
2) муқаррар кардани мушаххасаҳои асосии таркибаҳои ин партовҳо;
3) муайян кардани вариантҳои асосии муомилот барои ҳар як намуди партов;
4) муайян кардани оқибатҳои ин вариантҳои гуногун барои консепсияи умумии солимгардонӣ;
5) баҳодиҳии таъсироти ин вариантҳои муомилот;
6) муқоисаи вариантҳо аз нуқтаи назари муносибгардонӣ;
7) муайян кардани консепсияи умумии муносиби солимгардонӣ.

447. Партовҳои радиоактивӣ бояд бехатар нигаҳдорӣ карда шаванд (дар зарурат, кӯтоҳмуддат), сипас онҳо бояд дар объектҳои барои категорияи ин партовҳо иҷозатдодашуда гӯронида шаванд. Қарор оид ба вариантҳои муомилот бо партовҳо бояд пешакӣ то пайдоиши маводи пасмонда қабул карда шавад. Дар он мавридҳое, ки ин имкон надорад, қарор бояд ҳарчи зудтар, пас аз пайдошавии партовҳо, қабул карда шавад.

448. Ҳангоми зарурат дар вақти навъбандӣ ва категориябанд, партовҳо метавонанд дар як ё якчанд нуқтаҳои мобайнӣ нигоҳ дошта шаванд. Одатан, барои ҳар як категорияи партовҳо мумкин аст минтақа барои нигаҳдории муваққатӣ то интиқол ба нуқтаи ниҳоии таъйиншуда талаб карда шавад. Беҳтар аст, агар чунин минтақаҳо ҳамҷавор бошанд ё на дуртар аз он ҷойҳое қарор дошта бошанд, ки партовҳо навъбандӣ карда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми корҳои борборкунӣ ва борфурорӣ ва ҳамлунақл камтар карда шавад.

449. Ҷудокунии маводи пасмонда бояд ба маълумотҳои ба таври кофӣ дақиқи тавсифдиҳӣ асос ёфта бошад, то, ки синфбандии маводҳо барои озодкунӣ ё озодкунии

махсус барои коркарди такрорӣ, истифода ё гӯрониш дар партовгоҳҳо бо мақсади кам кардани миқдори партовҳои радиоактивии ҳосилшуда, имконпазир бошад.

450. Дар мавриди зарурат аз маводи пасмонда намунагирӣ барои тавсифдиҳии хосиятҳои физикӣ, механикӣ, химиявӣ, радиологӣ ва биологии онҳо гузаронида мешавад. Дар асоси ин тавсифдиҳӣ барои муомилоти минбаъда чораҳо қабул карда мешаванд ва ба маводи пасмонда тақсим карда мешаванд, ки ба коркард ё гӯронидан мубтало мегарданд. Барои сабукгардонии муомилоти минбаъда ҳаҷмҳо ва мушаххасаҳои намудҳои гуногуни маводи пасмондаи пайдошаванда бояд ба қайд гирифта шаванд.

451. Ҷудокунии маводи пасмонда дар асоси маълумотҳои тавсифдиҳӣ барои зиёдкунии миқдори маводе, ки метавонанд такроран истифода шаванд, коркард шаванд ва гӯронида шаванд, аҳамияти махсусан муҳим доранд. Ин имкон медиҳад, ки ҳаҷми маводе, ки бо он муомилот чун бо партовҳои радиоактивӣ зарур аст, ками кам карда шавад, ва ба муайян кардани вариант(ҳо)-и зарурии муомилот кӯмак расонад. Масалан, ҷудокунии ҳаҷмҳои начандон калони хоки олудшуда аз ҳаҷмҳои хеле калони хоки олуднашуда бо мушаххасаҳои физикии ба ин монанд имкон медиҳад, ки ҳаҷмҳои калони хок дар майдон ё берун аз он такроран истифода шавад.

452. Ҳамагуна партовҳои солимгардониро, ки бо тарзи зарурӣ тавсиф ва навъбандӣ карда шудаанд, дар майдон (ё дар дигар майдони наздик) ба сифати маводи сохтмонӣ барои инфрасохтори солимгардонӣ истифода кардан мумкин аст (ҳамчун мавод барои рӯйпушкунӣ), ба шарте, ки миқдор ва хосиятҳои маводи партовҳо барои мақсадҳои таъйиншуда мувофиқ бошанд, ва ин ба нақшаи тақвимии солимгардонӣ мухолиф набошад.

453. Шуоъхӯрии иловагии алоқаманд ба истифодаи маводи сохтмонии захролудшуда бояд дар баҳодиҳии бехатарӣ баррасӣ карда шавад. Бояд ҳамаи роҳҳои имконпазири шуоъхӯрӣ, монанди пайдоиши зиёди чанги захролудшуда ҳангоми истифодаи партовҳои солимгардонӣ барои мақсадҳои сохтмон, баррасӣ карда шаванд. Истифодаи партовҳои солимгардонӣ барои чунин мақсадҳо оқибатҳои назарраси иқтисодӣ дошта метавонад.

454. Муомилот ё коркарди партовҳои моеъ, ки бо радионуклиҳо ва/ё моддаҳои зарарноки ғайрирадиоактивӣ (масалан, металлҳои вазнин, моддаҳои кислотавӣ ва органикӣ) олуда шудаанд, бояд қисме аз барномаи солимгардонӣ бошад.

455. Муомилот бо обҳои шоранда аз конҳои урандор, маҳфузгоҳҳо ё наҳрҳои олудшуда бояд ба воситаи равандҳои дахлдори физикӣ, химиявӣ ва биологӣ, пеш аз партофтани онҳо ба обҳои (ҳавзҳои) кушод, гузаронида шавад. Фаъолият оид ба солимгардонӣ (масалан, дезактиватсияи иншоот ва таҷҳизот) метавонад боиси пайдоиши миқдори иловагии моеъҳои олудшудае гардад, ки онҳо тозакуниро талаб мекунанд.

456. То партофтани оби тозакардашудаи майдони олудшуда ба муҳити зист, бояд намунаҳо гирифта шаванд. Партофтани онҳо пас аз гирифтани иҷозати мақоми ваколатдор рухсат дода мешавад, ки минтақаҳои партофтро дар асоси сатҳҳои назоратӣ ва захрнокӣ муқаррар менамояд.

457. Маҳакҳои партофтро барои объект ё фаъолият одатан чун комбинатсияи сатҳҳои баландтарини консентратсия барои радионуклидҳо ва дигар таркибаҳои зарарнок, параметрҳои химиявӣ (масалан, қиматҳои pH) ва ҳаҷмҳои партофт муайян мекунанд.

§3. Озодкунии маводи пасмонда

458. Озодкунӣ аз назорати танзимӣ нисбати маводи радиоактивӣ ё объектҳои радиоактивӣ дар чаҳорчӯби дастгоҳ ва фаъолият, дар асоси хулосаи мақоми танзимгар муайян карда мешавад.

459. Маҳакҳои озодкунӣ бояд барои муайян кардани сатҳи олудшавии пасмонда, ки нигоҳ доштани он бо назардошти истифодаи минбаъдаи минтақа (номаҳдуд ё шартан озодкардашуда) иҷозат дода мешавад, ҳамчунин намудҳо ва навъҳои инфрасохтор ё маводҳо вобаста аз имконияти техникии гузаронидани дезактиватсия муқаррар карда шаванд.

460. Партовҳо ё маводи дезактиватсиякардашуда аз фаъолият оид ба истихроҷ ва коркарди уран озод карда мешаванд, агар онҳо меъёрҳои озодкуниро қонеъ гардонида тавонанд.

461. Мақоми танзимгар барои ҳолатҳои мушаххас, ба озодкунии махсус иҷозат медиҳад. Чунин қарорҳо дар асоси критерияҳои умумӣ (дозаи инфиродӣ) бо назардошти шаклҳои физикӣ ва химиявии мавод ва истифодаи минбаъдаи пешбинишуда ё воситаҳои гӯронидан қабул какрда мешаванд. Дар чунин мавридҳо меъёрҳои озодкунӣ дар истилоҳҳои консентратсияи фаъолнокӣ дар воҳиди масса, ё фаъолнокӣ дар воҳиди масоҳат муайян карда мешаванд.

462. Консепсияи озодкунии махсуси маводро мақоми танзимгар барои истифодаи махсус татбиқ менамояд (масалан, истифодаи маводи сатҳҳои пасттари радиоактивиятдошта дар сохтмони иншоотҳои муҳандисӣ, ба мисли сарбандҳо, роҳҳо) Ин метавонад назорати доимии минтақаҳо, маҳдудиятҳо ба истифодаи минбаъдаи замин ва ё назоратро баъд аз солимгардонӣ барои сабукгардонии хавфҳои дахолат талаб намояд.

463. Дар ҷойе, ки ин амалишаванда аст, объектҳои сатҳан олудшуда бояд дезактиватсия карда шаванд, то онҳо тавонанд иҷозати озодшавиро гиранд. Барои минимизатсияи паҳншавии олудшавӣ, беҳтар аст, ки дезактиватсия дар майдон ё минтақаи солимгардонӣ гузаронида шавад. Бо олудагиҳои дуркардашуда чун бо партовҳои радиоактивии дар раванди солимгардонӣ пайдошуда муомилот кардан зарур аст.

464. Мисоли партов ё маводи озодкардашуда ҷинси тозаи дарунхолӣ ва ҷинси кушодакардашудае мебошад, ки он дар майдон дар вақти истихроҷ нигаҳдорӣ шудааст ё истифода шудааст (масалан, ба сифати маводи рӯйкашкунӣ), ва акнун аз майдон барои гӯронидан ё истифода (масалан, ба сифати маводи сохтмонӣ) тибқи меъёрҳои танзимии озодкунӣ озод карда мешавад. Дар рафти корҳо оид ба солимгардонӣ одатан пасмондаҳо пас аз фурӯғалтонӣ пайдо мешаванд, ки онҳо бояд аз минтақаи майдон берун бароварда шаванд (масалан, шағали сохтмонӣ, ки дар натиҷаи фурӯғалтонии бино ё дигар инфрасохтор пайдо шудааст, пӯлод ва дигар металлҳо, ки дар натиҷаи демонтажи ҷузъиёт пайдо шудааст). Агар ин маводҳо ба маҳакҳои озодкунӣ бо гузаронидани дезактиватсия ё бе он мувофиқат кунанд, пас онҳо аз назорати танзимӣ озод шуда метавонанд. Вобаста ба мавҷудияти имконпазири дигар моддаҳои хатарнок, ин маводро такроран истифода кардан, коркард кардан ё гӯронидан мумкин аст.

465. Баъд аз дезактиватсияи пастар аз сатҳи озодкунӣ, маводро ҳамчун партовҳои ғайрирадиоактивӣ такроран коркард ё истифода кардан ё гӯронидан мумкин аст. Шартҳо барои истифодаи минбаъдаи ҳамагуна маводи дезактиватсияшуда аз ҷониби мақоми

танзимгар дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии бехатарӣ ба таври аниқ муайян карда мешаванд.

466. Озодкунии маводи пасмонда ва таҷҳизот аз майдон ё минтақае, ки дар он солимгардонӣ гузаронида шудааст, бояд тибқи расмиёти дақиқ ва муфассал зери назорати шахси масъул оид ба бехатарии радиатсионӣ, барои таъмини санҷиши зарурии мавод ба мутобиқатӣ бо меъёрҳои озодкунӣ амалӣ карда шавад.

467. Дар чаҳорчӯби лоиҳаи солимгардонӣ бояд расмиёти махсус, ва баъзан, расмиёти ҳамафарогирандаи озодкунӣ, аз ҷумла барномаи ченкуниҳо ва гирифтани намунаҳо бо назардошти навъи мавод ва сатҳи олудшавӣ таҳия карда шавад. Агар маводҳо, моддаҳои хатарноки ғайрирадиологӣ низ дошта бошанд, ошкорсозии онҳо бояд ба барномаи мониторинги радиологӣ дохил карда шавад. Барномаи мониторинги радиологӣ бо мақоми танзимгар мувофиқ карда мешавад.

468. Расмиёти озодкунӣ маҳакҳои ҳосилавиро, ки ба маҳакҳои дозавии тасдиқшуда ё консентратсияҳои фаъолнокӣ асос ёфтаанд, дар бар гирифта метавонанд.

469. Агар пас аз дезактиватсия ягон хел маҳакҳои озодкунӣ ба даст оварда нашаванд, ва камкунии минбаъда ғайриимкон бошад, чунин мавод бояд ҳамчун партови радиоактивӣ гӯронида шавад, агар мавод ё таҷҳизот барои истифодаи шартӣ пешниҳод карда нашаванд.

## §4. Коркард ва истифодаи такрорӣ ё гӯронидани маводи пасмонда дар партоврези минтақаи зарардида

470. Коркард ва истифодаи такрорӣ ё гӯрониши маводи пасмонда дар партоврез, ки дар раванди солимгардонӣ пайдо шудаанд, бояд тибқи сиёсати миллӣ ва талаботҳои танзимӣ амалӣ карда шавад.

471. Барои минимизатсия кардани миқдори маводи пасмондаи дар раванди солимгардонӣ пайдошуда, ки онҳо муомилотро ҳамчун партовҳои радиоактивӣ талаб мекунанд, бояд ҳамаи вариантҳои оқилонаи таъминкунандаи сатҳи мувофиқи бехатарӣ зимни истифодаи такрорӣ ё коркарди такрории ин маводҳо ё зимни гӯронидани онҳо дар партоврез мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

472. Дар чаҳорчӯби коркарди такрорӣ имконияти омехтакунии дурушт ва ё ҷиддии баъзе маводҳои пасмондаро бо дигар маводҳо бо мушаххасҳои монанд (масалан, ҳамчун қисме аз маводи сохтмонӣ барои сарбандҳо, рӯйпӯшҳои роҳсозӣ ё объектҳои муҳандисии гӯрониш дар майдони солимгардонӣшаванда) барои камтарин кардани тавлидшавии партовҳои радиоактивии пастсатҳ баррасӣ кардан мумкин аст. Инро чун раванди озодкунии махсус баррасӣ кардан мумкин аст. Чунин равиш вақте баррасӣ шуда метавонад, ки он ҷо нафъ аз коркард ё истифодаи такрории маводи пасмонда мавҷуд бошад, ва агар ин дар ҳошияи муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ иҷро карда шавад.

## §5. Муомилот пеш аз гӯронидан

473. Муомилот пеш аз гӯронидан ҳамчун марҳилае муайян карда мешавад, ки он то гӯронидан амалӣ карда мешаванд, масалан коркард (яъне, коркарди пешакӣ, коркард ва бамеъёроварӣ (кондитсия)), нигаҳдорӣ ва ҳамлунақл.

474. Нигаҳдории партовҳои радиоактивӣ дар марҳилаҳои гуногуни солимгардонӣ талаб шуда метавонад: дар байни марҳилаҳои муомилот бо партовҳо, ё дар доираи ин

марҳилаҳо. Дар мавриди миқдори хеле зиёди партовҳои радиоактивӣ чунин ҷанбаъҳо, мисли хароҷот, логистика ва таъсироти зиёд ба саломатии инсон, бехатарии меҳнат ва ҳифзи муҳити зист, бисёр вақт сабаби манъ кардани интиқоли чунин партовҳо мегарданд. Бинобар ин чунин партовҳо аксар вақт дар ҷойи пайдошавӣ, масалан дар объектҳои муҳандисии сатҳӣ нигаҳдорӣ карда мешаванд.

475. Миқдори зарурӣ ва зиёди партовҳои радиоактивӣ бо консентратсияҳои имконпазири баланди фаъолнокӣ дар ҷойи пайдошавии партовҳо ё дар дигар ҷойи мувофиқ тибқи шартҳои иҷозатномаи расмӣ, ки онро мақоми танзимгар то гӯронидани ниҳоии онҳо додааст, нигаҳдорӣ карда мешаванд.

476. Агар партовҳои радиоактивӣ бояд ба мӯҳлатҳои дурудароз нигаҳдорӣ карда шаванд, пас мебояд, ки имконияти пӯсиш (таназзул, дегретатсия) -и партовҳо ё бастаи партовҳо дар давраи нигаҳдорӣ мавриди баррасӣ қарор дода шавад. Мисол, нигаҳдории дурударози маводи органикӣ, ки зимни солимгардонии минтақаҳои истиқоматӣ ё кишоварзӣ пайдо шудаанд, метавонад боиси сӯхтани худбахуд ва ё тавлиди газҳои алангагиранда гардад. Ғайр аз ин шароити обуҳаво (масалан, боронҳои сел, шамол, обхезӣ ё ярч), пӯсиши баргҳои рехта ё халтаҳои нигаҳдории партовҳо дар натиҷаи таъсири нури ултрабунафш, воқеаҳои харобиовар (масалан, заминҷунбиҳо), ҳайвоноти ваҳшӣ ва харобкорӣ (вандализм) метавонанд ба шикастан ва вайроншавии ҷойи нигаҳдории партовҳо оварда расонанд.

477. Нигаҳдорӣ набояд ба сифати қарори ниҳоӣ оид ба муомилот бо партовҳои радиоактивӣ, ки барои онҳо гӯронидани ниҳоӣ ҷиҳати таъмини бехатарӣ ва беосебӣ зарур аст, баррасӣ карда шавад. Бо вуҷуди ин, партовҳои радиоактивӣ, ки дорои радионуклидҳо бо даври нисбатан кӯтоҳи нимкоҳиш мебошанд, дар шароити бехатар то вақте нигаҳдорӣ кардан мумкин аст, ки радиоактивият то сатҳе, ки дар он мавод метавонад барои истифода ва коркарди такрорӣ озод карда шавад, ё ба сифати партовҳои ғайрирадиоактивӣ гӯронида шавад, кам нагардад. Дар саноати истихроҷи кӯҳӣ объектҳои хуб лоиҳакашишудаи паспартовӣ ва такшинӣ барои муомилоти дарозмуддат бо ҳаҷмҳои калони партовҳои пастфаъол дар шароити гузаронидани баҳодиҳии бехатарӣ мувофиқ меоянд.

478. Коркарди партовҳои радиоактивӣ қисми ҷудонашавандаи муомилот бо партовҳои радиоактивӣ мебошад. Агар технологияҳои камтаринкунандаи партовҳо ё технологияҳои дезактиватсия амалан иҷрошаванда бошанд, пас онҳо бояд дар лоиҳаи солимгардонӣ татбиқ карда шаванд ва мавриди баррасӣ қарор дода шаванд.

479. Барои маводе, ки бо онҳо чун бо партовҳои радиоактивӣ муомила кардан зарур аст, тавсифдиҳӣ боавриро ба он таъмин менамояд, ки мавод ба меъёрҳои қабули партовҳо ба варианти интихобшудаи гӯрониши партовҳо мувофиқ меояд, ва дар муайянкунии фаъолияти зарурӣ оид ба муомилот бо партовҳои радиоактивӣ кӯмак мерасонад.

### §6. Гӯронидан (хокпӯшонӣ)

480. Гӯронидан ин марҳилаи охирини муомилот бо партовҳои радиоактивӣ мебошад. Муомилот бо акасарияти намудҳои партовҳои радиоактивӣ консентратсия ва/ё маҳдуд кардани партовҳоро дар бар мегирад. Сипас партовҳо дар объекти гӯрониш бо таъмини ҷоизи бехатарӣ ва муҳофизати ҷисмӣ (физикӣ) бе мақсади ҷудо карда берун гирифтан ҷойгир карда мешаванд. Ҳангоми муайян кардани навъи муносибтари объекти

гӯрониш, ҳаҷм, шакли физикӣ, мушаххасаҳои химиявӣ ва миқдори радионуклидҳо дар партовҳои радиоактивӣ ба инобат гирифта мешаванд.

481. Дар мавриди солимгардонӣ вариантҳои зарурии гӯрониш мумкин аст дарҳол дастрас набошанд. Вале набудани вариантҳои зуди гӯронидан набояд сабаби асосӣ барои ба таъхир андохтани оғози солимгардонӣ гардад, хусусан барои майдон ва минтақаҳое, ки онҳо барои солимгардонӣ афзалиятнок интихоб шуда буданд. Дастрасӣ ва муайян кардани вақти гӯрониш ва вариантҳои нигаҳдориро ҳангоми муносибгардонии стратегияи солимгардонӣ ба инобат гирифтан лозим аст.

482. Ҳангоми гӯронидани партовҳои радиоактивӣ таваҷҷуҳро ба чунин масъалаҳо, чун мавҷудияти объекти муносиби гӯрониш ва сохтори умумӣ барои муомилоти дарозмуддат бо партовҳои радиоактивӣ равона кардан лозим аст. Зарур аст, ки қайдҳои аниқ оид ба ҷойгиршавӣ ва ғунҷоиши объектҳои гӯрониш ба роҳ монда шаванд.

483. Хатарҳое, ки аз объекти мавҷудаи гӯрониши партовҳои истихроҷ ва коркарди такрории уран ба вуҷуд меоянд, бояд баҳодиҳӣ карда шаванд ва мувофиқи имконият дар ҷояш бартараф карда шаванд.

484. Гӯрониши эҳтимолии партовҳои иловагии солимгардонӣ набояд хатарнокиҳои ба объекти мавҷудаи муомилот бо партовҳо алоқамандро зиёд намояд.

485. Ҷойи мувофиқи мақсад барои гӯрониши миқдори зиёди таркибаҳои партовҳо, объектҳо оид ба муомилот бо партовҳо (наҳрҳои маҳфузгоҳҳои паспартов, тӯдаҳои ҷинсҳои дарунхолӣ) мебошад, ки онҳо аллакай дар объекти мерос ҷойгиранд (ё дар дигар объекти мерос, дар ҳамсоягӣ ҷойгир аст). Барои майдонҳои шахтавӣ ба сифати вариантҳо барои гӯрониш конҳои кӯҳии зеризаминӣ ё кушодаконҳоро истифода кардан мумкин аст. Эҳтимол дорад, ки қисме аз партовҳо (масалан, ҷинсҳои дарунхолӣ) ба сифати маводи сохтмонӣ барои лоиҳаи рӯйпӯшкунӣ истифода карда шаванд (масалан, қабатҳои заҳбурӣ). Дар умум гӯрониши партовҳои солимгардонӣ дар объектҳои мавҷуда барои муомилот бо партовҳо ҳалли ҷоиз мебошад, зеро одатан он танҳо ба миқдори умумии инвентарӣ ба объектҳо оид ба муомилот бо партовҳо таъсир мерасонад.

486. Дар мавриди якчанд объекти ҳамҷавори мерос, ки дар он ҷо солимгардонӣ аз гӯрониш ё истифодаи партовҳои солимгардонӣ аз як майдон ба майдони дигар бурд мекунад, нақшагирии умумии солимгардонӣ барои ин майдонҳо бояд ҳамбаста бошад, то консепсияи умумӣ муносиб бошад.

487. Дар ҳар ҳолат оператор бояд асосноккунии бехатарӣ ва баҳодиҳии кӯмаккунандаро дар ҳар як марҳилаи коркарди объекти гӯрониш дар вақти истифодабарӣ ва баъди рӯйпӯшкунӣ омода ва нав кунад. Асосноккунии бехатарӣ ва баҳодиҳии кӯмаккунанда бояд ба мақоми танзимгар барои тасдиқ пешниҳод карда шаванд. Асосноккунии бехатарӣ ва баҳодиҳии кӯмаккунандаи бехатарӣ бояд ба таври кофӣ муфассал ва ҳамафарогиранда барои пешниҳоди иттилооти техникии зарурӣ ба мақоми танзимгар оид ба қарорҳои зарурӣ барои ҳар як марҳила омода шуда бошанд.

488. Ҷалби ҷонибҳои манфиатдор дар қабули қарорҳо оид ба муомилот бо пасмондаҳо баъд аз солимгардонӣ барои қабули васеи натиҷаҳои ниҳоии солимгардонӣ аз ҷониби онҳо аҳамияти муҳим дорад. Истиқоматкунандаҳои маҳаллӣ (аз ҷумла моликони замин) дар мавриде, ки агар маводи пасмонда дар майдон ё минтақа боқӣ монад, метавонанд хавотир шаванд. Бинобар ин мақоми танзимгар ё дигар мақомоти дахлдор ва

ҷониби масъул бояд барои бартарафсозии чунин хавотириҳо тавассути воситаҳои иртиботӣ (коммуникатсионӣ) ва машваратҳо чораҷӯйи намоянд.

## 19. ИДОРАКУНӢ ПАС АЗ АНҶОМЁБИИ СОЛИМГАРДОНӢ

489. Банақшагирии идоракунӣ пас аз анҷоми солимгардонӣ бояд дар марҳилаҳои ибтидоии банақшагирии худи солимгардонӣ оғоз карда шавад.

490. Дар марҳилаи идоракунӣ пас аз анҷоми солимгардонӣ масъалаҳо оид ба истифодаи минбаъдаи майдон ё минтақаҳои солимгардоннидашуда баррасӣ карда мешаванд. Мураккабии ин марҳила аз маҳдудиятҳои ҷоригардида оид ба истифодаи манбаъдаи минтақаҳои солимгардоннидашуда вобаста мебошад ва ин маҳдудиятҳо аз чӣ иборатанд. Ҳатто дар мавриди мавҷуд набудани ягон маҳдудият гузаронидани назорати давлатӣ ва мониторинг бо ҷалби ҷонибҳои манфиатдор зарур мебошад.

491. Идоракунӣ пас аз анҷоми солимгардонӣ, асосноккунӣ ва амалисозии ҳар гуна тадбирбиниҳои назоратро пас аз солимгардонӣ ва аз нав арзёбиҳои даврии самаранокӣ ва устувории амалиётҳои қабулгардидаро оид ба солимгардонӣ дарбар мегирад. Агар зимни аз нав арзёбӣ намудан муайян карда шавад, ки ҳангоми иҷрои амалиётҳо назар ба натиҷаҳои пешбинишуда, самаранокии дилхоҳ ноил гардида нашудааст, мумкин аст амалиётҳои иловагӣ талаб карда шаванд.

492. Ҳангоми зарурат бояд тадбирҳои назоратӣ пас аз солимгардонӣ амалӣ карда шавад, то ки ба самаранокии солимгардонӣ бо гузашти вақт боварӣ ҳосил карда шавад. Мониторинг ва назорат бояд, бо мақсади дар оянда истифодаи намудани минтақа, мувофиқат намояд.

493. Барои минтақаҳои дорои боқимондаи маводи радиоактивии дарозмуддат, ки дар онҳо ҳукумат барои иҷозати зиндагӣ кардан ва барқарорсозии фаъолияти ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ қарор қабул намудааст, мақоми танзимгар якҷо бо ҷонибҳои манфиатдор бояд қабули тадбирҳои дахлдорро барои назорати мунтазами шуоъхӯрӣ бо мақсади таъмини шароит барои зиндагонии устувор таъмин намояд.

### §1. Бекор кардани маҳдудиятҳо

494. Дар ҳолатҳое, ки агар тадбирҳои назоратӣ баъд аз солимгардонӣ (хусусан, барномаи мониторинг ва назорат) самаранокии дарозмуддати тадбирҳоро оид ба солимгардонӣ ва барқарорсозии хавфҳо барои саломатии инсон ва таъсироти номатлуб ба муҳити зист дар айни замон ва дарояндаи дарозмуддат тасдиқ намуданд, мақоми танзимгар ё мақомоти дигар бояд масъаларо оид ба бекор намудани баъзе ё тамоми маҳдудиятҳои дар ин минтақа татбиқ карда шудаанд, баррасӣ намояд. Ин кам кардани ҳаҷми мониторинг ва/ё назоратро фаро мегирад. Ҳамзамон баъзе намудҳои фаъолият (мисли муоинаи даврии сохторҳои муҳандисӣ аз ҷониби мутахассисон) бояд мунтазам амалӣ карда шаванд.

495. Баъд аз анҷоми солимгардонӣ барқарорсозӣ гузаронида мешавад, ки он беҳтарсозӣ, ба вуҷуд овардани муҳити зисти одамон ва дигар организмҳои зиндаро дар бар мегирад. Раванди беҳтаргардонӣ (ки аз солимгардонӣ ва барқарорсозӣ иборат аст) барои одамон солимӣ ва муҳити зисти бехатарро таъмин менамояд.

## 20. ИҶОЗАТНОМАДИҲИИ БАРНОМАҲОИ СОЛИМГАРДОНӢ

496. Раванди иҷозатномадиҳии солимгардонии майдон ва ё минтақа дар асоси моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ба фаъолияти вобаста «муомилот бо партовҳои радиоактивӣ» ва Низомнома «Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» амалӣ карда мешавад. Иҷозатнома барои солимгардонӣ ба оператор мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дода мешавад.

497. Оператори масъул нисбати банақшагирӣ, амаль намудан ва санҷиши амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, бояд таъмин намоянд, то ки:

1) нақшаи амалиётҳо оид ба солимгардонӣ (ниг. Замимаи 1) бо арзёбии мувофиқи бехатарӣ омода карда шуда, барои тасдиқ ба мақоми танзимгар ё дигар мақоми дахлдор пешниҳод карда шавад;

2) нақшаи амалиётҳо оид ба солимгардонӣ ба саривақт ва пайваста паст намудани хавфҳои радиатсионӣ ва бо мурури замон, аз рӯйи имконият, барои бекор кардани маҳдудиятҳои истифода ё дастрасӣ ба минтақа равона гардида бошад;

3) дозаҳои иловагии ашхосе аз аҳолӣ, ки дар натиҷаи амалиётҳо оид ба солимгардонӣ гирифтаанд, дар асоси нафъи ниҳоии бадастомада ва бо назардошти баррасии минбаъд паст кардани дозаи солона, асоснок шуда бошад;

4) ҳангоми интихоби варианти муносиби солимгардонӣ:

- таъсироти радиологӣ ба инсон ва муҳити зист дар маҷмуъ бо таъсироти ғайрирадиологӣ ба онҳо бо назардошти омилҳои техникӣ, ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ баррасӣ карда шуда бошад;

- арзиши интиқол ва муомилот бо партовҳои радиоактивӣ ва шуоъхӯрии радиатсионии ба он алоқаманд ва хавфҳо барои саломатии кормандоне, ки дар муомилот бо партовҳои радиоактивӣ иштирок мекунанд, ва шуоъхӯрии минбаъдаи аҳолӣ, ки ба гӯрониши онҳо алоқаманд мебошад, ба назар гирифта шуда бошад;

5) механизми огоҳонии аҳолӣ ва иштироки ҷонибҳои манфиатдор дар нақшагирӣ, иҷро ва санҷиши амалиётҳо оид ба солимгардонӣ, бо назардошти ҳар гунамониторинг баъ аз анҷомёбии солимгардонӣ татбиқ карда шуда бошад;

6) барномаи мониторинг омода ва иҷро карда шуда бошад;

7) низоми пешбурди қайдҳои дахлдор, ки ба ҳолатҳои мавҷудаи шуоъхӯрӣ ва амалиётҳои қабулгардида барои муҳофизат ва бехатарӣ мансубанд, ҷорӣ карда шуда бошад;

8) расмиёт оид ба омодакунии ҳисобот барои пешниҳод ба ақоми танзимгар ё дигар мақомот оид ба ҳама гуна шароити ғайриоддии мансуб ба муҳофизат ва бехатарӣ ҷорӣ карда шуда бошад.

498. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият» ва Талаботи мазкур ҳар як ташаббускоре, ки иҷрои ягон намуди фаъолиятро оид ба солимгардонӣ дар майдони заҳролудшуда пешниҳод менамояд, бояд аввал иҷозатномаи мақоми танзимгарро гирад, ки дар он намудҳои фаъолиятҳои иҷозатдодашуда ва маҳдудияту шартҳо ва воситаҳои назорат муайян шуда бошанд.

499. Дар зарурат ҳангоми баррасии дархост барои гирифтани иҷозатнома мумкин аст, мунтазам мубодилаи иттилоот байни мақоми танзимгар ва оператор барои муайян кардани масъалаҳои иловагӣ ва пешниҳоди маводи иловагӣ нигоҳ дошта шавад.

500. Агар мақомоти танзимгар муайян намояд, ки майдони олудашуда мавҷуд аст ва солимгардониро талаб мекунад, ташкилоти масъул ё оператори майдон бояд барои гирифтани иҷозатнома барои солимгардонии майдон дархост пешниҳод намояд, ки он бояд иттилооти тартибии дар Қоидаҳои мазкур ифодадидаро, дошта бошад.

501. Ҳангоми муқаррар намудани талабот оид ба иҷозатдиҳӣ, оператор бояд мубодилаи расмии иттилоотро бо мақоми танзимгар ё мақомоти дигар оғоз намояд. Агар майдон таҳти салоҳияти якчанд мақомоти назоратӣ қарор дошта бошад ва онҳо бояд ба раванди иҷозатномадиҳӣ ҷалб карда шаванд. Мақоми ваколатдори давдатӣ метавонад гурӯҳи корӣ ё шӯрои намояндагони ваколатдорро аз намояндагони мақомоти марбути назоратӣ барои таъмини назорати муносиби раванди солимгардонӣ таъсис диҳад.

502. Бо мақоми танзимгар бояд раванди расмӣ муқаррар карда шавад. Он бояд инҳоро дар бар гирад:

1) нуқтаҳои ягонаи иртибот барои мақоми танзимгар ва барои оператор;

2) намудҳои талабшавандаи иртибот (коммуникатсия);

3) намудҳои алоқаи зарурӣ;

4) муддати вақтбарои иртибот ва пешниҳодҳо.

503. Пеш аз оғози ҳама гуна амалиётҳои солимгардонӣ, оператор ё ташаббускори пешниҳодшуда бояд раванди арзёбии таъсир ба муҳити зистро барои муайян кардани таъсири эҳтимолӣ ба кормандон, аҳолӣ ва ба муҳити зист, анҷом диҳад ва дида баромадани хулосаҳо ва тавсияҳои арзёбии таъсир ба муҳити зистро дар раванди пешниҳоди ариза барои гирифтани иҷозатнома таъмин намояд.

504. Баъд аз муайян кардани талаботҳо оид ба иҷозатдиҳӣ, мақоми танзимгар ва оператор бояд оид ба намудҳо ва муҳлатҳои пешниҳодҳое, ки барои додани дархост ба гирифтани иҷозатнома заруранд, ба созиш (мувофиқа) оянд. Созиш ҳамчунин бояд сатҳҳои дигари протоколҳои иртибот (коммуникатсия)-ро аз ҷумла бо дигар ҷонибҳои манфиатдор муайян намояд.

505. Пайдарпаии мувaққатӣ бояд мувофиқаи давраҳои дида баромадан, инчунин талаботҳо ва вақти барои мубодилаи маълумотҳо ва ё иштироки ҷониби манфиатдорро дар раванди иҷозатномадиҳӣ, ба инобат гирад.

## §1. Оператори барои гузаронидани солимгардонӣ масъул

506. Оператори барои гузаронидани солимгардонӣ масъул бояд:

1) иҷрои корҳо, аз ҷумла муомилот бо партовҳои радиоактивии пайдошударо тибқи нақшаи солимгардони таъмин намояд;

2) масъулиятро ба ҳамаи ҷанбаҳои муҳофизат ва бехатарӣ, аз ҷумла гузаронидани арзёбии бехатарӣ қабул намояд;

3) ба таври мунтазам мониторинги ҳудудро дар вақти гузаронидани солимгардонӣ гузаронад, то ки сатҳҳои заҳролудшавиро тибқи талаботҳо оид ба муомилот бо партовҳои радиоактивӣ санҷад ва ошкорсозии ҳар гуна сатҳҳои ғайричашмдошти радиатсия ва тағйироти дахлдори нақшаи солимгардониро бо шарти аз тарафи мақоми танзимгар тасдиқ шудан ё дигар мақоми дахлдор таъмин намояд;

4) муоинаи радиологиро пас аз анҷоми нақшаи солимгардонӣ бо мақсади нишондиҳии риояи шартҳои ҳолати ниҳоӣ, ки дар нақшаи солимгардони муқаррар шудаанд, иҷро намояд;

5) ҳисоботи ҷамъбастиро оид ба солимгардонӣ омода ва нигаҳдорӣ намоянд ва нусхаи онро ба мақоми танзимгар ё дигар мақоми дахлдор пешниҳод намоянд.

507. Иҷозатнома барои солимгардонӣ мумкин аст ба оператор ё ба дархосткунанда, баъд аз иҷрои ҳамаи қисмҳои дархост барои додани иҷозатнома ва розигии мақоми танзимгар дода мешавад.

508. Барои назорати фаъоли дарозмуддати ниҳодӣ (институтсионалӣ) бояд муҳлат ва шароити ин назорат, аз ҷумла барномаҳои мониторинг ва санҷиш муайян карда шаванд.

509. Дар мавриде, ки агар ҳолати ниҳоии майдони солимгардонишуда маҳдудсозиро нисбат ба истифодаи минбаъдаи он пешбинӣ мекунад, пас бояд механизмҳо барои назорати дарозмуддати ниҳодӣ татбиқ карда шаванд.

Замимаи 1.
ба Меъёр ва қоидаҳои гузаронидани
солимгардонии минтақаҳое, ки бо маводи
радиоактивӣ олуда шудаанд

## АРЗЁБИИ ШУОЪХӮРИИ АҲОЛӢ БО МАҚСАДҲОИ СОЛИМГАРДОНӢ

1. Мазмуни Замимаи мазкур қисман ба тавсияномаҳои қисми 7-и “Мониторинги муҳити зист ва манбаъҳо бо мақсади ҳифзи радиатсия”-ии Силсилаи меъёрҳои АБНА оид ба бехатарӣ № RS-G-1.8, асос карда шудааст.

2. Арзёбии шуоъхӯрии аҳолӣ бо мақсади қабули қарор оид ба зарурати солимгардонии минтақаҳое гузаронида мешавад, ки маводи радиоактивии боқимонда и алоқаманд ба фаъолият ва воқеаҳо дар гузашта доранд. Арзёбии шуоъхӯрии аҳолӣ ҳамчунин иттилоотро оид ба муҳимияти нисбии роҳҳои шуоъхӯрӣ медиҳад, ки он дар навбати худ иттилоотро оид ба асосноккунии амалиётҳо оид ба солимгардони ва муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ зимни нақшагирӣ ва амалисозии солимгардони дар бар мегирад. Барои бартарафсозии ҷудошавии нозарури захираҳо зарур аст, ки дар дараҷаи имконпазири воқеӣ дозаҳои ҳам пешгӯйишаванда ва ҳам дозаҳои арзёбишудаи боқимонда барои «шахсони репрезентивӣ» арзёбӣ карда шавад (ниг. бандҳои 11-14).

3. Барои муайян кардани дозаҳои солонаи шуоъхӯрӣ аз сабаби маводи радиоактивии боқимонда, бояд ҳам шуоъхӯрии берунӣ ва ҳам шуоъхӯрии дохилӣ ба таваҷҷуҳ гирифта шавад. Барои арзёбӣ кардани доза танҳо аз маводи радиоактивии боқимонда, яъне аз фаъолият ё воқеа дар гузашта, бо истифодаи натиҷаҳои мониторинги муҳити зист баровардани сатҳҳои радиатсияи то солимгардонӣ мавҷуда зарур аст.

4. Дозаҳои шуоъхӯрии гирифтаи шахсони репрезентивӣ ба воситаи моделҳои математикӣ арзёбӣ карда мешаванд, ки онҳо натиҷаҳои мониторингро ба арзёбии дозаҳо табдил медиҳанд. Моделҳо бояд роҳҳои асосиеро нишон диҳанд, ки ба шуоъхӯрии аҳолӣ саҳми назаррас мегузоранд.

5. Моделҳои гуногуни арзёбии радиологӣ бо дараҷаи гуногуни мураккабият вуҷуд доранд. Дараҷаи муфассалӣ ва мураккабияти моделсозии истифодашаванда бояд бузургии дозаҳои пешгӯйишаванда, мураккабияти муҳити зист, сатҳи номуайянӣ дар пешгӯйиҳои моделҳо, маълумотҳои дастрас ё маълумотҳое, ки ба даст овардан мумкин аст, ва сатҳи хавфро дар ҷонибҳои манфиатдор инъикос намояд.

6. Мувофиқи имкон, барои санҷиши пешгӯйиҳои модел бояд маълумотҳои ченкунии консентратсияҳои фаъолнокӣ дар муҳити зист (аз ҷумла, ҳаво, хок, наботот, ҳосил, маҳсулоти ғизоӣ, об ва такшинҳо) ва ченкунии одамон (масалан, ченкунии радиоактивияти тамоми бадан барои дозиметрияи дохилӣ ва дозиметрҳои шахсӣ барои дозиметрияи берунӣ) истифода карда шаванд.

### §1. РОҲҲОИ ШУОЪХӮРӢ

7. Роҳи шуоъхӯрӣ ин роҳест, ки аз манбаи радионуклидҳо ва ё афканишот ба инсони ҳадаф (яъне, шахсони репрезентивӣ) ё аҳолӣ тавассути муҳити табиӣ меравад. Дар ҳуҷҷати мазкур роҳҳои асосии зерини шуоъхӯрии берунӣ баррасӣ карда мешаванд:

1) шуоъхӯрии берунӣ аз радионуклидҳое, ки дар замин ё дигар сатҳҳо (масалан, деворҳо, бомҳо ва фарши биноҳо) ва ё дар наботот (дарахтон, алаф) мавҷуданд ё такшин шудаанд;

2) фурӯбарии радионуклидҳое, ки дар маҳсулоти ғизоӣ (хӯрок ва оби нӯшокӣ) мавҷуданд;

3) нафаскашии радионуклиҳои муаллақ, ки дар замин ё дигар сатҳҳо (масалан, сатҳҳои биноҳо) такшин мешаванд, ва сипас дар матритсаи хок ё чанг ҷойгир мешаванд, ё радоне, ки аз олудагиҳо мебарояд.

8. Муҳимияти роҳҳои гуногуни шуоъхӯрӣ вобаста аст аз:

1) хосиятҳои радиологиии маводи афкандашуда (масалан, альфа-, бета- и гамма-афканандаҳо, даври нимкоҳиш);

2) хосиятҳои физикӣ ва химиявии маводи радиоактивӣ ва мушаххасаҳои ҷойивазкунӣ (мигратсия)-и онҳо;

3) механизмҳои дисперсия и мигратсияи майдони мушаххас ва омилҳои таъсиркунанда, мисли шароити метеорологӣ ва мушаххасаҳои муҳити зист, иқлим ва навъи наботот);

4) макони истиқомат (дар бино, дар кӯча), ҳамчунин тарзи ҳаёти шахсон ё гурӯҳи аҳолии шуоъхӯрда.

9. Дар ҳолатҳои шуоъхӯрии мавҷуда, роҳҳои шуоъхӯрӣ одатан нисбатан хуб муайян карда шудаанд ва гумон аст, ки зуд тағйир ёбанд. Шуоъхӯрии берунӣ ва фурӯбарии маҳсулоти кишоварзӣ, маҳсулоти табиии ғизоӣ ва/ё оби нӯшокӣ, ки радионуклид доранд, саҳмгузорони асосӣ дар шуоъхӯрии аҳолӣ мебошанд.

10. Сатҳҳои тавоноии дозаи амбиентӣ бо гузашти вақт дар натиҷаи равандҳои дар банди 15 таснифшуда паст мешаванд. Ғайр аз ин, муҳимияти болоравии сонавӣ ва, бинобар ин, роҳҳои нафаскашӣ бо гузашти вақт кутоҳ мешавад. Бо вуҷуди ин, бояд ба истифодаи имконпазири минбаъдаи замин дар майдоне, ки он метавонад шароит ва бузургии шуоъхӯрӣ (ва муҳимияти нисбӣ) -ро барои роҳҳои гуногун тағйир дода метавонад, таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

## §2. ГУРӮҲҲОИ ШУОЪХӮРӢ

11. Дар банди 5.8 «Муҳофизати радиасионӣ ва бехатарии манбаъҳои афканишот: Меъёрҳои асосии байналмиллалии бехатарӣ» -ии Силсилаи меъёрҳои АБНА оид ба бехатарӣ Қисми 3 гуфта мешавад: «Сатҳҳои референтӣ, одатан, дар намуди дозаи самараноки солона барои шахси репрезентативӣ ифода карда мешаванд». Шахси репрезентивӣ ин шахси алоҳидаи дозагиранда аст, ки барои шахсони бештар шуоъхӯрда дар оммагардонӣ ваколатдор мебошад. Комиссияи байналмиллалии оид ба муҳофизати радиатсионгӣ (КБМР) роҳнаморо пешниҳод кард, то дар муайянкунии шахсони репрезентивӣ кӯмак намояд.

12. Шахси репрезентивиро барои солимгардонии майдон ё минтақаи мушаххас мебояд ба таври ҷиддӣ интихоб намуд. Дар мавридҳои зарурӣ таваҷҷуҳи муҳим бояд ба гурӯҳҳои аҳолӣ бо одатҳои махсус равона карда шавад. Тарзи ҳаёти онҳо ва одатҳо (масалан, аз нуқтаи назари истеъмоли ғизо ва об) метавонад роҳҳои шуоъхӯрӣ ва сатҳҳои шуоъхӯриеро, ки дар арзёбии пешакӣ пешбинӣ нагардида буданд, ба пеш оранд.

13. Гурӯҳҳои гуногуни «бештар шуоъхӯрда» -и одамон барои роҳҳои гуногуни шуоъхӯрӣ вуҷуд дошта метавонанд ва баъзе шахсон метавонанд аъзои бештар аз як чунин гурӯҳ бошанд. Дар ин маврид шахси репрезентивӣ бояд дар асоси ҷамъи ҳисобии дозаҳо тариқи ҳамаи роҳҳои шуоъхӯрӣ муайян карда шавад, ки онҳоро сипас бо сатҳи назоратӣ муқоиса кардан мебояд.

14. Ҳангоми ҳисобкунии дозаҳо барои шахси репрезентивӣ мебояд, ки маълумотҳо оид ба тарзи воқеии ҳаёт ва одатҳо истифодамкарда шаванд. Ин имкон медиҳад, ки арзёбии воқеии дозаҳо гузаронида шавад, ки он ба сифати асос барои қабули қарор оид ба амалиётҳои солимгардонӣ истифода шуда метавонад, ва раванди муносибгардонии ҳимоя ва бехатариро таъмин менамояд, ки ин дар навбати худ ҷудокунии мутобиқ ва зарурии захираҳои инсонӣ ва молиявиро таъмин менамояд. Одатҳое, ки барои муайян кардани шахсони репрезентивӣ истифода мешаванд, бояд онҳое бошанд, ки ба қарибӣ мушоҳида шудаанд ё дар айни замон дар аҳолӣ мушоҳида мешаванд, ва ё онҳое, ки оқилона пешбинӣ кардан мумкин буд, бо назардошти истифодаи чашмдошти замин дар оянда. Ҳангоми муайян кардани одатҳои шахси репрезентивӣ бояд ҳамаи гурӯҳҳои синнусолӣ, ки ҳузур доранд, ё, эҳтимолан, дар замин ҳозир мешаванд, ба назар гирифта шаванд.

## §3. Шуоъхӯрии берунӣ

15. Одатан, дозаи шуоъхӯрии берунии шахсони репрезентивӣ дар ҳолатҳои шуохӯрии мавҷуда бояд дар асоси маълумотҳои ченкунии тавоноиҳои дозаи амбиентӣ (ки дар натиҷаи тавсифдиҳӣ ва мониторинги майдон ё минтақа ба даст оварда шудаанд) ва модели оддии ҳисобӣ муайян карда шавад. Чунин ҳисобҳо бояд инҳоро ба назар гиранд:

1) фаъолияти инсон, масалан модели рафтори инсон, аз ҷумла тағйироти мавсимӣ;
2) худмуҳофизатӣ (экранироні) аз биноҳо;
3) кам кардани тавоноии дозаи амбиентӣ аз ҳисоби коҳиши радиоактивӣ, мигратсияи радионуклидҳо ба қабатҳои амиқтари хок ва талафоти фаъолнокӣ аз сатҳҳо аз ҳисоби бодхӯрдашавӣ;
4) ҳамбастагӣ байни дозаи ченшудаи гамма-афканишот дар ҳаво ва дозаи самаранок;
5) тағйироти мавсимии параметрҳои дахлдор.

16. Чун қоида, ба намояндагони аҳолӣ, ки дозаҳои баландтарро аз шуоъхӯрии берунӣ дар ҳолатҳои шуоъхурии мавҷуда мегиранд, шахсоне мансубанд, ки асосан дар ои кушод кор мекунанд (одамоне, ки дар ҷангал ва майдонҳо кор мекунанд, чӯпонҳо), ва одамоне, ки дар биноҳои якошёна ё дуошёнаи аз маводи сабук сохташуда (масалан, аз чӯб) зиндагонӣ мекунанд. Арзёбии вақти будубоши хоси чунин одамон дар биноҳо, ва ҳам дар ҳавои кушод, дар ҷойҳои гуногун ва фаслҳои гуногуни сол, бояд бо роҳи гузаронидани сӯҳбатҳои шахсӣ ба даст оварда шавад.

17. Натиҷаҳои ченкунии тавоноии доза дар ҳавои кушод ва дар биноҳои дар ҷойҳои гуногун воқеъгардида, ки дар он ҷо одатан шахсони репрезентивӣ қарор дорад, метавонанд бевосита барои арзёбии дозаҳои шуоъхӯрии берунӣ истифода шаванд. Барои муайян кардани саҳми манбаи мушаххаси афканишот ё радионуклид гамма-спектроскопия дар ҷойи ченкунӣ татбиқ шуда метавонад.

18. Ба сифати алтернативаи маълумотҳои ченкунӣ барои арзёбии дозаҳо аз шуоъхӯрии берунӣ, сатҳҳои такшинии радионуклидҳои мушаххасро дар замин истифода

кардан мумкин аст. Дар зарурат ин дозаҳоро ба қиматҳои тавоноии дозаи амбиентии хок ё сатҳҳои сахт (масалан, асфалт ё бетон) ба воситаи коэффисиентҳои табдилот барои радионуклидҳои мушаххас табдил додан мумкин аст. Дозаҳое, ки дар биноҳо аз шуоъхӯрии берунӣ гирифта шудаанд, бо истифодаи коэффисиенти худмуҳофизатӣ (экраниронӣ) арзёбӣ шуда метавонанд.

19. Параметри моделҳое, ки дар онҳо сустшавии тавоноии доза дар маҳалли хоси деҳавӣ ё шаҳрӣ ба назар гирифта мешавад (нисбат ба сатҳи назоратӣ, мисли сатҳи ҳамвори беохир, одатан, марғзор), мебояд то арзёбии доза бо роҳи гузаронидани силсилаи ченкуниҳои саҳроӣ ё бо роҳи моделсозии сусткунии шартҳои радиатсионӣ дар маҳаллаҳои аҳолинишин, манзилҳо ё дигар ҷойҳо муайян карда шавад.

20. Номуайяниҳоеро, ки ба муайянкунии дозаҳои шуоъхӯрии берунӣ алоқаманд мебошанд, метавон хеле кам кард, агар баъзе параметрҳои муҳим ба воситаи ченкуниҳо ва муоина (таҳқиқот) муайян карда шаванд. Ин ба худмуҳофизатӣ аз биноҳо дар ҷойи мушаххас ва дар он вақте, ки одамон дар ҳавои кушод қарор доранд, мансуб аст. Боварӣ ба арзёбии дозаҳо баланд мегардад, ки агар натиҷаҳо бо роҳи муқоиса бо натиҷаҳои ширкатҳо оид ба назорати дозиметрии фардӣ санҷида шаванд.

## §4. Шуоъхӯрии дохилӣ

### Воридшавӣ тавассути даҳон

21. Дозаҳоро барои шахсони репрезентивӣ дар ҳолатҳои шуоъхурии мавҷуда дар натиҷаи фурӯ бурдан (хӯрдани)-и маҳсулоти ғизоии олудашуда ва оби нӯшокии олудашуда дар асоси маълумотҳои тавсифдиҳӣ ва маълумотҳои мониторинги муҳити зист ба воситаи модели оддии ҳисобӣ, ки он табиати маҳсулоти ғизоӣ ва оби нӯшокӣ ва сатҳи истеъмоли онҳо, ҳамчунин тағйироти мавсимии параметрҳои дахлдоро ба назар мегирад, муайян кардан мумкин аст.

22. Шахсони истеъмолкунандаи миқдори зиёди маҳсулоти истеҳсолоти маҳаллӣ гурӯҳи бештар осебпазири аҳолиро аз нуқтаи назари шуоъхӯрии радиатсионӣ дар натиҷаи воридшавии пероралӣ ташкил медиҳанд. Маълумоти мониторингро оид ба консентратсияи фаъолнокии радионуклид дар маҳсулоти кишоварзии истеҳсолоти маҳаллӣ бевосита барои арзёбӣ кардани воридшавии солонаи радионуклидҳо ва дозаи чашмдошти алоқаманд истифода кардан мумкин аст. Дар минтақаҳое, ки сокинон одатан миқдори зиёди ғизоро аз наботот ва ҳайвоноти ваҳшӣ истеъмол мекунанд (масалан, гӯшти сайд, моҳӣ, маҳсулоти баҳрӣ, занбурӯғ ва меваҳо), барои арзёбии воридшавии радионуклидҳо ҳамчунин ченкунии консентратсияи фаъолнокии радионуклидҳо дар ин маҳсулоти ғизоӣ низ зарур аст.

23. Агар маълумоти ченкуниҳои маҳсулоти ғизоӣ мавҷуд набошад, ё онҳо бесифат бошанд, консентратсияҳои фаъолнокии радионуклидҳоро дар маҳсулоти ғизоӣ тахминан дар асоси маълумотҳо оид ба афтиши радионуклидҳо ба хок ё консентратсияи фаъолнокии радионуклидҳо ба об аз ҳисоби истифодаи коэффисиентҳои интиқол муайян кардан мумкин аст. Дар мавриди истифодаи коэффисиентҳои интиқол, бояд шароитҳои табиӣ ва иқлимӣ, аз ҷумла ба навъи хок ва таркиби минералии оби тоза мувофиқ бошанд. Ҳамчунин бояд мавҷудияти олудашавиҳо дар сатҳи растаниҳо, аз ҷумла такшин шудан дар баргҳо ва часпидан ба хок баррасӣ карда шавад.

24. Модели воридшавии пероралӣ бояд гурӯҳҳои асосии маҳсулоти ғизоӣ, ҳамчунин оби нӯшокиро, ки онҳоро истеъмоли кардани шахсони репрезентивӣ мумкин аст, дар бар гирад. Меъёрҳои чашмдошти истеъмоли маҳсулоти ғизоии истеҳсоли маҳаллӣ бояд бо истифодаи усулҳои муайянкунии ратсиони маҷмуии ғизохӯрӣ муайян карда шаванд. Масалан, чунин усулҳо метавонанд дар худ арзёбии омори расмии истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ (барои аҳолии асосӣ), таҳқиқоти миллии ратсиони ғизохӯрӣ, таҳқиқоти сабади истеъмолӣ ва ё сӯҳбатҳои шахсӣ (барои моделсозии одатҳои шахсони репрезентивӣ)-ро фаро гиранд. Ҳангоми арзёбии дозаҳое, ки ба воридшавии пероралӣ алоқаманд мебошанд, ҳамчунин самараҳои омодагӣ ва тайёр кардани ғизоро (масалан, онҳоеро, ки воридшавии радионуклидҳоро кам мегардонанд) ба инобат гирифтан мебояд.

25. Номуайяниҳо ҳангоми моделсозии дозаҳои шуоъхӯрии дохилӣ метавонанд ҳангоми арзёбии параметрҳои муҳим бо роҳи ченкунӣ ва татбиқи баъзе тасҳеҳҳо нисбат ба майдони мушаххас хеле кам гарданд. Усули аз ҳама бовариноки валидатсияи модели воридшавии пероралӣ муқоиса кардани он бо арзёбиҳои дозаи шуоъхӯрии дохилие мебошад, ки онҳо дар асоси маълумотҳои ченкунии фардии миқдори радионуклидҳо дар бадани инсон ба даст оварда шудаанд. Чунин иттилоотро тавассути ченкунии радиоактивияти ҳамаи бадан ё таҳлили консентратсияҳои радионуклидҳо ба даст овардан мумкин аст.

Нафаскашӣ (воридшавии нафасӣ (ингалятсионӣ)

26. Саҳми воридшавии нафасӣ ба доза барои шахсони репрезентивӣ метавонад барои газҳо ва буғҳои радиоактивӣ (масалан, оксиди тритий) ва радионуклидҳо бо маҳлулшавандагии паст ва ҳаракатмандии паст дар занҷираҳои ғизоӣ (масалан, актинидҳо ва унсурҳои трансуранӣ) хеле зиёд бошад. Хусусан ин ба одамоне тааллуқ дорад, ки дар ҳавои кушод ё дар шароити чанг кор мекунанд. Мавриди махсус маҳал бо консентратсияҳои баланди урани табиӣ ва ё радий мебошад, ки миқдори зиёди радонро ҷудо мекунад ва боиси дозаи баланде мегардад, ки дар бино дар натиҷаи нафаскашӣ дар шароити шамолрасии нокифоя гирифта мешавад.

27. Дозаи нафасии шуоъхӯрии шахсони репрезентивӣ дар асоси маълумотҳои мониторинги консентратсияҳои радионуклидҳо дар ҳавои болои замин бо истифодаи моделе муайян карда мешавад, ки дар он басомад (чандомад)-и нафаскашии одамони синнусоли гуногун дар шароити иҷрои намудҳои гуногуни корҳои ҷисмонӣ, ҳамчунин тағйироти мавсимии параметрҳои дахлдор ба назар гирифта мешавад. Агар консентратсияи фаъолнокии радионуклидҳо ошкор нагардад, имкон дорад, ки барои арзёбии доза дар натиҷаи нафаскашӣ арзёбии қиматҳо талаб карда шавад ё минтақаи поёнии ошкорсозӣ истифода карда шавад.

28. Натиҷаҳои мониторинги консентратсияҳои фаъолнокиро дар ҳаво бевосита барои арзёбии воридшавии солона ва дозаи чашмдошт истифода кардан мумкин аст. Агар маълумотҳои мониторинг мавҷуд набошанд ё нокифоя бошанд, консентратсияи радионуклидҳоро дар ҳаво тахминан аз рӯйи суръати зуҳуркунии онҳо ба хок дар асоси истифодаи модели баркашиши такрорӣ (интиқоли шамолӣ) ё ченкунии миқдори чанг барои муайян кардани доза аз баркашиши такрорӣ муайян кардан мумкин аст.

## §5. НАБОТОТ (ФЛОРА) ВА ҲАЙВОНОТ (ФАУНА)

29. Зимни солимгардонии минтақаҳо бо маводи радиоактивии боқимонда аз фаъолият ё воқеаҳо дар гузашта, мебояд, ки масъалаи оқибатҳои имконпазири шуоъхӯрии радиатсионии набототу ҳайвонот баррасӣ карда шавад. Мақсад аз он иборат аст, ки натиҷаи умумӣ нафъи зиёдтар оварад, назар ба зарар. Масалан, вайроншавии муҳити зист барои коҳиш додани шуоъхӯрии радиатсионӣ, одатан ба натиҷаи асосноккардашуда намеоварад. Чунин қарорҳо бояд дар доираи зерматни пурра қабул карда шавад, зеро шуоъхӯрии радиатсионӣ аз нуқтаи назари таъсироти солимгардонӣ аксар вақт омили афзалиятдошта ба набототу ҳайвонот намебошад.

30. Истифодаи консепсияи ҳайвоноту набототи шартӣ ва меъёрҳои ҳосилавӣ бояд дар мавридҳое баррасӣ карда шавад, ки агар шуоъхӯрие, ки ба сохтори популятсияи намудҳои алоҳида таъсир расонида метавонад, мавҷуд бошад ё вуҷуд дошта тавонад.

31. Таъсирот ба муҳити зистро ба сифати яке аз ҷузъҳо дар раванди муносибгардонии ҳимоя ва бехатарӣ баррасӣ кардан мебояд. Бояд таъсироти радиологӣ ва ғайрирадиологӣ ба муҳити зист аз амалиёт оид ба солимгардони, ки онҳо ба кам кардани шуоъхӯрии аҳолӣ бо мақсади муайян кардани афзалиятҳои умумӣ аз солимгардонӣ нигаронида шудаанд, баррасӣ карда шавад.

Замимаи 2.
ба Меъёр ва қоидаҳои гузаронидани
солимгардонии минтақаҳое, ки бо маводи
радиоактивӣ олуда шудаанд

## НАМУНАИ МУНДАРИҶАИ ЛОИҲАИ СОЛИМГАРДОНӢ БАРОИ МАЙДОН Ё МИНТАҚАИ МУШАХХАС

Мисоли мундариҷаи лоиҳаи солимгардонӣ дар зер оварда шудааст. Он ба сифати қолаб (шаблон) зимни таҳияи лоиҳаи солимгардонӣ барои майдон ё минтақаи мушаххас бо тағйироти дахлдор истифода шуда метавонад. Вобаста аз навъ ва ҳолати майдон ё минтақа, ки барои он солимгардонӣ банақша гирифта мешавад, баъзе бандҳои овардашударо хориҷ кардан ё илова кардан мумкин аст.

1. Пешгуфтор

§1. Мақсади солимгардонӣ

§2. Ташкил ва идоракунӣ

1) захираҳои кадрӣ
2) нақш ва уҳдадориҳо
3) нақшаи тақвимӣ
4) ҳамоҳангсозии чашмдоштҳо бо ташкилотҳои дигар

2. Талаботҳои танзимӣ

§1. Сатҳи референтӣ

§2. Меъёрҳои нуқтаи ниҳоӣ

§3. Меъёрҳои ҳолати ниҳоӣ

§4. Бехатарии физикӣ (ҷисмӣ)-и майдон ё минтақа

3. Таърихи майдон ё минтақа

§1. Амалиётҳои гузашта

§2. Қайдҳои соҳибмулкон

§3. Қайдҳо оид ба истеҳсолот ва гӯрониш

4. Тавсифи (характеристикаи) майдон ё минтақа

§1. Ҷойгиршавӣ (макон) ва мушаххасаҳои асосӣ, аз ҷумла объектҳо ва хадамот дар рӯйи замин ва дар зери замин

§2. Маълумотҳои маҳаллӣ ва минтақавии демографӣ, истифодаи имрӯза ва минбаъдаи замин, истифодабарандагони имрӯза ва минбаъдаи замин

§3. Геология, зилзиланокӣ ва гидрогеологияи майдон ё минтақа

§4. Хусусият ва мушаххасаҳои обҳои сатҳӣ, мисли обуботлоқзорҳо, сойҳо, дарёҳо, кӯлҳо, наҳрҳо

§5. Хусусият ва мушаххасаҳои обҳои зеризаминӣ

§6. Навъи иқлим, шароити метеорологӣ, мушаххсаҳои мавсимӣ, боришоти атмосферӣ

§7. Харитаҳо ва нақшаҳо (мумкин аст якчанд харита ва нақшаи гуногунмиқёс ва аэросуратҳо талаб карда шавад)

5. Арзёбии майдонҳо ва минтақаҳо

§1. Тасниф (шарҳ)-и муфассали майдон ё минтақа

§2. Шарҳи маълумотҳои пештара (қаблӣ) оид ба майдон ва минтақа

§3. Арзёбии пешакии маълумотҳо ва идентификатсия (шинохта кардан)-и хатарнокиҳо

§4. Арзёбии пешакии скринингии шуоъхӯрии радиатсионӣ барои муқоиса бо маълумотҳои таърихӣ ва навҷамъоваришуда

§5. Арзёбии номуайянӣ

§6. Ошкорсозии фосилаҳо (холигиҳо) дар маълумотҳо ва стратегияи пешниҳодшавандаи бартарафсозии онҳо

6. Муоина (таҳқиқ)-и олудашавии майдон ва минтақа

§1. Стратегияи муоинаҳо (таҳқиқот)

§2. Усулҳои муоинаҳо (таҳқиқот)

§3. Таҳлили намунаҳо

§4. Муайян кардани радионуклидҳои мавриди таваҷҷуҳ

§5. Муайян кардани олудакунандаҳои ғайрирадиологии мавриди таваҷҷуҳ

§6. Пешниҳоди маълумотҳо

7. Арзёбии бехатарӣ ва арзёбии дозаҳо

§1. Арзёбии дозаҳо барои шахсон аз аҳолӣ (то солимгардонӣ, дар вақти солимгардонӣ ва баъди он)

§2. Арзёбии дозаҳо барои коргароне, ки солимгардонӣ мегузаронанд

§3. Барномаи ҳимояи радиатсионӣ

1) ҳимояи аҳолӣ дар вақти солимгардонӣ

2) ҳимояи коргароне, ки солимгардонӣ мегузаронанд

§4. Афзалиятдиҳии минтақаҳо барои солимгардонӣ

8. Арзёбии хавфҳои ғайрирадиологӣ

§1. Ҷадвали хатарнокиҳо ва хавфҳои ғайрирадиологӣ

§2. Арзёбӣ ва афзалиятдиҳии хавфҳо

§3. Стратегия оид ба идоракунии хавфҳо

§4. Хавфи боқимонда пас аз амалисозии стратегияи идоракунии хавфҳо

9. Арзёбии таъсирот ба муҳити зист

10. Муайян кардани вариантҳои солимгардонӣ ва интихоби амалиётҳо оид ба солимгардонӣ

§1. Мақсадҳои умумии таҳлили вариантҳо

§2. Равиши умумӣ ба муайянкунӣ ва арзёбии вариантҳо

§3. Муайянкунии пешакии амалиётҳои имконпазир оид ба солимгардонӣ ва технологияҳои дастраси солимгардонӣ

§4. Вариантҳои скрининг

§5. Арзёбии муфассали вариантҳо

§6. Муайян кардани варианти муносиб (вариантҳои муносиб) -и солимгардони (аз ҷумла амалиётҳои мобайнӣ)

§7. Таҳияи нақшаҳои махсуси кор барои майдонҳо ё минтақаҳо бо назардошти чораҳои фавқулодда дар мавриди ягон ҳодиса дар вақти солимгардонӣ

11. Нақшаи муомилот бо маводи боқимонда (аз ҷумла бо партовҳои радиоактивӣ)

§1. Муайянкунии (идентификатсия ва тавсифдиҳӣ (характеризатсия)-и боқимондаҳо (пасафкандаҳо)

§2. Имкониятҳои камтаринкунӣ (минимизатсия)-и боқимондаҳо

§3. Боқимондаҳое, ки бояд аз назорати танзимӣ озод карда шаванд, аз ҷумла онҳое, ки бояд такроран истифода ва коркард карда шаванд

§4. Боқимондаҳое, ки бояд дар партофтҷойҳо (свалкаҳо) гӯронида шаванд (масалан партофтҷойҳои шаҳрӣ)

§5. Боқимондаҳое, ки бо онҳо чун бо партовҳои муқаррарӣ муомила кардан зарур аст

§6. Боқимондаҳое, ки бо онҳо чун бо партовҳои радиоактивӣ муомила кардан зарур аст

§7. Коркарди такрорӣ (коркарди пешакӣ, коркард ва хурдҳаҷмгардонӣ (кондитсия)

§8. Нигаҳдорӣ

§9. Интиқол

§10. Гӯрониш (хокпӯшонӣ)

12. Иртибот (коммуникатсия) ва машварат бо ҷонибҳои манфиатдор

§1. Рӯйхати ҷонибҳои манфиатдори муайян

§2. Иртибот ва машварат

§3. Ҳуҷҷатгузорӣ кардани иртиботҳо (робитаҳо), машваратҳо ва ҷалбкуниҳо

§4. Бардоштани (гузоштани) масъалаҳо ва мушкилот, ва чӣ тавр ҳал шудани онҳо

13. Системаи маҷмуӣ (комплексӣ)-и идоракунӣ

§1. Уҳдадориҳо

§2. Мақсадҳо, стратегияҳо, нақшаҳо ва вавзифаҳо

§3. Аснод

§4. Идоракунии захираҳо (имкониятҳо)

§5. Идоракунии равандҳо ва фаъолият

§6. Идоракунии занҷираи воридот

14. Омодакунии ҳисоботи ҷамъбастӣ

15. Банақшагирӣ пас аз солимгардонӣ

§1. Нигоҳубин ва хизматрасонии дарозмуддат, назорати ниҳодӣ (институтсионалӣ)

§2. Мониторинг ва нозирӣ

§3. Графики мониторинг

§4. Мониторинги меъёрҳои самаранокӣ (боздеҳ)

§5. Уҳдадориҳо оид ба маълумотҳои мониторинг

16. Хароҷот ва нақшаи маблағгузорӣ

Замимаи 3.
ба Меъёр ва қоидаҳои гузаронидани
солимгардонии минтақаҳое, ки бо моводи
радиоактивӣ олуда шудаанд

## АМАЛИЁТҲО ОИД БА ҲИМОЯИ МУСТАҚИЛОНА

1. Барои минтақаҳое, ки дар онҳо моводи радиоактивии боқимонда и дарозумр мавҷуд аст ва барои онҳо қарори ҳукуматӣ оид ба иҷозат ба зиндагонӣ ва барқарорсозии фаъолияти ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ қабул гардидааст, ҳукумат якҷо бо ҷонибҳои манфиатдор чораҳои дахлдоррро барои назорати бефосилаи шуоъхӯрӣ бо мақсади таъмини зиндагонии устувор таъмин менамояд.

2. Амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилона - амалиётҳое мебошанд, ки онҳоро аҳолӣ бо маслиҳати ҷониби масъул, мақоми танзимгар ва дигар мақомоти ҳокимият ё ҳукумат метавонад мустақилона иҷро намояд (масалан, тағйирот дар сохтори ғизохӯрӣ, мониторинг, дезактиватсия). Чунин амалиётҳо воситае мебошанд, ки тавассути он шахсони алоҳида назорати муайянро ба шуоъхӯрии радиатсионии худ амалӣ карда метавонанд, ва ин амалиётҳо метавонанд ба комёбии умумии солимгардонӣ саҳми муҳим гузоранд.

3. Амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилона дар он мавридҳое самарабахштаранд, ки агар тарзи ҳаёти одамон омили назарраси шуоъхӯрӣ бошад. Амалиётҳои хос оид ба ҳимояи мустақилона маҳдудсозии вақти воқеъшавиро дар майдон, даcткашӣ аз истеъмоли баъзе маҳсулоти ғизоии истеҳсоли маҳалл (ё кам кардани миқдори истеъмолшаванда), ҳамчунин ташаббусҳои сокинони маҳаллиро оид ба расонидани кӯмак дар солимгардонии ҷойҳои истифодаи умум ё боғҳои хусусии худ фаро мегирад. Якчанд равишҳое мавҷуданд, ки онҳо чунин амалиётҳоро такон мебахшанд, аз ҷумла:

1) таҳияи стратегияҳо барои ҳолатҳои мушаххас ҷиҳати пешниҳоди иттилоот дар бораи он, ки одамон чӣ тавр метавонанд шуоъхӯрии худро коҳиш диҳанд;

2) дар зарурат таъмин кардан бо дозиметрҳои шахсӣ ва дигар таҷҳизоти дозиметрӣ ва омӯзонидани истифодабарии онҳо;

3) ҷалб кардани аҳолӣ ба қабули қарорҳо.

4. Амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилона метавонанд сатҳи назорати шахсиро ба шуоъхӯрии радиатсионӣ баланд бардоранд, вале онҳо ҳамчунин метавонанд тарзи одатии ҳаётро вайрон кунанд. Иҷрои самараноки ин амалиётҳо бошад, аз дарки пурраи ҳолат ва огоҳонии хуб оид ба амалиётҳо ва нафъи овардаи онҳо ба ҳамаи одамон вобастагӣ дорад. Агар таҷҳизотро мақомоти ҳокимият пешниҳод мекунанд, шахсони алоҳида бояд омӯзишро оид ба истифодабарии онҳо гузаранд. Барои дастгирии зарурии чунин амалиётҳо арзёбии доимии самаранокии амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилона дар сатҳи маҳаллӣ ё фардӣ талаб карда мешавад.

5. Зимни гузаронидани солимгардонии минтақаҳое, ки дар онҳо моводи радиоактивии боқимонда аз фаъолият ё воқеа дар гузашта ҷойгир аст, асосноккунии ҳамаи амалиётҳо дар лоиҳаи солимгардонӣ талаб карда мешавад. Ин ба амалиётҳое мансуб аст, ки онҳоро ҷониби ба солимгардонӣ масъул, Мақоми танзимкунанда ва дигар мақомоти ҳокимият амалӣ менамояд, ҳамчунин ба амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилона, ки онро шахсони алоҳида бо дастгирии мақомоти ҳокимият қабул менамоянд.

Стратегияи солимгардони бояд ҳарду категорияҳои амалиётҳоро ба назар гирад ва бояд имконияти иҷрои амалиётҳоро оид ба ҳимояи мустақилонаи шахсони зарардида дар ҷойҳое, ки ин мақсаднок ҳисобида мешавад, таъмин намояд.

6. Амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилона ҳамчунин ҳамоҳангсозӣ ва захираҳои инсониро барои ба одамон фаҳмонидани ҳолати радиологӣ ва таъмини омӯзиш ва огоҳонӣ оид ба татбирҳои ҳимоявӣ талаб мекунад. Барои таъмини мубодилаи зарурии иттилоот, гуфтугӯй ва дастгирӣ аз ҷониби ҷомеа бояд захираҳо барои дастгирии амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилона ҷудо карда шаванд. Ин барои роҳандозии алоқаҳо мусоидат намуда, иштироки фаъоли ҷомеаҳои зарардидаро дар амалиётҳо оид ба солимгардонӣ сабук мегардонад ва бо ҳамин боввариро зиёд мекунад.

7. На ҳамаи одамон хоҳиши иштирок кардан дар амалисозии амалиётҳо оид ба ҳимояи мустақилонаро доранд. Вале, чунин одамон метавонанд хоҳиши доштани иттилоотро оид ба амалиётҳои қабулгардида бо мақсади назорати шуоъхӯрӣ дошта бошанд. Бинобар ин, ба кор андохтани роҳҳои гуногун ва сатҳҳои гуногуни робита зарур аст.

Замимаи 4.
ба Меъёр ва қоидаҳои гузаронидани
солимгардонии минтақаҳое, ки бо маводи
радиоактивӣ олуда шудаанд

## МУНДАРИҶАИ ТАВСИЯШАВАНДАИ БАРНОМАИ ҲИМОЯИ РАДИАТСИОНӢ ЧУН ҚИСМИ ТАРКИБИИ ЛОИҲАИ СОЛИМГАРДОНӢ

(Бо назардошти дур кардани партовҳои уранӣ ва тозакунии объектҳои собиқ оид ба истеҳсоли уран)

МУНДАРИҶА

ПЕШГУФТОР (матн, мақсадҳо, вазифаҳои умумӣ ва назоратӣ)

1. ШАРҲИ ЛОИҲА

§1. Таснифи мухтасари лоиҳа оид ба солимгардонӣ (ҳолат, харитаҳо, хатарнокиҳои асосӣ, натиҷаҳои чашмдошт, хавфҳо ва амалиётҳо оид ба ҳимояи радиатсионӣ, ки бояд дар нақша баррасӣ карда шаванд).

§2. Шарҳи ҳисобот (таснифи мухтасари ҳамаи фаслҳо)

§3. Маълумоти асосӣ оид ба ҳимояи радиатсионӣ, ки мансуб ба лоиҳаи баррасишаванда мебошанд (навъҳои афканишот, қаторҳои уран-торийи табдилоти радиоактивӣ, воҳидҳои афканишот, сатҳҳои табии афканишот дар минтақа, баъзе намоишнамунаҳо ва аз рӯйи имконият иттилооти дигари муфид)

§4. Роҳнамо (миллӣ ва байналмилалӣ), ки мансуб ба ҳимояи радиатсионӣ зимни гузаронидани солимгардони ва идоракунии дарозмуддати мероси уранӣ (татбиқи минтақаҳои дозавӣ, сатҳҳои назоратӣ), қоидаҳои татбиқшавандаи амалиётҳо оид ба ҳимояи радиатсионӣ ва ғайра мебошад.

2. ТАСНИФИ ЛОИҲА

§1. Шарҳи лоиҳаи солимгардонӣ ( ҳамаи амалиётҳои асосии муҳандисӣ, ки онҳо бояд баррасӣ карда шаванд, хатарнокиҳои чашмдошт ва омилҳои хавфи радиатсионии мансуб ба ҳар як амалиёти баррасишаванда, ки дар қоидаҳои амалиётҳо оид ба ҳимояи радиатсионӣ талаб карда мешаванд)

1) таҳқиқот (пармакофти чоҳҳо, тавсифдиҳии хатарнокиҳо)
2) фаъолият оид ба таъмини омодагӣ
3) кофтагирӣ, навъбандӣ ва бамеъёроварии маводи паспартофта
4) ҳамлунақли паспартофтаҳо, маводҳо
5) фуровардан ва ҷобаҷогузории маводи паспартофта дар хоначаи махсусан омодакардашуда дар сохторҳои нави паспартофтаҳо
6) сохтани пӯшаи нави ҳимоявӣ.
7) амалиётҳо пас аз солимгардони (дезактиватсияи минтақаҳои маҳфузгоҳҳои паспартофтаҳо, ки аз онҳо паспартофтаҳо гузаронида шудаанд).

§2. Корхона (фабрика)-и собиқи ғанигардонӣ (ҷудокунӣ)

1) таҳқиқот оид ба муайян кардани миқдори инвентарӣ (ҷиҳоз)
2) дезактиватсияи намноки объектҳо ва дезактиватсия ба воситаи дастгоҳҳои чангкашӣ
3) демонтаж ( ба қисмҳо ҷудокунӣ ) -и таҷҳизот ва ҷузъи боқимонда и дастгоҳи истеҳсоли уран

4) фурӯғалтонии иншоот

5) дезактиватсия ва гӯрониши таҷҳизот ва конструксияҳои заҳролудшуда

6) ҳамлунақли таҷҳизот ва конструксияҳои заҳролудшуда

3. ҶАНБАҲОИ ТАНЗИМӢ

§1. Пешгуфтор

§2. Қолабҳои миллии ҳуқуқӣ ва талаботҳои танзимӣ

§3. Асноди миллии роҳнамо (дозаҳои сарҳадӣ, меъёрҳои бехатарӣ барои майдони мушаххас, меъёрҳои озодкунӣ)

§4. Қоидаҳои интиқоли маводи радиоактивӣ (боқимондаҳои истеҳсолоти уранӣ)

4. ҲИМОЯИ РАДИАТСИОНӢ

§1. Масъалаҳои умумӣ (хатарнокиҳои асосии радиологӣ ва роҳҳои шуоъхӯрӣ, ки барои ҳамаи категрияҳои коргарони машғули солимгардони ва аҳолӣ чашмдошт будан мумкин аст)

§2. Шуоъхӯрии имконпазири коргарон (ҳисобҳои нишондиҳанда барои категорияҳои гуногуни коргарон)

1) коэффисиент (зариб)-ҳои дозавии радиоактивият

2) шуоъхӯрии зиёд (имконпазир)-и коргарон

3) шуоъхӯрии зиёд (имконпазир)-и аҳолӣ дар вақти иҷрои нақшаи солимгардони

§3. Баёни барномаи ҳимояи радиатсионӣ барои объектҳои солимгардонишаванда

1) ҷузъиёти барномаи умумии ҳимояи радиатсионӣ

2) мақсад, вазифаҳо ва ҳаҷми нақшаи ҳимояи радиатсионӣ

- маъмурият
- омӯзониш
- ҳимояи радиатсионии шахсӣ
- мониторинг
- дозиметрия
- омодагии садамавӣ

5. ТАСНИФИ МУХТАСАРИ БАРНОМА ВА АМАЛИЁТҲО ОИД БА ҲИМОЯИ РАДИАТСИОНӢ

6. АДАБИЁТ

Иловаҳо (таснифи шароити (шартҳои) мушаххас, агар ин ҷой дошта бошад, лавозимоти умумӣ ва шахсӣ, ки барои ҳимояи радиатсионӣ зарур аст, усулҳои пешниҳодшаванда барои хадамоти ҳимояи радиатсионӣ ва идоракунии маълумотҳо оид ба ҳимояи радиатсионӣ, ва ғайра).

Замимаи 5.
ба Меъёр ва қоидаҳои гузаронидани
солимгардонии минтақаҳое, ки бо маводи
радиоактивӣ олуда шудаанд

# НАВЪҲОИ ПАРТОВҲО

## 1. ШАРҲИ НАВЪҲОИ ПАРТОВҲО

1. Баровардан аз истифодабарӣ ва барқарорсозии муҳити зисти майдонҳои мероси уранӣ ба муомилот бо маводи партовҳои гуногуннавъ ва гуногунтабиат алоқаманд мебошад, мисли:

1) ҷинси маъдани кушодашуда;
2) маводи ҷинси дорои маъданҳои урандор;
3) маъданҳо бо сатҳҳои маъданнокии аз нигоҳи иқтисодӣ камсамар ё сатҳҳои баланди олудакунандаҳо;
4) партовҳои ғанигардонӣ;
5) такшинҳо (шламҳо) аз обтозакунӣ;
6) қубурҳо (лӯлаҳо) ва дигар таҷҳизоти технологӣ ва сохтор.

2. Дар вақти солимгардонии майдони мерос ин навъи маводҳо муомилоти бехатарро дар майдон ё қучонишро ба ҷойи алтернативии гӯрониш талаб мекунанд. Ғайр аз ин, навъҳои зерини маводи алоқаманд ба худи солимгардони пайдо шуда метавонанд:

1) қабати болоии берункашидаи хок, ки бо маводи сахт ё моеъ заҳролуд шудааст;
2) маъдани берункашидаи тӯда, боқимондаи маъданҳо ё паспартофтаҳо, ки бо дигар маводҳо омехта шуда метавонанд (масалан, қабати болоии хок,  маводи ба сифати пӯша ё рӯя истифодашуда);
3) таркибаҳои металлии таҷҳизоте, ки такроран истифода шуда наметавонанд;
4) маводи сохтмонӣ (пӯлод, бетон, хишт ва ғайра), ки дар натиҷаи таҷдид ё фурӯғалтонии биноҳо ва дигар сохтор (масалан, наҳри бкормонда) пайдо мешаванд;
5) партовҳои моеъи органикӣ ва ғайриорганикӣ, ки дар натиҷаи тозакунӣ ва дезактиватсияи биноҳо, таҷҳизот ва минтақаҳо пайдо мешаванд;
6) партовҳои сахт (масалан, боқимондаҳои ионмубодилавӣ, такшинҳо), ки зимни гузаронидани корҳо оид ба дезактивавтсия пайдо мешаванд.

## *2.* ТАВСИФҲОИ КАЛИДИИ НАВЪҲОИ ПАРТОВҲО

### §1. Ҷинси холӣ ва ҷинси маъдани кушодашуда

3. Аввалин партовҳое, ки зимни коркарди майдон ба вуҷуд меоянд, одатан қабати болоии органикии ҳосилдеҳи хок мебошад. Ҳангоми бо тарзи кушод истихроҷ кардани синфи минбаъдаи маводи партовҳо одатан ҷинси бодхӯрдашуда мебошад, ки баъди он ҷинси дигари дарунхолӣ меояд ва бисёр вақт онҳо якҷоя ҳамчун ҷинси маъдани кушодашуда тасниф карда мешаванд. Онҳо одатан қисми зиёди ҳаҷми ҳамаи маводеро ташкил медиҳанд, ки нигаҳдорӣ ё гӯронишро талаб мекунанд. Ҳангоми истихроҷи шахтавии миқдори ҷинси дарунхолӣ, ки онҳоро берун кашида гирифтан зарур меояд, одатан хеле кам аст, ва он дар натиҷаи фаъолият бо мақсади таъмини дастрасӣ ба маъдан, масалан аз ҳисоби кушодани шахтаҳо ва конҳои уфуқӣ пайдо мешавад.

4. Дар он вақте, ки миқдори уран дар ин маводҳо аз нуқтаи назари сарфа ё истихроҷ метавонад кам бошад, миқдори радионуклидҳо (асосан уран ва радий ва масулоти фаръии дахлдор) метавонад барои олудашавии сатҳӣ ё олудашавии обҳои зеризаминӣ кифоя бошад, ва ё ба шуоъхӯрии ҷамоати ҳамсоя бевосита таҳдид намояд. Ҷинси холӣ баъзан мафҳуми нисбие мебошад, ки ба маъдани истихроҷшаванда мансуб аст. Маводҳо метавонанд маъданҳои дигари қобили таваҷҷуҳ дошта бошанд. Онҳо ҳамчунин маъданҳои ба муҳити зист таъсиркунанда низ дошта метавонанд, ки онҳо кислота тавлид мекунанд ва унсурҳои заҳрнок, аз ҷумла металлҳои вазнин ва марги муш доранд.

### §2. Маводи аз нигоҳи иқтисодӣ камсамар ва маъданҳои камтаркиб

5. Инҳо маводи мобайнӣ мебошанд, ки ба категорияи байни ҷинси холӣ ва маъдани истихроҷшаванда мансубанд. Он чи, ки аз нигоҳи иқтисодӣ камсамар дониста мешавад, бо гузашти вақт метавонад вобаста ба нарх технологияи дастраси ғанигардонӣ тағйир ё ба ва ба маҳсулоти ниҳоӣ расонида шавад. Бинобар ин, бисёр корхона (комбинат)-ҳо ба маводи аз нигоҳи иқтисодӣ камсамари анборшуда дар вақти талаботи зиёд доштан ё пеш аз анҷомёбии истифодабарӣ мегузаранд.

6. Агар варианти ғанигардонӣ баррасӣ карда намешавад, муомилоти ниҳоӣ бо чунин маводҳо дар доираи раванди солимгардонӣ таваҷҷуҳро ба он далел, ки онҳо метавонанд сабаби таъсироти номусоид ба муҳити зист гарданд, талаб мекунад. Хусусан, хавф он, ки парагенезиси маъданҳо сабаби зиён барои муҳити зист мегардад, вуҷуд дорад. Ҳолати бештар хос мавҷудияти маъданҳои сулфидӣ бо миқдори кофӣ барои ҳосилшавии заҳбури кислотавии ҷинси кӯҳӣ мебошад. Ин метавонад барои муҳити зист хатарнокии зиёд оварад, зеро таъсирот метавонад тавассути муҳити обӣ, ҳамчунин тариқи хок паҳн шавад.

### §3. Партовҳо аз кӯфта майда кардан ва коркарди такрорӣ

7. Партовҳои ғанигардонӣ навъи умумитар ва калонҳаҷми навъи партовҳои коркарди такрорӣ буда, ба истеҳсолоти уранӣ алоқаманд мебошанд. Партовҳо натиҷаи раванди майдакунӣ (резакунӣ) мебошагнд, ки он аз майдакунии пайдарпай ва кӯфтакунии ҷинси кӯҳии синфи маъданӣ барои истеҳсоли маводи нисбатан якҷинсаи қумшакл иборат аст. Сипас ин мавод мавриди ишқорронӣ бо ишқорҳо ё реагентҳои кислотавӣ ва ҷудокунии уран қарор дода мешавад.

8. Дар маҳфузгоҳ партовҳо бо андозаи қуми майда ҷойгир карда мешаванд. Партовҳо одатан фаъол (ғайриинертӣ) мебошанд, барои он, ки дар онҳо на танҳо маводи майда кӯфташуда, ки онро моҳиятан реактивитар мегардонад, балки ҳамчунин боқимондаҳои реактивҳои химиявӣ, аз ҷумла, масалан, оксидкунандаҳо, хунсокунандаҳо ва маҳлулҳои ишқорравонанда мавҷуданд. Ғайр аз ин, аз аксарияти таркибаҳои радиоактивии дар партовҳо танҳо уран ҷудо карда мешавад. Масъала ба гӯрониши ниҳоӣ ба ҳаҷмҳои калони ҷисмӣ, хосиятҳои мураккаби геотехеникӣ, ки ба тақсимоти борики гранулометрӣ алоқаманданд, ва хавфҳои радиологӣ ва токсикологӣ барои муҳити зист ва саломатии инсон вобаста аст.

## §4. Партовҳои алоқаманд ба ишқоррониии тӯдавӣ (анбуҳӣ, ғулӣ)

9. Ишқоррониии тӯдавӣ ин усули барқарорсозии уран бевосита аз маъдан дар он намуде, ки он аз шахта ё аз пулпа ҷудо карда мешавад, ки одатан урани навъи паст бе гузашти раванди дар боло баёншудаи майдакунӣ (резакунӣ) мебошад.

10. Ишқоррониии тӯдавиро аз рӯйи схемаҳои гуногун иҷро кардан мумкин аст. Дар ҳар гуна маврид барои ҷамъоварии маҳлули ғанӣ бояд ҷилдҳо ё полдерҳо бо пӯшаи тагии обнагузаронанда сохта шавад. Баъд аз анҷоми ишқорронӣ ин тӯдаҳоро дар ҷояш боқӣ гузоштан мумкин аст, ё маводи онҳоро ба ҷойи гӯрониш ба хотири озод кардани ҷой барои маъдани тоза гузаронидан мумкин аст.

11. Хосиятҳои химиявии уран имкон медиҳанд, ки равандҳои ҳам ишқорӣ ва ҳам кислотавии ишқорронӣ бомуваффақият истифода карда шаванд. Интихоб аз маъдан ва маъданнокии ҷинсҳои ҳамроҳшаванда вобаста аст. Новобаста аз он, ки маводи нисбатан бузург, ки аз ҷинсҳои гуногунандоза аз харсангҳо ё қайроқсангҳо то шағал иборатанд, метавонанд назар ба маводи майдакардашуда камреактив бошанд ва дар боқимондаҳо бисёр таркибаҳои аз нигоҳи химиявӣ фаъоли радиоактивӣ, мисли сулфидҳо боқӣ мемонанд. Бинобар ин, онҳоро ҳамчун маводе баррасӣ кардан зарур аст, ки ба муҳити зист ва саломатӣ зарар меорад.

## §5. Партовҳо ва боқимондаҳо аз фаъолият оид ба ишқоррониии зеризаминӣ

12. Уранро бо роҳи ворид кардани маҳлулҳои кислотавӣ ё ишқорӣ ба қабатҳои асосӣ ва кашиди гирифтани маҳлули сершуда тариқи чоҳи кофташуда ҷудо кардан мумкин аст. Одатан ин аз сатҳ иҷро карда мешавад, вале дар гузашта ин дар комбинатсия бо истихроҷи зеризаминӣ иҷро карда мешуд.

13. Зимни ишқоррониии зеризаминӣ партовҳои сахт хеле кам ҳосил мегарданд, зеро дар ин маврид ҷинси холӣ ё маводи маъдандор ғайр аз оне, ки ҳангоми кофтан (буридан) пайдо мешавад, ба сатҳ ҷудо карда гирифта намешавад. Вале ҳангоми барқарорсозии уран партовҳои сахт ва моеъ пайдо мешаванд, аз ҷумла:

1) боқимондаи хушк ва такшин аз нейтрализатсияи маҳлулҳо;
2) қатрон (қир)-ҳои ионмубодилавии коркардшуда;
3) боқимондаҳои намакдор ва полоя (филтр)-ҳои истифодашуда аз дастгоҳҳои фишордиҳии баръакс;
4) таҳнишастаҳо дар қубурҳо, насосҳо, клапанҳо ва полояҳо (филтрҳо) ва ғайра);
5) боқимондаҳо аз наҳрҳо-буғкунандаҳо;
6) агентҳои изофии хунсошудаи ишқорравонанда.

## §6. Такшин (шлам) аз обтозакунӣ

14. Муомила бо обе, ки дар вақти иҷрои амалиётҳо оид ба солимгардонӣ олуда шудааст ва аз истифодабарӣ гирифта шудааст, бояд ба барномаи муомилот бо партовҳо дохил карда шавад. Барои тоза кардани об якчанд усулҳо вуҷуд доранд. Бисёре аз ин расмиёт боиси пайдошавии баъзе шаклҳои боқимондаҳо, масалан, таҳнишастаҳо, такшинҳо (шламҳо), моддаҳои буғшаванда ё қатронҳои ионмубодилавӣ мегардад, ки онҳо бозтавлид ва барқарор карда намешаванд. Муҳим аст, ки нақшаи муомилот барои ҳар гуна барномаи обтозакунӣ (ки он баъд аз анҷоми солимгардонӣ иҷро карда мешавад)

баррасии нигаҳдории ниҳоии такшин (шлам), хушккунии такшин ва интиқоли такшинро ба ҷойи нигаҳдорӣ ё гӯрониш дар бар гирад.

§7. Боқимондаҳои инфрасохтор оид ба дезактиватсия ва демонтаж (қисмҷудокунӣ)

15. Ҳангоми дезактиватсия ва ё демонтаж (ба қисмҳо ҷудо кардан) -и объектҳо партовҳои зиёде ҳосил мешаванд. Ба онҳо боқимондаҳои ҷисмӣ (физикӣ)-и инфрасохтор мансуб аст, ки он такроран истифода ва коркард шуда наметавонад. Ин метавонад маводи биноҳо, пӯлоди конструксионӣ, пӯшаҳои роҳсозӣ, боқимондаҳои таҷҳизот ва механизмҳо барои истихроҷ ва резакунӣ бошанд. Ҳамчунин партовҳое, мисли мавод ва агентҳои тозакунанда, ки зимни дезактиватсия кардани объектҳо истифода шудаанд, қум ва шағал, оби заҳролудшуда аз шӯстушӯи фишории дастгоҳҳо ва таҷҳизот, ранги ҷудошуда аз таҷҳизоти тозакунанда ё қатрони ионмубодилавӣ, ки зимни гузаронидани дезактиватсия истифода шудаанд, низ ба вуҷуд омада метавонанд.

16. Дар аксари мавридҳо зимни муомилот бо чунин партовҳо усули хурдҳаҷмгардонӣ (кондитсионӣ) истифода мешавад, ки он ноҷунбо шудани партовҳоро таъмин мекунад. Бисёр вақт ин бо роҳи иловакунии партовҳои сахт ва такшин, мисли боқимонда аз тозакунии қумфавворавӣ ва боқимондаҳо дар полоя ва дар омехтаҳои сементии ба блокҳо рехташаванда иҷро карда мешавад. Мавҷудияти семент ё дигар агентҳои банданда ҳаракатмандии олудакунандаҳои имконпазирро суст мегардонад.

17. Баъзе маводҳоро ба силидрҳои металлӣ ё контейнерҳои монанд ҷойгир кардан мумкин аст. Ҳамаи ин партовҳо, ҳам хурдҳаҷмгардонидашуда ва ҳам нашуда, бояд бо тарзи бехатар ва тасдиқшуда гӯронида шаванд. Одатан онҳо дар ҷойҳои таъйиншудаи наҳрҳои маҳфузгоҳҳо, дар маҳфузгоҳҳои тасдиқшуда барои партовҳои пастфаъол (камфаъол), ки дар майдон бо ин мақсад сохта шудаанд, ҷойгир карда мешаванд, ё ба чунин маҳфузгоҳҳо аз беруни майдон оварда мешаванд.

§8. Хокҳои олудашуда

18. Дар вақти истифодабарии майдон хокҳо дар майдон ва берун аз он метавонанд бо радионуклиҳо ва металлҳои вазнини дар маъданҳо мавҷуда ё чунин маводҳо, мисли равғани молиданӣ ё мазут олуда шаванд. Ин хокҳо бояд аз расмиёти солимгардонӣ гузаранд ё бояд ба тарзи бехатар гӯронида шаванд. Усулҳои зиёди коркард дар ҷойи ҷойгиршавӣ, дар майдон ва берун аз майдон вуҷуд доранд.

19. Агар методологияи солимгардонӣ дар ҷойи ҷойгиршавӣ татбиқ шуда натавонад, зарур аст, ки хок ба воситаи чунин механизмҳо, мисли хокканҳо (скреперҳо), грайдерҳо ва булдозерҳо ҷамъ карда шавад, ва ба майдони дахлдор барои гӯрониши ниҳоӣ ё махкампӯшонӣ (герметизатсия) ё барои коркарди такрорӣ оварда шавад. Коркарди такрории хос барои радионуклидҳо, ки бояд ё дар майдон ё берун аз майдон иҷро карда шавад, шӯста равонидани радионуклидҳо аз хок мебошад. Моеъҳои олудашуда (обдор)-и ҳосилшуда бояд тоза ва боқимондаҳо дар ягон ҷой гӯронида шаванд.

20. Дар вақти раванди солимгардонии хок бояд чораҳо оид ба чангравонӣ ва нигаҳдории таҳнишастаҳо аз обҳои равон татбиқ карда шаванд. Ҳамлунақл ва боркарди ин маводҳо бояд тибқи талаботҳои амалкунандаи ҳуқуқӣ ва меъёрӣ оид ба ҳифзи меҳнат ва бехатарии коргарон гузаронида шавад.

### §9. Партовҳои дигар ва партовҳои истифодашаванда

21. Зимни истихроҷ ва коркарди такрории маъданҳои урандор ва минбаъд гирифтан аз истифодабарӣ, ва барқарорсозии муҳити зист, партовҳои дигари радиоактивӣ ва ғайрирадиоактивӣ ба вуҷуд меоянд, ки ба категорияҳои дар боло зикршуда мансуб намебошанд.

22. Ҳамаи партовҳои истифодашаванда, бо назардошти реагентҳои технологии истифоданашуда, сӯзишворӣ ва маводи бандубастшуда ва монанди инҳо, бояд аз майдон баъди озодкунии онҳо барои истифодаи такрорӣ дур карда шаванд ё ба қабати ҳимоявӣ гирифта шаванд. Муҳим аст, ки дар дараҷаи зиёди имконпазир маводҳо такроран коркард ва истифода шаванд. Ҳамчунин муҳим аст, ки зимни иҷрои раванди солимгардонӣ боқӣ намондани чунин маводҳо ва майдонро олуда накардани онҳо таъмин карда шавад.

23. Новобаста ба он, ки ташвиши асосӣ метавонад ба олудашавии зиёди радиоактивӣ алоқаманд бошад, дар раванди солимгардонии майдон бояд дигар олудакунандаҳои имконпазир, ки метавонанд ба муҳити зист таъсири номусоид оваранд, мисли химикатҳои органикӣ ва металлҳои вазнин, низ ба назар гирифта шаванд. Ба сифати мисол инҳоро овардан мумкин аст:

1) истифодаи чӯбу тахта аз конструксияҳои чӯбини шахтаҳо;
2) партовҳои озмоишгоҳӣ (зарфи шишагӣ, либос ва монанди ин):
3) такшинҳо дар қубурҳо, насосҳо, клапанҳо ва полояҳо (филтрҳо) ва ғайра:
4) равғанҳо ва маводи молиданӣ аз дастгоҳҳо ва механизмҳо.

24. Муомилот бо чунин партовҳо бояд тибқи меъёр ва қоидаҳои амалкунанда амалӣ карда шавад. Агар коркарди такрорӣ ё истифодаи такрории маводҳо баъд аз дезактиватсия ва озодкунӣ ғайриимкон аст, пас онҳо бояд дар объектҳои тасдиқшуда дар майдон ё берун аз майдон гӯронида шаванд. Фурӯхтани чунин маводҳо метавонад барои ҷуброн кардани хароҷот ба барномаи солимгардонӣ каме даромад оварад, ҳамчунин хароҷотро ба гӯрониши чунин маводҳо коҳиш диҳад.

ФЕҲРИСТИ БАҲИСОБГИРИИ ДАВЛ
САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД
Р/Б № 1048
«29» 12 с. 20